**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА**

**СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 338:43 (575. 3)

ТКБ 84 (тоҷик 2)

Ғ 41

**ҒАФУРЗОДА СОРБОН ХУШДИЛ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**(дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D051000– Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051003- Амнияти иқтисодӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

**н.и.и., дотсент Ҷабборов Ф.А.**

**Душанбе 2025**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ.................................................3**
**МУҚАДДИМА.........................................................................................................4**
**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ САНОАТ..........................................................14**
1.1. Асосҳои назариявии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат......14
1.2. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити муосир.......................................................................................................25
1.3. Ҷанбаҳои методии арзёбии амнияти иқтисодии сохаи саноат...............44
**БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ТАҲДИДҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН...61**
2.1. Таҳлили нишондиҳандаҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт................61
2.2. Баҳодиҳии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................74
2.3. Имкониятҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити рушди инноватсионӣ.........................................................96
**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.......................................................................................116**
3.1. Такмили сиёсати саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт.........................................................................................116
3.2. Таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард.................129
3.3. Роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон...........................................................................................145
**Хулосаҳо...........................................................................................................160**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот........................163**
**Рӯйхати адабиёт...............................................................................................166**
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия..................................................185**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АМОҶТ – Ахбори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

БМТ – Бонки милли Тољикистон

ИДМ –Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти муттаҳидаи Амрико

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИИАО – Иттиҳоди иқтисодии Авру Осиё

КОА ҶТ – Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ВСТНҶТ – Вазорнати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶХЧ – Ҷумҳурии халқии Чин

ТИ– Технологияҳои инноватсионӣ

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

ФР – Федератсияи Россия

МММ – Маҷмӯи маҳсулоти миллӣ

СМРҶТ 2030-Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

БРИҶТ- Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

СРСҶТ- Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

МОИ-Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

ҲРУ- Ҳадафҳои рушди устувор

СҲШ- Созмони ҳамкории Шанхай

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Рушди устувори иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавии амиқ ноил шудан ба ҳадафҳои мутавозини мақсаднокро дар назар дорад, ки рақобатпазирӣ ва мутобиқшавӣ ба дигаргуншавиҳои иқтисодии берунаро таъмин менамоянд. Ҳамзамон рушди соҳаҳои калидии иқтисодиёт бояд ба тавсияҳои стратегии илман асоснокшуда, ки аз ҷабҳаҳои институтсионалӣ, сармоягузорӣ, инноватсионӣ ва инфрасохторӣ иборатанд, такя намоянд. Таъминоти амнияти иқтисодии соҳаи саноат аҳаммияти хосро касб менамояд, зеро маҳз саноат, ки қобилияти баланди афзояндагиро дорад, асоси афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, азнавшавии пойгоҳи технологӣ ва тавсеаи бозори дохилиро ташаккул медиҳад. Дар ин ҷо, таъмини устуворӣ ва амнияти истеҳсолоти саноатӣ ба омили низомсозе табдил меёбад, ки дурнамои дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таҳкими истиқлоли иқтисодии давлатро муайян карда метавонад. Тавре дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд гардидааст: «...тағйирёбии босуръати симои геосиёсӣ, геоиқтисодӣ ва технологии ҷаҳони муосир дар назди кишварамон масъалаи таъмини рушди иқтисодии устуворро бо чораҳои пешгирикунандаи таъмини амнияти миллӣ мегузорад» [10].

Мавриди зикр аст, ки таъмини амнияти иқтисодӣ махсусан барои соҳаи саноат, рушди устуворро фароҳам месозад, аз ин рӯ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар ин росто як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шудаанд. Бинобар ин, яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рушди иқтисоди мамлакат соҳаи саноат ба ҳисоб меравад. Имрӯз соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати кишвар комилан сатҳи навро ба худ касб намуда, ба яке аз фишангҳои асосии пешбарандаи иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими рушди соҳаи саноат, таъмини амнияти иқтисодии он мебошад. Кафолати амнияти иқтисодӣ шарти калидии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи саноат, баромад намуда, азнавсозии

механизми таъмини он дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи таъхирнопазири замони мо маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок роҳандозӣ намудани низоми амнияти иқтисодӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин стратегияву барномаҳои давлатӣ таҳия ва қабул гардидаанд.

Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, барои суръатбахшии ин ё он фаъолият воситаву механизмҳои мушаххасе лозиманд, ки низоми ягонаро ташкил дода, заминаҳои мусоиди инкишофро таъмин месозанд. Дар ин росто, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардид, ки «...соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд. Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад» [8].

Нишондиҳандаҳое, ки дар натиҷаи андешидани маҷмӯи чорабиниҳои ташкиливу стратегӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар самти соҳаи саноат ба даст омадааст, бозгӯйи онанд, ки соҳаи мазкур инкишоф ёфта, иқтидори иқтисоди миллиро баланд бардошта истодааст.

Дар баробари ин, дар адабиёти иқтисодӣ масъалаҳои зиёд мансуб ба принсипҳои ташкили низоми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо мавҷуданд, вале ҳоло ҳам воситаву механизмҳои татбиқи амалии онҳо ба таври кифоят коркард нагардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки рушди устувори истеҳсолоти саноати ватанӣ бевосита аз таъминоти самаранок ва саривақтии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ вобаста аст. Дар шароити афзоиши чолишҳои ҷаҳонишавӣ, вусъати рақобат ва пайдо шудани таҳдидҳои иқтисодии нав

мутахассисони корхонаҳоро мебояд, ки дар самти такмил ва азнавсозии механизми таъмини амнияти иқтисодӣ чораҳои маҷмӯиро роҳандозӣ намоянд. Дар ин маврид бояд ба татбиқи усулҳои инноватсионӣ, технологияҳои рақамӣ ва равишҳои муосири идоракунии хавфҳо аҳамияти махсус дода шавад. Ин имкон медиҳад, ки таҳдидҳои иқтисодӣ саривақт ошкор, пешгирӣ ва кам карда шаванд.

Ҳамин тавр, барои васеъ намудани миқёси истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва амалкарди устувори он дар шароити имрӯза такмили минбаъдаи механизми таъмини амнияти иқтисодии субъектҳои фаъолияти саноатӣ бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷӣ хело муҳим арзёбӣ мегардад. Маҳз масъалаҳои мазкур муҳиммият ва саривақтӣ будани мавзӯи таҳқиқотро муайян менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Масоили таъмини амнияти иқтисодӣ, равишҳо ва усулҳои идоракунии онҳо дар асарҳои олимони зерин баррасӣ гардидаанд: А.М. Корнилов [104], А.А. Одинцов [43], А.Ю. Евсеева [80], С.В. Олейников [42], Н.В. Матвеев [157], В. А. Богомолов [22], М.И. Королев [33], А.Г. Шаваев [53],, В.И. Ярочкин [55], Григорьева Е.Н. [78], Грибин Н.П. [74], Голощапова Ж.Н. [75], Рахимов Р.К. [44], Каюмов Н.К.[88], Қодиров Д.Б. [91], Қандиёрова Д.О. [98], Саидмуродов Л.Х. [126], Мирсаидов А.Б. [102] ва дигарон.

Баъзе ҷанбаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ дар асарҳои олимони зерини тоҷик мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода шудаанд: Солеҳзода А.А. [123], Ҷурабоев Ғ.Ҷ. [81], Ҷабборов Ф.А. [82] ва дигарон.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он ки масъалаи мазкур аз ҷониби доираи васеи олимони ватаниву хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта бошад ҳам, то ҳол як қатор мушкилоти дигари он, аз қабили механизмҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард, усулҳои идоракунии онҳо, вазъи муосири танзими давлатии онҳо ва усулҳои идоракунии давлатии онҳо ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи як қатор ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, инчунин дар доираи нақшаи татбиқи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади тадқиқот** асосноккунии назариявии равишҳо доир ба ташаккули низоми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодие, ки ба устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисод мусоидат менамоянд, маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин ҳал гардидаанд:

– моҳият ва мазмуни мафҳуми «таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ» аз рӯйи нуқтаи назари устуворӣ, қобилияти мутобиқшавии инноватсионӣ ва рақобатпазирӣ дар шароити таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мушаххас карда шавад;

– омилҳои асосии таъсиррасон ба амнияти иқтисодии корхонаҳо муайян ва тасниф карда шуда, инчунин алгоритми баҳодиҳии маҷмуии он дар заминаи таҳлили фаъолияти онҳо ва ошкорсозии нуқтаҳои осебпазир таҳия карда шавад;

– самтҳои афзалиятноки ислоҳоти институтсионалӣ ва инфрасохтории низоми дастгирии бахши саноатӣ бо дарназардошти таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ ва талаботи рушди инноватсионӣ асоснок карда шавад.

– механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти иқтисодӣ дар заминаи ҳамкории мутақобилаи байнисатҳии ниҳодҳои давлатӣ ва корхонаҳои саноати коркард таҳия карда шавад, ки ба муосиргардонӣ, рушди устувор ва тақвияти рақобатпазирии соҳавӣ мусоидат менамояд.

**Объекти таҳқиқоти** диссертатсионӣ корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқотро** механизмҳои ташкилию-иқтисодие мебошанд, ки ба таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард равона шудаанд.

**Фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки механизми ташкилию-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноати коркард имконияти иқтидори истеҳсолии корхонаҳоро баланд бардошта, заминаи муфиди рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшудаи ватаниро муҳайё месозад ва инчунин роҳҳои беҳтарсозии технологияи коркарди ин ё он намуди маҳсулоти саноатиро асоснок менамояд, ки дар натиҷа молҳои воридотивазкунанда ва ба содиротнигаронидашуда тавлид меёбанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** аз асарҳои бунёдии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард ва механизмҳои таҳкими онҳо, инчунин коркардҳои пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, маводи конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, маълумотҳо аз монографияҳо ва дигар асарҳои илмӣ иборат мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз таҳияи муқарраротти назариявию методологӣ ва консептуалие иборат мебошад, ки онҳоро дар таҳқиқоти минбаъда, дар самти баландбардории самаранокии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ васеъ истифода намудан мумкин аст. Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсияи мазкур пешниҳодшударо мақомотҳои давлатие, ки фаъолияташон ба самти мазкур равона гардидааст, баҳри ҳалли масъалаҳое, ки вобаста ба таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард пайдо мегарданд, истифода карда метавонанд. Механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст, метавонад дар раванди истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ

васеъ истифода гардад ва рақобатпазириро барои молу маҳсулотҳои истеҳсолшуда муҳайё созад.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** сарчашмаҳои муътамади илмии пажӯҳишгарони ватаниву хориҷие, ки дар самти таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, рақобатпазирӣ ва ташаккули низоми идоракунии онҳо, ки таҳлилҳои амиқ гузаронидаанд, ташкил медиҳад.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегияву барномаҳои давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд, маълумотҳои омории маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои даврии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои таҳлилии институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, Институтҳои илмию тадқиқотии “Сайёҳӣ ва соҳибкорӣ”, “Рушди устувор ва иқтисоди сабз”, маводи чопӣ ва электронии ВАО, маводи илмии конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, инчунин маълумотҳои муаллифро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иҷро гардидааст. Давраи иҷрои диссертатсияи мазкур солҳои 2019-2024-ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи иттилотию** таҷрибавии таҳқиқотро нишондиҳандаҳое ташкил медиҳанд, ки дар сарчашмаҳои зерин оварда шудаанд: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2011-2020, Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳия ва асосноккунии илмии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ифода меёбад, ки дар заминаи муаяйнсозии муназзами таҳдидҳо, идоракунии стратегӣ ва татбиқи тадбирҳои зиддибуҳронии пешгирикунанда бо ҳадафи таъмини фаъолияти устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити рушди босуръати инноватсионӣ ва технологии иқтисоди миллӣ амалӣ карда мешавад.

Ба унсурҳои асосии навгонии илмӣ дохил мешаванд:

– дар асоси таҳлил ва ба низом овардани равишҳои илмии олимони иқтисодчии ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф категорияи "таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ"-ро дақиқ намудааст, ки зери он ҳолати фаъолияти мӯътадил ва устувори амалкарди корхонаҳои саноатӣ, қобилияти амалӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ, муттасилӣ ва самаранокии раванди истеҳсолот, таъмини пардохтпазирӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди рақобатпазирии он дар шароити таъсири хатарҳои дохиливу берунӣ фаҳмида мешавад.

– омилҳои асосии таҳдидкунанда ба амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ, аз ҷумла ноустувории низоми иттилоотӣ, технологияҳои кӯҳна, номукаммалии нақшаҳои ҷорӣ ва дурнамо, ҳолатҳои фавқулода ошкор карда шуда, инчунин алгоритми арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи амнияти иқтисодӣ дар давраи муайян, ки ҷамъоварии пайдарпайи иттилоот, муайянсозии мушкилот ва таҳлили самаранокии фаъолияти корхонаро дар бар мегирад, асоснок карда шудааст;

– нишондиҳандаҳо ва таҳдидҳои асосии амнияти иқтисодии бахши саноат дар шароити ноустувории иҷтимоию иқтисодӣ ба низом дароварда шудаанд ва самтҳои афзалиятноки ислоҳоти институтсионалӣ ва инфрасохторӣ асоснок гардидаанд, ки фарогири зерсохторҳои молиявию қарзӣ, сармоягузорӣ, логистикӣ, фурӯш, иттилоотию маркетингӣ ва илмию технологиро буда, барои ташаккули модели маҷмуии ҳамкории байнисоҳавӣ,

инчунин ҳавасмандгардонии раванди муосиргардонӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати коркарди кишвар замина фароҳам месозанд;

– механизми ташкилию-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Тоҷикистон бо дарназардошти консепсияи ҳамкории институтсионалии мутобиқшаванда ва низоми баҳодиҳии пешгирикунандаи таҳдидҳо тарҳрезӣ шуда, ба баланд бардоштани устувории технологӣ, ҳавасмандсозии фаъолиятҳои инноватсионӣ ва ташаккули низоми устувори дастгирии соҳавӣ равона шудааст.

***Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:***

1. аз ҷониби муаллиф таърифи амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ ҳамчун қобилияти рушди устувор ва мутобиқшаванда дар шароити таҳдидҳои мураккаби дохилӣ ва хориҷӣ пешниҳод шудааст;

2. таҳдидҳои калидии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ба низом дароварда шуда, алгоритми арзёбии ҳамаҷонибаи он аз рӯйи динамикаи вақт асоснок гардидааст, ки фарогири таҳлили таркибии сабабҳо, паёмадҳо ва самаранокии фаъолияти корхонаҳо мебошад;

3. хавфҳои асосии амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити ноустувории макроиқтисодӣ ба таври муназзам ва аз ҷиҳати илмӣ шарҳ дода шуда, ҳамчунин самтҳои ислоҳоти институтсионалӣ асоснок гардидаанд, ки ба таҳкими ҳамоҳангии байнисоҳавӣ ва дастгирии навсозии устувори саноати коркард равона шудаанд;

4. механизми ташкилию иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард таҳия гардидааст, ки он бо модели ҳамкории давлат ва соҳа, инчунин воситаи арзёбии сиёсати саноатӣ ҳамгиро шуда, ба ташаккули низоми дастгирии рушди устувор ва рақобатпазирии соҳа равона шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он таҷассум меёбад, ки муқаррароти назариявӣ-методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодшуда ҳангоми таҳияи тавсияҳо баҳри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шуда метавонанд.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D0501000–Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ мувофиқат мекунад:

12.3. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои тасниф (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва абзорҳои танзими он

12.6. Самтҳои консептуалӣ ва стратегии баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ, меъёрҳои амнияти иқтисодӣ.

12.7. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, тиҷорати берунӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра).

12.10. Механизмҳо ва абзорҳои ташкили низоми самараноки амнияти иқтисодӣ.

12.16. Сиёсати сохторӣ ва амнияти иқтисодӣ (методология, методҳо, механизмҳо ва абзорҳо).

12.17. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии амнияти иқтисодӣ (назарияи методологӣ ва амалия).

12.21. Рушди методологияи таҳияи доктринаи амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида (озуқа, энергетика, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғ).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Пешниҳодоти муаллиф дар самти мукаммалсозии механизми таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат назаррас хоҳад буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар намуди маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ,

ҳамоишҳо ва семинарҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар баррасӣ гардидаанд.

Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсиониро дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои "Иқтисод ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ", "Амнияти иқтисодӣ" "Иқтисоди корхона", "Иқтисоди соҳибкорӣ", "Банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхонаҳо" ва ғайраҳо истифода намудан мумкин аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Доир ба мавзӯи кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 23 мақола дар ҳаҷми умумии 8,145 ҷ.ч. нашр шудааст, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ташкл медиҳад..

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 160 номгӯй иборат мебошад. Кор дар ҳаҷми 188 саҳифа иҷро шуда, аз 33 ҷадвал ва 20 расм иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ САНОАТ

## 1.1. Асосҳои назариявии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат

Дар низоми иқтисодиёти муосир кластерҳои саноатии ватанӣ, бояд фаъолияти пурсамар дошта бошанд. Таҳдидҳо ва хатарҳои доимии дохилӣ ва берунӣ ба раванди соҳаи санот халал ворид сохта, асоси пайдоиши як қатор муаммоҳо мегарданд.

Барои баланд бардоштани сатҳи амнияти иқтисодии корхонаҳо, ташкили низоми оптималӣ дар асоси экосистемаи саноатӣ имконпазир мегардад. Мушаххасан экосистемаи саноатӣ метавонад, боиси коҳишёбии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳо гардад.

Дар раванди таҳқиқ сараввал ҷанбаҳои назариявии мундариҷаи амнияти иқтисодиро баррасӣ хоҳем кард. Ба ақидаи муҳаққиқ Ю.О. Заяц «...ҳарчанд, амнияти иқтисодӣ бояд иқтисоди солими бозорро дар бар гирад, ки нуфузи пуриқтидори рақобатпазир дар бозори ҷаҳонии коло ва хидматҳо дорад. Дар ин росто рушди иқтисодӣ бе сиёсати «оқилона»-и давлат имконнопазир аст» [12].

Прохожев ва А. М.Корнилов то 30 мафҳуми амнияти иқтисодиро аз ҳамдигар ҷудо намудаанд, ки ҳам аз ҷиҳати таркиб ва ҳам аз ҷиҳати маъно аз ҳамдигар куллан фарқ мекунанд [105, с.289].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» таърифи амнияти иқтисодӣ чунин шарҳ дода шудааст: «...**амнияти иқтисодӣ —** вазъи муҳофизатии иқтисодиёти миллӣ аз шароит, раванд ва омилҳои дохиливу беруние, ки рушди устувор ва истиқлолияти иқтисодиро зери хатар мегузоранд» [3].

Гуфтан ба маврид аст, ки таъмини амнияти иқтисодӣ метавонад, дигар заминаҳои муфидро бахри расидан ба рушди устувори иқтисоди миллӣ фароҳам оварад.

«...Амнияти иқтисодиро метавон аз нуқтаи назари таъмини ҳифзи манфиатҳои ҳаётии ҳамаи сокинони кишвар, ҷомеа ва давлат дар соҳаи иқтисодӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ баррасӣ кард» [37, с.89;119, с.460].

Барои таҳлили хусусиятҳои таърифҳои гуногуни амнияти иқтисодӣ мо аз мафҳуми хеле маълум ва густурдаи амнияти иқтисодӣ истифода мебарем, ки олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия кардаанд.

Вобаста ба мақсадҳои асосии пажӯҳиш гуфтан зарур аст, ки таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат зинаҳои бисёрсатҳаро аз сар мегузаронад ва муносибатҳои нави иқтисодиро фароҳам месозад.

Ба ақидаи як қатор олимони соҳаи иқтисод «...амнияти иқтисодӣ ҳамчун механизми асосие мебошад, ки рушди устувори дигар соҳаҳоро таъмин месозад» [65, с.75; 67, с.105; 77, с.46; 86, с.79;104, с.45].

Мавриди ёдоварист, ки амнияти иқтисодиро метавон аз якчанд нуқтаи назар мавриди таҳқиқ қарор дод ва паҳлӯҳои гуногуни онро аз нуқтаи назари илмӣ баррасӣ намуд.

«...Амнияти иқтисодии кишвар яке аз унсурҳои муҳимтарини иқтисодӣ буда, устувории рушди иқтисодиёти давлатро муайян намуда, ҳифзи манфиатҳои миллиро кафолат медиҳад ва иқтидори кофии мудофиавӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеаро ҳатто дар шароити номусоиди дохилӣ ва равандҳои берунаи иқтисодӣ таъмин менамояд» [38, с.63].

Олимони соҳаи иқтисод Ващекин Н. П.[21], Вечканов Г.С. [20], Гусев В.С. [25], Куликова Е.Е. [27], Каранина Е.В. [28], Колас Б [29], Крутиков В. Г., [30], Куклин А.А. [31], Курочкон Ю.С [32], Маиляна С.С. [40] амнияти иқтисодиро ҳамчун унсури асосии рушди дигар зерсоҳаҳои иқтисодиёт медонанд.

Ба шарофати амнияти иқтисодӣ бояд ягонагии манфиатҳои ҳама субъектҳо ба даст оварда, хатару таҳдидҳо рафъ карда шуда, барои рафъи буҳрони кишвар тадбирҳо андешида шаванд.

Амнияти миллӣ мафҳум ва сохтори мураккаби системавӣ мебошад.




**Расми 1.1. -** Сохтори амнияти иқтисодӣ

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Дар сохтори амнияти иқтисодӣ навъҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: иқтисодӣ, экологӣ, иттилоотӣ, нақлиётӣ, озуқаворӣ, амнияти моликият ва ғайра.

Ҳамаи ин навъҳо ба ҳамдигар муносибати наздик ва таъсири мутақобила доранд. Таъмини амнияти миллӣ дар маҷмӯъ аз таҳкими амнияти ҷузъҳои алоҳидаи он, пеш аз ҳама иқтисодӣ иборат аст.

Мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» дар ибтидои асрҳои 19 ва 20 пайдо шуд. Он дар чорроҳаи ду соҳаи илм - иқтисод ва сиёсатшиносӣ ташаккул ёфта, аз адабиёти хориҷӣ гирифта шудааст.

Айни замон мафҳуми ягонаи «амнияти иқтисодӣ» вуҷуд надорад, ҳарчанд ба ин масъала мақолаву нашриёҳои зиёди илмӣ нашр шудаанд.

Муаллифон бо назардошти моҳияти ин мафҳум, бо истифода аз таърифҳои худ категорияҳои гуногуни амнияти иқтисодиро баррасӣ ва пешниҳод намудаанд.

Бори аввал равишҳои илмӣ ба омӯзиши масъалаҳои амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфронси илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар соли 2007 асосҳои ҳамаҷониба пайдо карданд [95, с.124]. Дар ин конфронс

натиҷаҳои пешакии коркардҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавқеъгирии олимони ватанӣ оид ба проблемаҳои таъмини амнияти иқтисодии мамлакат пешниҳод карда шуданд. Таҳлили ҳамаҷонибаи андешаҳои пешниҳодшуда оид ба ин проблема нишон дод, ки категорияи амнияти иқтисодиро олимони гуногун ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Ҳамин тавр, «...дар илми иқтисодии ҷаҳон тафсирҳои гуногуни ин категория низ мавҷуданд» [42, с.768].

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаи омӯзиши амнияти иқтисодӣ бояд дар доираи тамоми иқтисоди миллии кишвар баррасӣ шавад, яъне, бо истифода аз нишондиҳандаҳо дар сатҳи макроиқтисодӣ ё маҷмӯӣ ва ғайраҳо. «...Ин раванди омӯзиш ба мо имкон медиҳад, ки ба таҳлили номгӯйи калони нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодиро, ки умуман вазъиятро инъикос мекунанд, дохил кунем» [118,с.364]. Аммо, дар муқоиса бо дигар корҳои илмӣ, ин тадқиқот на танҳо баррасии амнияти иқтисодиро бо нишондодҳо ва объекти мушаххаси омӯзиш, балки чунин ҳадаф бо истифода аз усули ягонагии таърихӣ ва мантиқӣ дар шинохти падидаҳои иқтисодӣ равшанӣ андозад.

«...Дар кишвари мо амнияти иқтисодӣ таърихан дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз мавқеи пеш аз ҳама буҳрони дигаргунсозӣ, баъдан аз нигоҳи таъмини иҷтимоӣ ва нигоҳдории сатҳи зиндагии аҳолӣ баррасӣ шудааст, баъд аз мавқеи таъмини рушди устувор, аз нуқтаи назари паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ниҳоят аз мавқеи ташаккули принсипҳои рушди стратегии дарозмуддат мебошад» [154, с.18].

Доираи тадқиқоти мо, ки таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат мебошад равишҳои назариявии онро мавриди омӯзиш қарор медиҳем.

Як гурӯҳ олимон ба ин назаранд, ки «...барои таъмини амнияти иқтисодӣ пеш аз ҳама фишангҳои махсуси танзимкунанда зарур аст, ки марҳила ба марҳила таҳдидҳои ҷойдоштаро дар низоми иқтисодиёт бартараф созад» [116, с.2;118, с.138;127, с.62;128, с.79].

Дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз шартҳои асосии самараноки фаъолияти корхона таъмини амнияти иқтисодии он маҳсуб меёбад. Амнияти иқтисодии корхона унсури муҳиме мебошад, ки барои рушду нумӯи истеҳсолоти корхона шароити мусоидро фароҳам месозад, ки бешубҳа ба иқтисоди миллӣ низ манфиати заруриро муҳайё месозад. Дар раванди таҳқиқи хусусиятҳои асосии амнияти иқтисодии корхона якчанд равишҳои ба ҳам мушобеҳро метавон вохӯрд, ки дар Ҷадвали 1.1. оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.1.-**Таснифи омӯзиши амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ*

| Муаллифон | Мафҳумҳо |
|---|---|
| А.А. Одинцов [43, с.46], А.Ю. Евсеева, С.В. Котик, [80,с.46], Е.А. Олейников [42, с.768], Н.В. Матвеев [157,с.37], А.А.. Богомолов [22, с.23]. | Амнияти иқтисодии корхона-сарчашмае мебошад, ки таъминкунандаи иқтидори корхона ва истифодабарии захираҳоро муҳайё мекунад. |
| М.И. Королев [33, с.28], А.Г. Шаваев [53, с.19], В.И. Ярочкин [55, с.43]. | Таъмини амнияти иқтисодии корхона-фишанги асосии мубориза бар зидди намудҳои гуногуни ҷиноятҳои иқтисодӣ мебошад. |
| А.В. Козаченко, В.П. Пономарев, А.Н. Ляшенко [26, с.76]. | Амнияти иқтисодии корхона рақобати солимро ба миён оварда, мустақиман ба иқтисодёти миллӣ таъсири мусбӣ мерасонад. |
| В.В. Шлыков [54, с.16], А.В. Кашин [154, с.13], О.А Грунин, С.О. Грунин [24, с.23], С.А. Арбузов [147, с.301] | Амнияти иқтисодии корхона-омили асосии муҳофизаткунада аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. |
| У.Т. Хайитматов, О.Х. Азаматов, Р.Р. Мажидов, А.Ф. Хакимов [133, с.236]. | Нигоҳдории манофеи асосии корхона аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, аз он ҷумла, захираҳои инсонӣ ва зеҳнӣ, сармоя, технология ва иттилоот |
| Мирсаидов А.Б. [102, с.233], Саидмуродов Л. Х. [126, с.8]. Джураев Х.Г. [152, с.22], Чиниев Д. [160, с.28], Бахроми Т.Т. [149, с.18]. | Таҳлили консепсияҳои назариявӣ, ҷанбаҳои институтсионалӣ ва унсурҳои асосии амнияти иқтисодӣ |
| Ҷурабоев Ғ.Ҷ. [81, с.235], Қодиров Д.Б. [92, с.130], Ҷабборов Ф.А., Файзизода М.С. [82, с.69]. | Самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти иқтисоди милли Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин масъалаҳои танзими давлатии рушди иқтисодӣ |

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ.

Аксар маврид корхонаҳои ватанӣ ба таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ дучор меоянд, ки онҳо хусусияти ғайрирасмиро доранд ва оқибатҳои ногуворроба

вуҷуд оварда метавонанд. Аз ин сабаб метавонем ба хулосае омад, ки таъмини амнияти иқтисодии корхона яке аз ҳадафҳои асоситарини иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта, дар навбати худ барпокунандаи муносибатҳои мушаххаси иқтисодӣ мебошанд. Дар маъхазҳои илмӣ шарҳи ягонаи «амнияти иқтисодии корхона» вуҷуд надорад.

Равишҳои зикргардида, барои муайян намудани мафҳум ва моҳияти амнияти иқтисодии корхона аз ҷониби теъдоди зиёди олимон ва муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ба ақидаи гурӯҳи якуми муҳаққиқон, амнияти иқтисодии корхона дар натиҷаи оқилона истифода намудани захираҳо ва иқтидори воқеии он ба даст меояд. Дар раванди муайян намудани амнияти иқтисодии корхона, ҷонибдорони ин равия талош менамоянд, ки аз истифодаи мафҳуми «таҳдид» даст кашанд ва ба консепсияи иқтисодии расидан ба мақсадҳои устувор такя намоянд. Равиши мазкур то ҳадде бозгӯйи вазъи ояндаи таъмини амнияти иқтисодии корхона буда, мафҳуман марҳила ба марҳила ташаккули низоми иқтисодиёти корхонаро таҷассум менамояд.

Масъалаи омӯзиши муносибатҳои захиравӣ-функсионалиро дар таъмини амнияти иқтисодии корхона олимон, ба монанди А.А. Одинцов [43], А.Ю. Евсеева, С.В. Котик [81], Е.А. Олейников [42], Н.В. Матвеев [157], В. А. Богомолов [22], Довгялло Я.П. [85], Кудряшов В.С. [94], Косов М. Е. [95] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Олимони дигар ба монанди М.И. Королев [33], А.Г. Шаваев [53], В.И. Ярочкин [55], Караваева И.В. [96], Пухова Г.В. [114], Рознина Н.В. [120], Тарасова Н.В. [130], Шмелев М. [137], Якшина И.С. [138], Слепцова Ю. А. [13] амнияти иқтисодии корхонаро ҳамчун эмин мондан аз хатарҳои иқтисодӣ баҳо дода, чунин мешуморнад, ки таҳияи механизми зидди фаъолияти ғайрирасмии иқтисодӣ метавонад, сатҳи бехатарии иқтисодиёти корхонаро баланд бардорад ва ба ин васила як қатор таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро барои корхона осебнопазир гардонад.

Бешак, чунин категорияҳои таҳдидҳо бояд ҳамеша мавриди таҳлил ва омӯзиши амиқ қарор дода шавад. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаро бо чораҳои мазкур пурра коҳиш додан имконнопазир аст.

Афзалияти рақобатӣ ба ақидаи олимон А.В. Козаченко, В.П. Пономарев, А.Н. Ляшенко [26], Ялмаев Р.А. [139], Арров К. [56], Барр О. [57] Солиев А. А. [124] таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаро муайян менамояд.

Ҷонибдорони ин равия ба ин назаранд, ки афзалиятнокии рақобатӣ дар заминаи мавҷудияти захираҳои молиявию моддӣ, кадрӣ, техникӣ ва технологӣ ба даст оварда мешавад, яъне бартаринокӣ аз ҳисоби пурзӯр намудани иқтидори корхона асоси таъмини амнияти иқтисодии он мебошад.

Бе мавҷудияти захираҳо ва иқтидори техникиву технологӣ, таъмини амнияти иқтисодии корхона кафолат дода намешавад.

Асоси муайян намудани амнияти иқтисодии корхона, ин дараҷаи муҳофизатнокии он аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ташкил медиҳад.

Асосан корхона объекти иқтисодӣ муаррифӣ мегардад, ки рушди устувори макроиқтисодиро таъмин мекунад.

Моликони корхонаҳо пеш аз ҳама ноил гардидан ба мақсадҳои гузоштташударо дар корхона, аз фаъолияти пурсамари он мебинад, ки ин хусусияти иқтисодиро дорад. Мақсади таъсис ва фаъолияти корхона, мубориза бо таҳдидҳоро фаро намегирад.

Имконпазирии иқтисодӣ будани мубориза ба таҳдидҳое, ки амнияти иқтисодии корхонаро зери суол мебарад, мавриди баррасии олимони зиёд қарор гирифтааст ва аксари моликони корхонаҳо низ ба ин таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд. Мавриди зикр аст, ки мубориза ба таҳдидҳо хароҷоти иловагиро ба моликон ба вуҷуд меорад ва натиҷаи дилхоҳи он низ номуайян боқӣ мемонад.

Чунин равишро муҳаққиқон ба монанди В.В. Шлыков [54], А.В. Кашин [154], О.А Грунин, С.О. Грунин [24], С.А. Арбузов [147], Пахомов А. А.

[112], Порфирьев Б.Н. [113], Долхопалова М. М. [141], Миндели Л. [144], Киршнер Ҷ. [145] ва дигарон бештар таҳқиқ намудаанд. Тибқи ақидаи олимони мазкур таъмини амнияти иқтисодии корхона-ин эмин нигоҳ доштани нуқтаҳои муҳими корхона аз ҳар гуна таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Муҳаққиқони болозикр чунин қайд менамоянд, ки таъмини амнияти иқтисодии корхона ба воситаи баландбардории иқтидори зеҳнӣ, технологӣ, техникӣ, ташкилӣ, сармоя ва ғайраҳо, ки ба низоми тадбирҳо дар ин росто маҳсуб меёбанд, даст медиҳад.

Заминаи ҳуқуқии таъмини амнияти иқтисодии корхона низ яке аз шаклҳои асосии чорабиниҳои баландбардорандаи ҳамаи самтҳои асосии корхона арзёбӣ мегардад.

Равиши дигаре, ки дар омӯзиши таъмини амнияти иқтисодии корхона нақши бориз дорад, аз ҷониби як қатор олимон, аз ҷумла, У.Т. Хайитматов, О.Х. Азаматов, Р.Р. Мажидов, А.Ф. Хакимов [133], Н. К. Муратова [108, с.264], И. А. Богданов [19], Элстер Ҷ. [142], Гнидченко О. [143] ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст.

Олимони аврупоӣ чунин мешуморанд, ки таъмини амнияти иқтисодӣ пеш аз ҳама, аз санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ сарчашма мегиранд [15; 16;18].

Такмилёфтатарин таърифи амнияти иқтисодии корхона дар асоси иртиботи маҷмӯие, ки дар заминаи якҷошавии усулҳои мавҷуда, асос ёфтаанд, мураттаб намудан мумкин аст.

Амнияти иқтисодии корхона-низоми тадбирҳои амалӣ мебошад, ки дар натиҷаи роҳандозӣ намудани чорабиниҳо, ба монанди банақшагирии стратегӣ, ташаккули низоми молиявии корхона, коркарди барномаҳои рушд, коҳиши таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба миён меояд.

Албатта, таъмини амнияти иқтисодии корхона марҳилаҳои муайянро дар бар гирифта, боназардошти мавҷудияти захираҳо амалӣ карда мешавад.

Ҷонибдорони равияи мазкур ба он ақидаанд, ки амнияти иқтисодии корхона ҳамон вақт эмин аз хатарҳои берунӣ ва дохилӣ мемонад, ки иқтидори рақобатиаш баланд бошад.

Тибқи адабиёти хориҷӣ ҳалли проблемаҳои таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, тариқи зайл шарҳ дода шудааст:

- расидан ба мақсадҳои гузошташдаи иқтисодӣ;
- ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ боназардошти сиёсати хориҷии давлат;
- ба низоми муайян даровардани муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- баланд бардотани рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ;
- аз худ намудани бозорҳои дохилӣ ба воситаи истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ.

Бояд тазаккур дод, ки таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат, тавассути маҷмӯи чорабиниҳо имконпазир аст, ки он аз ҷониби давлат тарҳрезӣ карда шуда, тибқи он амал карда мешавад. Аксар маврид барои даст ёфтан ба ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ, барномаву стратегияҳо қабул карда мешаванд, ки он барои ҳалли масъалаҳои дар соҳаи мазкур мавҷудбуда, равона карда мешаванд.

Гуногун будани таърифҳои амнияти иқтисодӣ метавонад бо нақшҳои гуногуни давлатҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ алоқаманд бошад. Яъне, «...мафҳуми амнияти иқтисодӣ воқеияти объективӣ нест, балки аз амалия ва мушкилоти мавҷуд дар давлат (минтақа) бармеояд» [123, с.276]. Аз ин маълум мешавад, ки чаро бисёре аз олимони рус амнияти иқтисодиро дар равияи илмӣ тасниф намекунанд.

Мафҳуми амнияти иқтисодӣ гарчанде мавриди омӯзиши як қатор олимони ватаниву хориҷӣ гардида бошад ҳам, аммо то ҳол он ба таври ягона таърифеоро доро намебошад.

Барои омӯзиши муаммоҳои таъмини амнияти иқтисодӣ моро зарур аст, ки таҳқиқотҳои зиёд ва гуногунро мавриди омӯзиш қарор диҳем ва дар натиҷаи он хулосаи дақиқро роҷеъ ба самти мазкур ошкор созем, ки ин албатта аз принисспҳои таҳқиқотии мо вобаста мебошад.

Олимони рус Г.В. Гутман, Ю.Н. Лапыгин, А.И. Прилепский [35] қайд мекунанд, ки амният наметавонад «маҷмӯи шароит ва омилҳо» бошад. Ба андешаи мо, амнияти иқтисодӣ низ наметавонад «маҷмӯи чораҳо» бошад.

Ғайр аз ин, академик В. Сенчагов «...амнияти иқтисодиро ҳамчун давлате таъриф мекунад, ки дар он таҳдиди дохилӣ ва беруна ба нигоҳдории иқтидори иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии минтақа аз сатҳи пасттар барои баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолии он вуҷуд надорад, кам карда мешавад ё аз байн меравад» [46, с.89].

«...Чунин ба назар мерасад, ки шароит на ҳамеша ҳолати зарурии чизеро ба вуҷуд меорад» [153, с.12]. Яъне, барои таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат сараввал моро зарур аст, ки сатҳи истеҳсолро пурзӯр намуда, молу маҳсулоти баландсифатро ба бозор таҳвил диҳем, то ки истеъмолкунадаро қонеъ сохта тавонем.

Дар маҷмӯъ дар асоси баррасии асосҳои илмию назариявӣ оид ба мафҳуми амнияти иқтисодии корхона чунин шарҳро зарур медонем: «Таъмини амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ» чунин ҳолати он мебошад, ки фаъолияти муътадилро роҳандозӣ намуда, қобилияти татбиқи инноватсия, раванди мунтазами истеҳсолот, пардохтпазирӣ ва дараҷаи баланди рақобатпазирро ҳангоми ҷой доштани таҳдидҳои дохиливу берунӣ ба роҳ мемонад.




**Расми 1.2. - Марҳилаҳои ташаккули амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки таъмини амнияти иқтисодиро дар соҳаи саноат дар бар мегирад, ин ташаккули низоми ягонаи истеҳсолот мебошад. Барои таъмин намудани амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат пеш аз ҳама иқтидори истеҳсолӣ бояд баланд бардошта шавад, ки рақобапатзирии молу маҳсулотҳои истеҳсолиро дар бар гирад. Марҳилаҳои таъмини амнияти

иқтисодӣ дар соҳаи саноатро дар расми 1.2. ба таври зайл пешниҳод менамоем.

Дар расми пешниҳодшудаи 1.2. фаҳмишҳо роҷеъ ба марҳилаҳои ташаккули амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат мавриди баррасӣ қарор дода шуда, то ҳадде ин раванд возеҳ гардонида шудааст.

Дар бисёр аз нашрияҳо «...таҳқиқоти мафҳуми амнияти иқтисодӣ аз баррасии мафҳуми амният оғоз мешавад, ки дар мафҳуми умумӣ маънои муҳофизат аз таъсири ҳама гуна таҳдидҳоро дорад» [90, с.40].

Ба ақидаи мо, «таъмини амнияти иқтисодии корхона» раванди мураккабе мебошад, ки он тавассути фишангҳои пешакӣ ба нақша гиифта шуда, роҳандозӣ карда мешавад ва нуқтаи охирини он низ баландбардории сатҳи бехатарии корхона аз ҳаргуна таҳдидҳо мебошад.

Муҳаққиқ Ҷабборов А. Д. қайд менамояд, ки «....дар сурати таъмин набудани амнияти иқтисодӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ паст меравад, зеро ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз истеҳсолот низ вобастагӣ дорад» [83].

Баъзе муаллифон қайд мекунанд, ки наздикшавии нишондиҳандаҳои амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат  ба арзишҳои ҳадди ниҳоии онҳо аз афзоиши таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ  шаҳодат медиҳад ва агар арзишҳои ҳадди ақал гузашта бошанд, мо метавонем дар бораи ворид шудани иқтисодиёт ба минтақаи бесуботӣ, дар бораи осебпазирии воқеии иқтисодӣ сухан гӯем.

«....Сабабҳои асосии пайдоиши таҳдидҳо дар амнияти иқтисодӣ ноустувории вазъи молиявии корхонаҳо, фазои номусоиди сармоягузорӣ, боқӣ мондани равандҳои таваррум ва дигар мушкилоти марбут ба ноoромшавии молиявӣ дар иқтисодиёт мебошад» [119, с.38].

Боиси ёдоварист, ки «...таъмини амнияти иқтисодӣ дар сатҳи корхонаҳо аз захираҳои молиявии он алоқамандии ногусастанӣ дорад» [132, с.37].

Бояд таъкид кард, ки «...таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат  ва рушди саноатикунонӣ  яксон нестанд» [135, с.25].

Таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат бояд дорои механизми ягона бошад, то ки роҳҳои бартарафсозии таъсири таҳдидҳоро фароҳам созад.

Мавриди зикр аст, ки аксари корхонаҳо, ки ба муфлисшавӣ дучор мешаванд, ин аз набудани механизми ягонаи муҳофизатӣ дарак медиҳад.

Бояд иброз намуд, ки таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат пеш аз ҳама аз истифодаи самараноки фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд аст.

Дар шароити муосир масоили зикршуда хеле мубрам арзёбӣ гардида, мавриди таҳқиқи олимони зиёди соҳаи иқтисод, аз ҷумла дар кишвари мо қарор гирифтаанд.

Масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат барои ҷомеаи илмӣ ва доираи фаъолияти иқтисодию иҷтимоии кишвар раванди нисбатан нав арзёбӣ гардида, яке аз ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи мо амнияти иқтисодии корхона бояд тавре баррасӣ карда шавад, ки дарбаргирандаи манофеи дохили корхона, аз он ҷумла, раванди ба даст овардани фоида, истифодаи оқилонаи низоми такмилёфтаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баррасии фаъолияти корхонаҳо, инчунин бо роҳи коҳиш додани раванди қабули қарорҳои эҳтимолӣ ва паст кардани дараҷаи таваккалият мебошад.

## 1.2. Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити муосир

Дар марҳилаи гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ, таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ, аз қабили афзоиши муносибатҳои ғайрирасмии иқтисодӣ, паст гардидани сатҳи воқеии даромади аҳолӣ, тезу тунд гардидани нобаробариҳои иҷтимоӣ, бад шудани вазъи демографӣ таҳқиқи амиқи илмиро тақозо менамояд.

Мавриди зикр аст, ки таъмин намудани амнияти иқтисодӣ аз истифодаи усулҳои муосири идоракунӣ сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, аксар давлатҳои

мутараққӣ барои рафъи таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ, маҷмӯи тадбирҳоеро роҳандозӣ менамоянд, ки хусусияти танзимкунанда ва стратегиро дорад.

«...Мафҳумҳои «таҳдид» ва «амният» ба ҳам алоқамандии зич дошта, бе омӯзиши пурраи таҳдиди иқтисодӣ ва ғайриқтисодӣ таҳқиқи пурраи амнияти иқтисодӣ имконнопазир аст» [72, с.11;129, с.2;99, с.118].

Таҳдид ба низоми иқтисодиёт аз як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобастагӣ дорад. Дар дилхоҳ низоми иқтисодӣ ва иҷтимоӣ яке аз маъмултарин таҳдид, ин буҳрон мебошад.

Буҳрон чунин зуҳуроте мебошад, ки дар натиҷаи ба амал омадани он, ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда имконнопазир мегардад.

Аз таърифи мазкур бармеояд, ки аз ҳама хатарноктарин таҳдид ба низоми иқтисодиёт, ин буҳрон мебошад.

Аксаран зарарҳое, ки субъектон ба он муқовимат карда наметавонанд, ин аз паст будани раванди идоракунии он шаҳодат медиҳад. Зарарҳо метавонанд, аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ дошта бошанд. Дар низоми таъмини амнияти иқтисодӣ маҷмӯи чорабиниҳои мушаххас, бояд дар доираи имкониятҳои субъект андешида шуда, фарогири тамоми марҳилаҳои фаъолияти он бошад. Дар шароити муосир аксар таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ аз ҳисоби номукаммал таҳия намудани стратегияҳои рушди иқтисодӣ сарчашма гирифта, марҳила ба марҳила низоми фаъолиятро заиф намуда, оқибат ноустувор менамояд. Бинобар ин, олимони соҳаи иқтисод шартҳои асосии рафъи хатараҳоро дар низоми амнияти иқтисодӣ аз дуруст ва самаранок таҳия намудани стратегияву нақшаи чорабиниҳои амал вобаста медонанд.

Низоми ташаккули механизми таъмини амнияти иқтисодӣ, бояд марҳила ба марҳила сурат гирифта, дараҷаи инкишофи таҳдидҳоро маҳдуд намояд. Тибқи талаботи меъёрҳои иқтисодӣ, дараҷаи фарогирии буҳронҳо новобаста аз сабабҳои пайдоиш, бояд қисман ба категорияи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дохил карда шавад. «...Зарарҳо ба иқтисодиёт дар заминаи

падидаҳои гуногун ба миён омада, дар ташаккули минбаъда монеаҳои зиёдро эҷод менамояд» [76, с.85].

«...Яке аз проблемаҳои муҳим дар соҳаи амнияти иқтисодии кишварҳо, ин нодуруст ба роҳ мондани заминаҳои ташкилию институтсионалӣ мебошад» [110, с.87; 100, с.40].

Кишварҳои мутараққие, ки ҷонибдори низоми нави иқтисодии байналхалқӣ мебошанд, таъкид менамоянд, ки дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ аз ҳисоби сабабҳои объективӣ дар вазъияти ногувор қарор доранд. Аз ҷиҳати бартарафсозии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, аксаран кишварҳо боназардоршти сатҳи истеҳсолот ва тақсимоти он байни ҳам сабқат менамоянд, ки ин рақобатро ба миён оварда, заминаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро барои кишварҳои мазкур фароҳам месозад.

Олимони соҳаи иқтисод кушиш ба харҷ медиҳанд, ки таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ аз нуқтаи назари ягона гурӯҳбандӣ намоянд. Таҳдидҳо аз рӯйи дараҷаи таъсиррасонӣ ба амнияти иқтисодӣ, метавонад миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ бошад, инчунин ба сатҳи корхонаҳои шахсӣ низ метавонад ҷудо шавад.

Барои гурӯҳбанди намудани таҳдидҳо, асосан ду равиш мавҷуд аст:

1. Тибқи нуқтаи ибтидоии пайдоиши таҳдид;
2. Тибқи хосиятҳо ва аломатҳои таҳдид.

Аз рӯйи нуқтаи ибтидоии пайдоиши таҳдид, онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Таҳдидҳои иқтисодӣ;
2. Таҳдидҳои сиёсӣ.

Технологияи асосии паст кардани сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, хусусияти ягонаро дошта, имконпазирии фаъолияти минбаъадаи субъектҳои иқтисодиро муайян менамояд. Дар раванди андешидани тадбирҳо, ҷиҳати паст кардани сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ ба инобат гирифтани сарчашмаи пайдоиши он шарти зарурӣ арзёбӣ карда мешавад. Аз ин рӯ,

субъектони соҳаи иқтисодиро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳои амнияти иқтисодӣ омилҳои болозикр ба инобат гирифта шавад (ҷадвали 1.2.).

**Ҷадвали 1.2. -** Гурӯҳбандии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона*

| Сарчашмаи таҳдид | Хусусияти таҳдид | |
|---|---|---|
| | **Таҳдидҳои дохилӣ** | **Таҳдидҳои берунӣ** |
| **Иқтисодӣ** | Пайдоиши бухронҳои дохилӣ, ки заминагузори асосии таҳдидҳо дар амнияти иқтисодӣ мегарданд. | Оқибатҳои бухронҳои сатҳи ҷаҳонӣ аз қабили иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва молиявӣ |
| **Сиёсӣ** | Пайдо гардидани зиддиятҳои дохилии сиёсӣ, ба монанади ноустуворӣ, яккаҳукмронӣ, нобоварии шаҳрвандон аз фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ. | Ҷорӣ намудани таҳримҳо, бо мақсади шикаст додани низоми иқтисодиёти кишварҳои муайян. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ [71, с.18;48, с.24;58, с.44].

Ҳангоми таснифи таҳдидҳо аз рӯйи «хусусият» аксар муаллифон таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро марбут медонанд, ки дар навбати худ ба иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, молиявӣ, экологӣ, пулию қарзӣ, идеологӣ ҷудо мешаванд.

Бо истифода аз мисоли гурӯҳбандии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии минтақа, таснифи таҳдидҳоро «аз рӯйи намуд» баррасӣ кунем, зеро таҳдидҳои мазкур ба амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ низ бе таъсир намемонад. (Расми 1.3.). Ҳангоми сухан дар бораи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ меравад, онҳоро аз рӯйи сустӣ фарқ карда тавонистан лозим аст. Мулоҳизаҳо оид ба ин мавзӯъ, дар фарзияҳои С. Афонсев ҷолиби диккат аст.

Мавриди зикр аст, ки иддае аз олимони соҳаи иқтисод дарҷаҳои сустии иқтисодиро ба воситаи худи таҳидҳо муайян мекунанд ва боиси ёдоварист, ки таҳдидҳо хусусиятҳои гуногунро доро мебошанд.

Афонсев бо воситаи овардани мисолҳо, бештар соҳаи амнияти озуқавориро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Воқеан барои таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, пеш аз ҳама дараҷаи коркарди он бояд мушаххас ва муайян карда шавад. Молҳои истеъмолӣ аксар маврид дар бозорҳо хуб пазируфта намешаванд, зеро ки аз

нуқтаи назари нарх ё сифат камию костагӣ дорад. Ҳангоме, ки молҳои истеъмолӣ дар бозор, истеъмолкунанади худро дорад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таъмини амнияти озуқаворӣ то ҳадде риоя карда шудааст. Сифати молҳои озуқаворӣ яке аз нишонаҳои асосии рақобатпазир будани мол мебошад.




**Расми 1.3. - Таснифи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии минтақавӣ**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ* [110, с.87;59, с.6; 73, с.32;89, с.45].

Аксар маврид олимон дар тадқиқтоҳои худ бештар ба соҳаи таъмини амнияти иқтисодӣ диққати махсус дода, онро ба таври комил мекушоянд. Проблемаи асосии пайдо гардидани таҳдидҳо дар низоми амнияти иқтисодӣ, ин пурратар накушодани масоили марбут ба таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида мебошад.

Албатта, ин маънои онро надорад, ки ба заифиҳо диққат додан лозим нест (маҳз аз он сабаб, ки онҳо системаро барои таҳдидҳо боз мекунанд), аммо онҳоро бо таҳдидҳо муайян кардан мумкин аст.

Ҳар як ташкилот дар давраи муайяни рушди худ бо мушкилоти ҳифзи манфиатҳои худ аз амалҳои ғайриқонунии рақибон ва ҳамлаҳои ногаҳонӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар шароити муосир на ҳама вақт муносибатҳои рақобатии ҳуқуқӣ, номукаммалии қонунгузории ҷорӣ, худсарии мақомоти андоз ва ғайра вуҷуд доранд, ҳатто дар марҳилаи таъсиси ташкилот (тартиб додани нақшаи бизнес ва лоиҳаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ) зарур аст, тадбирҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии ташкилот, ки таъсири манфии таҳдидҳои беруна ва дохилӣ пешгирӣ ё коҳиш медиҳанд, андешида шавад. Зарурати таъмини амният бо мавҷудияти як қатор омилҳо ва манбаъҳои таҳдидҳо, ки ба ин ё он дараҷа ба амнияти корхона таъсир мерасонанд, муайян карда мешавад.

Таҳдид ба амнияти иқтисодии ташкилот инҳоянд:

1) омилҳое, ки асоси пайдоиши он хусусияти объективӣ дошта, боиси монеаҳо ҷиҳати рушди минбаъдаи ташкилот мегардад, дохил мешавад. Барои дилхоҳ ташкилот новобаста аз шакли фаъолият таҳдиди асосӣ ин дар бозор наёфтани истеъмолкунандаи молу маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад.

2) аксар маврид субъектони зинаи идоракунандаи ташкилот, метавонанд боиси пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии ташкилот гарданд. Новобаста аз ташаббуси корманд ё корфармо дар раванди истеҳсолот метавонад иштибоҳҳои техникиву технологӣ, инчунин нуқсонҳои истеҳсолӣ сар занад. Ба ғайр аз ин аз ҷониби субъектони идоракунанда ва идорашаванда метавонад таҳдидҳо ғаразнок, барқасдона ё воқеӣ бошад. Ташкилот ҳамон вақт метавонад бар зидди хатарҳо пирӯз гардад, ки нақша-чорабинии мушаххас таҳия карда бошад. Аз ин рӯ зарурати омӯзиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии ташкилот дар замони муосир боз ҳам мубмрамтару зарур гардидааст. «...Ташаккули низоми идоракунии ташкилот ҳам метавонад, яке аз чорабиниҳои асосии коҳишдиҳандаи сатҳи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодиаш бошад» [70, с.5].

Сарчашмаҳои асосии таъсири манфӣ ба амнияти иқтисодии корхона инҳоянд:

-амали ғайримақсадноки субъектони идоракунанда ва идорашавандаи корхона ( ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилотҳоли байналмилалӣ ва рақибон);

- ҳолатҳое, ки идора намудани он аз ҷониби субъектон вобастагӣ надорад. ( ҳолатҳои форсмажорӣ, кашфиётҳои илмӣ ва ғайра).

Таъсири манфӣ ба амнияти иқтисодӣ, вобаста аз хусусиятҳои пайдоиш метавонад объективӣ ва субъективӣ бошад.

Ҳангоме, ки аз ҷониби худи корхона ё кормандони алоҳидаи он фаъолият дуруст ба роҳ монда намешавад ва ин боиси пайдоиши бӯҳрон мегардад, хатари объективӣ мебошад.

Хатари субъективӣ бошад, аксар маврид аз зинаи идоракунанадаи ташкилот ё корманди алоҳидаи он вобастагӣ надорад ва ин метавонад оқибатҳои ногуворро барои ташкилот ба миён орад.

Ба амнияти иқтисодии ташкилот на ҳар гуна хатарҳо, ки хусусиятҳои гуногун доранд, метавонад таъсир нарасонад. Ҳамаи ин қарорҳои идоракунӣ хавфнок буда, оқибатҳои манфии иқтисодӣ дошта метавонанд, ки вазъияти бозори қоғазҳои қимматнок, талаботи аҳолӣ ё шаклҳои нави ташкилӣ, худро сафед карда наметавонанд. Вале мо бояд дар хотир дошта бошем, ки дар ниҳояти кор ҳамаи ин ба мақсади асосии ташкилот, ба инкишофи минбаъдаи он нигаронида шудааст.

Аз тарафи роҳбарияти ташкилот муқаррар намудани нархҳои пасти маҳсулотро дар давраи аввали фурӯши онҳо хавфи бехатарии корхонаҳои саноатӣ ҳисоб кардан мумкин нест. Гарчанде, ки дар ин ҳолат фоида ва баръакс зиён вуҷуд надошта бошад ҳам, ин як усули стандартии маркетинг аст, ки барои ҷалби харидорон ба фурӯшандаи ношинос равона шудааст ва фарқи нарх дертар бартараф карда мешавад.

Амалҳое, ки ҳамчун таҳдидҳо муайян карда мешаванд, дидаю дониста барои ба даст овардани фоида аз ноустувории иқтисодии ташкилот, аз ҳамла ба амнияти иқтисодии он нигаронида шудаанд. Таҳдидҳо метавонанд заминаҳои ташкилӣ-иқтисодии корхонаро вайрон намуда, боиси оқибатҳои

ногувор бошад ва бояд оид ба  чорабиниҳои баромадан аз ин вазъият аз ҷониби корхона пешакӣ тарҳрезӣ карда шавад.  Се хусусиятро метавон қайд кард, ки барои таҳдид ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ хосанд: хусусияти бошуурона ва худхоҳона, самти амали расонидани зарар ба субъекти хоҷагидорӣ ва хусусияти зиддиятнок.

Як қатор таҳдидҳо вуҷуд доранд, ки метавонанд ҳамзамон ба гурӯҳҳои гуногуни таснифот тааллуқ дошта бошанд. Таснифоти манбаъҳои таҳдид (омилҳо) дар Ҷадвали 1.3. оварда шудааст, ки метавон ба таври муфассал мушоҳида намуд.

**Ҷадвали 1.3. -**Таснифи манбаъҳои таҳдидҳо (омилҳо) ба амнияти иқтисодии корхона*

| №. | Аломатҳо | Таҳдидҳо |
|---|---|---|
| 1 | Аз рӯйи ҷойи пайдоиш | Дохилӣ, берунӣ |
| 2 | Аз рӯйи дараҷаи хатар | Махсусан хатарнок |
| 3 | Аз рӯйи имконият | Воқеӣ, иқтидорӣ |
| 4 | Аз рӯйи миқёси татбиқ | Ҷудогона, умумӣ |
| 5 | Аз рӯйи давомнокии амал | Муваққатӣ, доимӣ |
| 6 | Аз рӯйи самт | Истеҳсолӣ, молиявӣ, технологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ |
| 7 | Аз рӯйи миқёс | Объективӣ, субъективӣ |
| 8 | Аз рӯйи хусусияти самт | Мустақим, ғайримустақим |
| 9 | Аз рӯйи эҳтимолияти пайдоиш | Ошкор, ниҳон |
| 10 | Аз рӯйи сарчашмаи пайдоиш | Сиёсӣ, криминалӣ, рақобатпазирӣ |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ [68, с.79;86, с.62;97, с.63;115, с.193].

Мавриди зикр аст, ки таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ метавонад оқибатҳои ногуворро барои корхонаҳо ба бор орад.

Таҳдидҳои дохилӣ аксар маврид боиси инкишоф наёфтани сатҳи истеҳсолии корхона гардида, марҳила ба марҳила метавонад низоми корхонаро заиф гардонад. Аз ин рӯ менеҷеронро зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди корхона хатарҳои дохилӣ ва беруниро ба инобат гирифта, дар ин замина чораҳои зарурииро ба роҳ монанд. Корхона дар ҳолатҳои бухронӣ аксар маврид ба захираҳои дохилӣ такя менамояд, аммо барои зиёд кардани ҳаҷми захираҳо кам таваҷҷуҳ менамояд. Дар ташаккули

низоми идоракунии корхона накши таъмини амнияти иқтисодии он калон буда, аз ин рӯ зарур аст, ки нисбат ба ин масъала равшантар фикр намоем.

Яке аз қисматҳои асосии амнияти иқтисодии корхона ин қисми молиявии он маҳсуб ёфта, асосии фаъолияти минбаъадаи онро дар худ таҷассум менамояд. Низоми молиявии корхона серҷабҳа буда, як қатор омилҳои дохилии  ташкилотро ба танзим медарорад. Аз ин рӯ, аксар моликони корхонаҳо, ба қисмати молиявии корхона авлавият дода, онро ҳамчун муҳаррики асосии инкишоф меҳисобанд. Қисмати молиявии корхона яке аз самтҳои асосии таҳдидпазир буда, метавонад вазъи корхонаро дар ҳама ҳолат баҳо диҳад. Барои муайян намудани сатҳи таҳдид ба қисмати молиявии корхона аз мониторинг арзёбии он истифода мебаранд. Мониторинги вазъи молиявии корхона имконият медиҳад, ки сатҳи таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодии корхона муйян намуд, то ки тадбирҳои заруриро дар ин росто андешид. Хулоса, гуфтан мумкин аст, ки таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона паҳлӯи васеъ ва доманадор дорад.

Ба унсурҳои асосии таҳдид ба амнияти иқтисодии корхона, таҳдиди кадрӣ дохил мешавад. Таҳдиди кадрӣ ин хатари асосӣ барои корхона маҳсуб ёфта, метавонад  инкишофи корхонаро боз дорад. Омили дигаре, ки боиси сар задани буҳрон дар корхонаҳо мегардад, ин тахассуси паст доштани кадрҳо ба шумор меравад. Аксар маврид сифати пасти маҳсулот дар корхонаҳои истеҳсолӣ аз нодуруст истеҳсол намудани он аз ҷониби кадрҳо мебошад. Кадрҳо асосан дар тамоми давраи истеҳсолӣ иштирок менамоянд ва боиси паст ё баланд гардидани ҳаҷми истеҳсолот мегарданд. Зарур аст, ки ҳангоми таҳияи стратегияи рушди корхона бештар ба  сиёсати кадрӣ таваҷҷуҳ  зоҳир намоем.

Таҳдидҳои иттилоотӣ ба рушди корхона бештар хусусияти объективиро доро буда, якчанд паёмадҳои манфиро эҷод менамояд. Иттилооти носаҳеҳ барои корхона, аксар маврид дар заминаи нодуруст гузаронидани тадқиқоти маркетингӣ  ба миён меояд ва боиси коҳиш ёфтани нуфузи корхона дар бозор гардад. Аз ин рӯ, субъектони идоракунандаро

зарур аст, ки ҳангоми коркарди иттилоот ба мушаххас будани онҳо диққати аввалиндарача диҳад.

Ҷузъи техникӣ ва технологии таҳдид номутобиқати байни сатҳи технологияи истифодашуда ва беҳтарин аналогҳои ҷаҳонӣ мебошад. Омилҳои истеҳсолӣ динамикаи истеҳсолотро дар давраи муайян, дараҷаи рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ, суръати нав кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ, прогресси технологӣ, раванди истеҳсолот, захираҳои техникӣ ва микдори зарурии маҳсулотро муайян мекунанд ва сармоягузорӣ ба инноватсия ва ғайраҳо мебошад.

Дар ҳар як соҳа стандартҳо метавонанд дар сатҳҳои гуногун таҳия ва тасдиқ карда шаванд, ки сатҳи онҳо аз ҷониби мақомоти махсус назорат карда мешавад. Талаботи стандартҳое, ки аҳамияти макроиқтисодӣ доранд, ба ҳамаи корхонаҳо, сарфи назар аз соҳа ва шакли моликияташон дахл карда метавонанд.

Таснифи омилҳои муҳити зист ба мо имкон медиҳад, ки омилҳои муҳимтаринро муайян кунем ва аз омилҳои камтар хулоса карда, таҳлилро ба омилҳои асосии муваффақият равона кунем. Агар мо ин усулро барои ташаккули омилҳои микдорӣ ва сифатии амнияти иқтисодии корхона истифода барем, он бояд омилҳои муҳити беруна ва дохилиро дар бар гирад. «...Вазифаи корхона аз назорати таъсири муҳити беруна ва таҳияи чораҳои таъсиррасонӣ ба ин раванд, таъмини муҳофизат аз таъсири манфии муҳити беруна иборат аст» [69, с.12;121, с.41; 87, с.55]. Дар фаъолияти амалии корхона муайян кардани тамоми омилҳои экологие, ки ба амнияти иктисодии корхона таъсир мерасонанд ва эхтимоли зарари расонидаи онҳо хеле душвор аст. Аз ин рӯ, дар байни онҳо бояд он чизеро, ки тавассути сиёсати маркетингии корхонае, ки дар бозор фаъолият мекунад, назорат кардан мумкин аст, қайд кардан лозим аст.

Бояд қайд намуд, ки дар муҳити беруна захираҳо маҳдуданд, аммо бо сабаби баланд будани рақобат байни корхонаҳо ҷиҳати дастрасӣ ба ин захираҳо, сабабҳои асосии сар задани муфлисшавӣ мегарданд. Аксари

корхонаҳо барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти худ, аз принсипи масъулияти иқтисодӣ истифода мебаранд, ки минбаъда механизми бартарафсозии ҳолатҳои бухрониро барои корхонаҳо эҷод менамояд. Барои корхонаҳо ҷузъи аз ҳама муҳим, ҷиҳати рафъи ҳолатҳои бухронӣ ин таҳияи стратегияи рушд мебошад, ки минбаъд дар чорчӯбаи он чораҳои зарурӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар муҳити беруна таҳдидҳои зерин метавонад дар низоми иқтисоди бозорӣ пайдо гардад:

- рақобати носолим байни корхонаҳо;

- ҳуҷуми иттилоотӣ бо мақсади паст задани нуфузи корхона аз ҷониби рақиб;

- носозгории муҳити дохилии корхонаҳо;

- ташкили монополияҳо;

- ноороми вазъи сиёсӣ ва паёмадҳои манфии он;

- паст шудани вазъи истеҳсолии корхонаҳо;

- вазъи норасоӣ дар бозор;

- мавҷудияти ришваситонӣ ва проблемаҳои он;

- ошкорсозии хусусиятҳои корӣ;

- вайрон гардидани системаи саноатӣ;

-роҳ додан ба ҷиноятҳо;

-азхудкунии сарватҳои мавҷуда;

-паст шудани низоми идоракунӣ;

-барқасд расонидани зарар бо роҳи ташкили бухрони мақсаднок.

Се сарчашмаи асосии таҳдиди беруна ба чунин фаъолият вуҷуд дорад:

Якум, ҷараёнҳои асосие, ки боиси номусоид гардидани фаъолияти корхонаҳо мегардад, ин аз ҷониби давлат пешниҳод нагардидани дастгириҳо, надодани қарзҳои имтиёзнок ва ипотекӣ, гумрукӣ ва андозӣ махсуб меёбанд. Ташкилотҳое, ки хусусиятҳои миллиро ба худ дороанд, бояд аз ҷониби давлат дастгирӣ ёбанд.

Барои корхонаҳо асосан хатарҳои воқеӣ, ин дахолати нодурусти давлат дар раванди фаъолият мебошад. Вайроншавии муносибатҳои низоми пулию қарзӣ, инчунин бе самар қабул намудани ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи соҳавӣ метавонад ба раванди фаъолияти корхонаҳо монеа эҷод намояд. Аз ин рӯ барои пурсамар гардонидани фаъолияти дилхоҳ корхона, дастгирии давлатӣ нақши муҳимро ишғол менамояд.

Корхонаҳо ҳангоми ворид гардидан ба низоми савдои ҷаҳонӣ, бояд нуқтаи рақобатии худро пурзӯр намоянд. Сифати молҳои истеҳсолиашон бояд ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд. Нақши муҳимро дар ташаккули сифатнокии молҳои истеҳсолии корхонаҳо, ин технологияҳои коркарди он мебозад. Дар замони муосир барои рушди корхонаҳо ҷори намдуни фаъолияти инноватсионӣ, шарти асосӣ арзёбӣ гардида, тақозои муносибатҳои навро аз мо талаб мекунад.

Сарчашмаи дуюми таҳдиди беруна ба фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона, ин рақобати носолим аз ҷониби рақибон аст. Рақобати носолим метавонад як қатор мушкилотро барои корхона эҷод намояд, ки инҳоянд:

- паст задани нуфузи рақиб дар бозорҳо, яъне истифодаи номи рақиб дар тамғаҳои молҳои пастсифат, бо мақсади сард намудани дили истеъмолкунадагон аз молҳои ташкилоти рақиб ва ба ин восита аз байн бурдани муносибатҳои истеъмолӣ;

- ташкили маъракаи паҳннамоии маълумотҳои бардурӯғ аз номи рақиб дар омма ва ба ин васила эҷод намудани мушкилот ва дигар монеаҳое, ки боиси коста гардидани эътибори рақиб мегардад;

- вайрон кардани низоми истеҳсолоти саноатӣ ба воситаи амалҳои номатлубу муғризона ва барқасдонаи рақиб, фошсозии сирри тиҷоратӣ ва сирқат кардани лоиҳаҳои истеҳсолии рақиб;

- ташкили низоми монополӣ бо шарикони ҷиноӣ ва аз байн бурдани низоми истеҳсолии рақиб [131, с.14;50, с.11;64, с.65].

Аксар маврид бо мақсади шикаст додани рақиб, монеаҳо эҷод мегардад, ки хусусияти марҳилавиро дошта, метавонад якчанд марҳила давом ёбад.

Фишори монополӣ метавонад вазъи истеҳсолии корхонаҳоро заиф намуда, ҳатто ба муфлисшавӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, корхонаву ташкилотҳо бояд пеш аз ҳама дар стратегияи рушди худ чораҳои зиддимонополиро тарҳрезӣ намуда, дар ҳолатҳои мазкур истифодаи самаранок намояд. Теъдоди зиёди корхонаҳо бо сабаби надоштани нақшаи дурусти зиддимонополӣ дар муҳлатҳои кутоҳтарин ба буҳрон дучор гардида, оҳиста-оҳиста муфлис мегарданд ва албатта ин раванд ба вазъи инкишофи макроиқтисодӣ халал ворид месозад.

Барои корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди воридшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ тамоми имтиёзҳо аз ҷониби Ҳукумат фароҳам оварда шудааст. Имкониятҳои асосӣ, ки корхонаҳои саноатӣ бояд самаранок истифода намоянд, ин технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Маҳз ба воситаи технологияҳои инноватсионӣ метавон, хатарҳои ҷойдоштаро дар дохил ва дар берун саривақт бартараф созем. Яке аз хатараҳои асосӣ барои корхонаҳо ин маҳдудкунии тиҷоратӣ мебошад. Дар амалия ду намуди маҳдудкунии тиҷоратӣ мавҷуд аст:

- инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

Ширкатҳои алоҳида метавонанд субъекти асосии маҳдудкунии фаъолияти тиҷоратӣ бошанд, инчунин ширкатҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои минтақавӣ, миллӣ дар ин радиф дохил мешаванд.

Як қатор санадаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки барои пешгирии ҳолатҳои монополӣ равона гардидаанд ва аксари онҳо хусусияти оммавиро дошта, ба таври мушаххас дар доираи стандартҳои байналмилалӣ таҳия карда шудаанд. Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул карда шудаанд, ки муносибатҳои вобаста ба масоили монополиро ба танзим медароранд.

Корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба масъалаи маҳдудкунии тиҷоратӣ, метавонанд тавассути баландбардории сифати молу маҳсулоти истеҳсолӣ мубориза намоянд Ташаккули низоми баландбардории сифати молу маҳсулот аз якчанд омилҳо иборат буда, ба мисли тахассуси кадрҳо, технологияҳои инноватсионӣ, тадқиқоти маркетингӣ, инчунин аз танзими саривақтии давлатӣ низ алоқаманд аст.

Сарчашмаи сеюми таҳдидҳо ин ба амал омадни буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад, ки хатарҳои бесобиқаро барои ташаккули инкишофи минбаъдаи корхоназҳо ба миён орад. Буҳронҳои иқтисодӣ ин қисман вайроншавии низоми иқтисодии ҷаҳониро дар худ таҷассум намуда, аз мо тақозо менамояд, ки чораҳои таъхирнопазири зиддибуҳрониро андешем. Чораҳои зиддибуҳронӣ асоси мубориза барои низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, иқтисодчиён ба ин назаранд, ки таҳияи стратегияи зиддибуҳронии мушаххас асоси ташаккули фаъолияти минбаъдаро барои корхонаҳо фароҳам месозад.

Гуфтан ба маврид аст, ки барои таъмини амнияти иқтисодии худ корхонаҳо бояд, ба тамоюли даромаднокии худ диққати махсус диҳад. Танзими давлатии фаъолияти тиҷоратӣ ё соҳибкорӣ низ метавонад боиси хуб гардидани вазъи фаъолияти корхонаҳо гардад ва ба ин васила имконияти рушди иқтисоди миллиро низ фароҳам созад.

Имрӯзҳо методологияҳои зиёде барои омӯзиши хатарҳо ва таҳдидҳо мавҷуданд, ки ба сатҳи амнияти иқтисодии объект дар ҳама сатҳ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, мафҳуми таваккал имкон ё эҳтимолияти таҳдиди эҳтимолиро, ки метавонад зарари мувофиқ расонад, инъикос мекунад.

Таҳдид ҳамчун маҷмӯи хатарҳои гуногун ва таъсири он ба афзоиши қувваи хатари харобшавӣ ва вайроншавии системаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ ё унсурҳои он пешниҳод карда мешавад, ки дар системаи амнияти иқтисодӣ ҳамчун падидаи манфӣ пешниҳод карда мешава. Мавриди зикр аст, ки таҳдид монеаҳоро ба вуҷуд меорад, инчунин ба тараққиёти иқтисодиёт, зиёд кардани истифодаи нерӯи истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, афзудани вазъияти

харобиовари чамъиятӣ, истифодаи бесамари захираҳои табиӣ ва номутаносибии сектори молиявиро ба вуҷуд меорад.

Як қатор таҳдидҳо ва омилҳои саҳеҳе мавҷуданд, ки ба сатҳи амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд ва корхонаҳо дар раванди фаъолияти худ метавонанд ба онҳо дучор оянд. Аксари ин омилҳо нав набуда, дар раванди фаъолияти корхона зуд-зуд вомехуранд. Роҳҳо ва усули ҳалли ин масъала дар иқтисодиёт мавҷуд аст, аммо низоми арзёбии зинаи амнияти иқтисодӣ аз рӯйи меъёр ва принсипҳо мавҷуд намебошад.

«...Аз ин рӯ таҳия ва коркарди стратегияву барномаҳо, ки сатҳи таҳдидҳоро дар корхона рафъ менамояд, мушкил мегардад» [42, с.39].

Акнун ба таври мушаххас таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаро мавриди таҳлил қарор медиҳем, ки ба сифати омили беруна ба раванди самаранокӣ, рақобатпазирӣ ва рушди устувори корхона таъсир мерасонад.

Мушаххас намудани таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти иқтисодӣ ва мураттаб намудани маҷмӯи тадбирҳо дар робита ба пешгирӣ ва бетаъсиргардонии он дар низоми амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсусро ба худ касб менамояд.

Таҳдидҳои эҳтимолӣ, ки ба амнияти иқтисодии мамлакмат метавонад хатарро эҷод созанд ва бояд дар ин самт танзими давлатӣ пурзӯр карда шавад, инҳоянд:

1. Болоравии сатҳи камбизоатӣ ва вайроншавии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, инчунин зиёдшавӣ ва пайдоиши тафриқаи моликияти аҳолӣ боиси он мегардад, ки як қатор хатарҳо ба амнияти иқтисодӣ таҳдид намоянд. Вайроншавии низоми муносибатҳои иҷтимоӣ метавонад дар заминаи омилҳои зерин ташаккул ёбад:

- ба табақаҳо ҷудо гардидани аҳолӣ, яъне дороён ва нодорон:

-зиёд гардидани табақаи камсаводон, ки сабаби пайдоиши як қатор ҷиноятҳо, аз қабили қаллобӣ, дуздӣ ва дигар намуди ҷиноятҳо, ки ба амнияти иқтисодии кишвар хатар эҷод менамояд:

- баландравии сатҳи бекорӣ, ки боиси сар задани ихтилофот дар муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад;

- аз кор мондани корхонаҳо ва гум намудани қобилияти пардохти музди маош.

2. Дигаргуншавии сохтори таркибии иқтисодиёти миллӣ, ки дар натиҷаи он чунин омилҳо пайдо гардидаанд:

- қавӣ гардонидани самти ашёи хом ва сӯзишвории иқтисодиёт;

- заиф будани вазъи коркард ва истихроҷи маъдан;

- рақобатпазир набудани маҳсулотҳои истеҳсолкардаи корхонаҳои ватанӣ;

- коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулотҳои ниёзи аввалия;

- коҳишёбии маҳсулнокии меҳнат;

- хароб гаштани низоми мутлақи технологии таҳқиқотҳои илмӣ ва конструкторӣ;

- аз байн рафтани ҷамъиятҳои муташаккили илмӣ ва паст шудани нуфузу эътибор, инчунин иқтидори илмию техникии мамлакат;

- зиёд гардидани ҳаҷми қарзи хориҷии давлат ва ба ин васила баланд рафтани хароҷоти буҷет ҷиҳати пардохти он.

3. Нобаробари дар байни аҳолӣ, ки боиси пайдоиши муаммоҳои зерин мегардад:

-норасоии захираҳои моддӣ дар байни минтақаҳои алоҳида;

- пайдоиши муаммоҳои буҳронӣ, ки сабабгори паст рафтани соҳаи саноат ва ба ин васила коҳиш ёфтани истеҳсолоти саноатӣ дар ин ҷойҳо гардидааст;

- харобшавии ҳамгироии истеҳсолию технологӣ байни корхонаҳои алоҳидаи кишвар;

- зиёд гардидани фарқияти даромади аҳолӣ ва коҳиш ёфтани ҳаҷми МММ дар минтақаҳо.

4. Зиёд гардидани сатҳи ҷинояткорӣ дар фаъолияти иқтисодӣ, ки асоси пайдоишашон аз омилҳои ба монанди баландшавии сатҳи бекорӣ маншаъ

мегирад, хатари ҷиддӣ ба амнияти иқтисодӣ дорад, чунки аксар ҷиноятҳо аз набудани кори доимӣ сарчашма мегирад. Дигар муаммое, ки дар ин раванд иштирок мекунад, ин даст ёфтани гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ба сохтори идоракунӣ мебошад. Заиф гардидани танзими давлатӣ дар самтҳои молиявӣ, хусусигардонӣ, истеҳсолоти саноатӣ боиси он мегардад, ки таъмини амнияти он зери суол равад ва марҳила ба марҳила ба бухрони ҷиддӣ гирифтор шавад. Паст гардидани назорати содироту воридоти молу маҳсулотҳо низ яке аз нишонаҳои хатарзо барои иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Яке аз сабабҳои ба миён омадани таҳдидҳо ин номувофиқ будани вазъи молиявии корхонаву ташкилот, носозгор будани фазои сармоягузорӣ, вуҷуд доштани тариқаи таваррум ва дигар муаммоҳое, ки ба нотинҷ гардидани вазъи молиявӣ дар иқтисодиёт замина мегузорад.

Пешгирӣ ва ё аз байн бурдани саранҷоми хатарҳо ба амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омилҳои мушаххас ниёз дорад, ки ба раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон халал эҷод месозад.

Таҳдидҳои ғайридохилӣ ба амнияти иқтисодии корхона берун аз мавқеи он пайдо мегарданд. Ин омилҳо ба раванди фаъолияти корхонаҳо робитае надоранд. Инҳо бештар хусусияти форсмажориро ба худ касб намуда, идора намудани онҳо низ низоми мураккабро талаб менамояд.




**Расми 1.4. Таҳдидҳои беруна ба амнияти иқтисодии корхона**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Дилхоҳ корхона ба фаъолияти муайяни иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва тиҷорӣ вобаста буда, аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ ба амнияти иқтисодиаш орӣ нест ва ин раванд барояш бояд муназзам пушти сар шавад, ки бевосита ба маҷмӯи чорабиниҳои мушаххас алоқамандӣ дорад.

Таҳдидҳо аз ҳамдигар бо дигаргунӣ, ки аллакай сар задааст ва ё дигаргуние, ки эҳтимолияти сар заданаш дар садади муайян аст, вобастагӣ дорад. Хатарҳои дохилӣ ба амнияти иқтисодии корхона аз ҷидду ҷаҳди иқтисодии он пайванди ногусастанӣ дорад.

Инҳо аз сарчашмае таввлид меёбанд, ки «...дар асиои истеҳсол ва ба муомила баровардани мол ба миён меоянд ва қудрати таъсир ба фаъолияти соҳибкориро низ ба даст меоранд» [47, с.21].

Хатарҳо ба амнияти иқтисодии корхона, ки хусусияти дохилиро доро мебошанд дар расми 1.5.  оварда шудааст.




**Расми 1.5. - Хатарҳои дохилӣ ба амнияти иқтисодии корхона**
***Сарчашма.*** *Таҳияи муаллиф*

Иддае аз таҳдидҳое мавҷуданд, ки аз ҷониби манфиатдорони муайян барои мақсадҳои мушаххас таҳия гардидаанд ва қисми дигари хатарҳо, ки хусусияти форсмажориро ба худ доро мебошанд, дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода сар мезананд, ки бояд ба таври комил аз ҷониби моликони корхонаҳо идора карда шаванд то ки таъсири манфиро ба бор наорад.

Як қатор таҳдидҳо мавҷуданд, ки дар масири начандон тӯлонӣ дигаргунии ғайримусбиро тавлид менамоянд ва таҳдидҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки хусусияти тӯлониро доро буда, пас аз ба миён омадан муддатҳои дароз дар низоми амнияти иқтисодии корхона арзи ҳастӣ менамоянд.

Аксаран корхонаҳо дар раванди фаъолияти худ ба таҳдидҳо рӯ ба рӯ мегарданд, ки ҳолати буҳрониро барои корхона ба миён меоранд ва ҳатто онҳоро муфлис низ менамоянд

Арзёбии тобоварии корхона ба селаи хатарҳои дохилӣ ва берунӣ аз маҷмӯи тадбирҳое вобастагӣ доранд, ки аз ҷониби субъектони корхона тибқи барномаи муайян роҳандозӣ карда мешавад.

Таҳдидҳои дохилӣ ба амнияти иқтисодии корхона аз қабили нодуруст ба роҳ мондани низоми идоракунӣ, ғайрисамаранок истеҳсол намудани маҳсулот, фурӯхтани сирри дохилии  корхона ба рақибон аз ҷониби кормандони корхона, истифодаи технологияҳои фарсуда дар раванди истеҳсол, надонистани қонуниятҳои бозор, дуруст наомӯхтани талаботи мизоҷон, ба гурӯҳҳо ҷудо гардидани коллективи меҳнатӣ, сар задани низоъ ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки дар  ҳолати саривақт пешгирӣ накарадани он метавонад оқибатҳои ногуворро ба ҷо орад. Якчанд омилҳои дохилӣ, ки дар садади нодуруст банақшагирии стратегии рушди корхона пайдо мегарданд, оҳиста-оҳиста низому механизми фаъолияти корхонаро заиф гардонида, дар охир онро ба нестӣ мебаранд ва дақиқан ин омилҳо сабабгори носолим гардидани вазъии истеҳсолии корхона дар оянда мегарданд.

«...Дар ин росто механизми таъмини амнияти иқтисодии корхона, санҷиши мукаммал ва азнавсозии ҳамешагиро талаб менамояд, дар акси ҳол имкон намедиҳад, ки ба вазъи доимо дигаргуншавандаи корхона тобовар бошад» [36, с.181].

Ба ҳамин мақсад тибқи андешаи мо  арзёбии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона  ин таҳлили ҳамешагии амалкарди корхона бо баҳраварии низоми ададҳое мебошад, ки рушди корхонаро бозгӯ мебошад. Ҷиҳати рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона, истифодабарии иқтидори воқеӣ,

инчунин мушаххас намудани роҳҳои мубориза ба манфиати кор хоҳад буд ва ин бештар барои корхона хусусияти стратегиро ифода менамояд. Аз ин рӯ, истифодаи самарабахши маҷмӯи захираҳои корхона барои рафъи таҳдидҳо дар амалия фаъолияти санҷидашуда мебошад.

Дараҷаи амнияти иқтисодии корхона бо он алоқаманд аст, ки раёсат ва коллективи он ба таҳдидҳои ба вуқӯъ пайваста, чи гуна тадбир ба кор мебаранд ва натиҷаҳои зараровари онро, ки аз омилҳои беруна ва дохила вобастагӣ доранд, тибқи меъёри муайян бетаъсир паси сар менамоянд.

Тибқи ин гуфтаҳо арзёбии таҳдидҳо ба низоми амнияти иқтисодии корхона, фаъолияти якдилона ва бошууронаи ҷамъияти меҳнатии онро тақозо менамояд.

Баҳодиҳии вазъи воқеии фаъолияти корхона имкон медиҳад, ки тамоми камбудиҳои ҷойдошта саривақт ошкор гардида, омилони он хоҳ субъект ва ё хоҳ объект муайян карда шаванд. Бо ибораи дигар «...мониторинги фаъолияти корхона-муайянкунандаи натиҷаҳои назаррас ва ё баръакси он мебошад, ки барои корхона оқибатҳои мусбии равандаи минбаъдаро пешгӯйӣ менамояд» [41, с.81].

Ҳамин тариқ, «...корхонаи муосир ҳангоми ба даст овардани фаъолияти даромаднок, ҳангоми таъмини амнияти худ бошад» [148, с.137], бояд ба динамикаи талабот, сиёсати ҳукумат ва бонкҳои марказӣ, муносибатҳо бо рақибон, тамоюлҳои пешрафти илмию техникӣ, сиёсати ҷаҳонӣ диққат диҳад.

### 1.3. Ҷанбаҳои методии арзёбии амнияти иқтисодии сохаи саноат

Баҳодиҳии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби миқдори зиёди олимони соҳаи иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, рӯз то рӯз зарурияти омӯзиши он муҳимтар гардида истодааст.

Яке аз муаммоҳои асосие, ки ба таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ таъсири манфӣ мерасонад, аз омилҳое вобаста мебошад, ки он метавонад оқибатҳои ногуворро ба миён орад.

Ба воситаи раванди арзёбӣ мо метавонем сабабҳои пайдоиши таҳдидҳо, намуди он, дараҷаи фарогириашро ошкор намуда, ҷиҳати камтаъсир гардонидани он ва ё пурра рафъи он чораҳои заруриро роҳандозӣ намоем.

Оид ба масъалаи баҳодиҳии сатҳи амнияти иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ равишхои зиёд мавҷуд мебошанд.

Тибқит ақидаи Н.Б. Головановой «...зимнан ин масоил гарчанде ба таври кофӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифта бошад ҳам, дар шароити муосир ба сифати фишанги баҳодиҳандаи амнияти иқтисодии субъектҳои соҳибкории саноатӣ мебошад. Танҳо натиҷаи баҳодиҳии дуруст ва таъмини самаранокии идоракунии он низомнокии раванди фаъолияти корхонаҳоро ба этидол оварда, минбаъда фаъолияташро ба як низоми муайян медарорад. Аз ин ҷост, ки баҳодиҳӣ ба вазъи воқеии фаъолияти корхонаҳо заминаи муфиди мубориза ба таҳдидҳоро фароҳам месозад» [79, с.295].

Зиёда аз панҷ мавқеи асоси дар сарчашмаҳои иқтисодӣ мавҷуданд, ки равишҳои методологии арзёбии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро кӯмак менамоянд, инҳоянд: низомнокӣ, мантиқӣ, равандӣ, функсионалӣ ва захиравӣ.

Ба андешаи муҳаққиқ Л. А. Абалкин «...амнияти иқтисодии соҳаи саноат шарт ва омилҳоеро дар бар мегирад, ки таъсиррасонии мушаххасро ба ин самт равона месозад» [62, с.13].

Мутобиқи таҳлилҳои бунёдӣ, фаҳмиши низом якчанд унсурҳои ба ҳам робита доштаро мефаҳманд, ки онҳо дар навбати худ метавонанд ба сифати принсипи системавӣ баромад намуда, дар марҳилаҳои минбаъада онро ҳамроҳӣ намоянд.

Аз ин лиҳоз, тибқи назарияи иртиботи системавӣ, баҳодиҳии амнияти иқтисодӣ, тақозои амиқтари тамоми паҳлӯҳои корхонаро ҷиҳати омӯзиш фароҳам меоварад.

Идеяи мазкур мақсади ягона дошта, барои муайян намудани методҳо ва имкониятҳои корхона ҷиҳати бартарафсозии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодии он мебошад. Воситаи мазкур заминаи муфиди рафъи

таҳдидҳоро фароҳам сохта, таъмини амнияти иқтисодии корхонаро то дараҷаи муайян фаро мегирад.

Принсипи мантиқӣ-маҷмӯи чорабиниҳое мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои мураккаби вобаста ба таҳдидҳое, ки ба амнияти иқтисодии корхона равона мешавад, алоқаманд мебошад, зеро ки бе ба роҳ мондани чораҳои мушаххас бартараф кардани хатарҳо ба амнияти иқтисодии корхона ба даст намеояд.

Дар раванди таҳияи маҷмӯи тадбирҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодӣ, танҳо принсипи мантиқӣ омилҳои номушаххасро ҳамчун ченаки миқдорӣ ҷиҳати рафъи хатарҳо пешниҳод менамояд, ки васила̄и хуберо ҳамчун заминаи асосӣ барои рушди минбаъдаи низоми фаъолияти корхона муҳайё месозад.

Равиши равандӣ- фаъолияти мақсадноке, ки омезиши маҷмӯи чорабиниҳоро ҷиҳати таъмини амнияти иқтисодии корхона дар худ таҷассум менамояд. Равиши мазкур имкон медиҳад, ки раванди таъмини амнияти иқтисодии корхона таҳти назорати ҷиддӣ қарор дода шуда, тибқи барномаи муайян амалӣ карда шавад, то ки самаранокии худро дар тамоми марҳилаҳои ташаккули корхона нишон диҳад.

Ба андешаи олими дигар И.Я. Богданов «...амнияти иқтисодӣ раванде мебошад, ки дар ташаккули фаъолияти корхона заминаи муфидро фароҳам сохта, як қатор заифиҳои ҷойдоштаро бартарф месозад» [19, с.158].

Арёзбии таъмини амнияти иқтисодӣ барои мушаххас намудани тадбирҳои зидди хатарҳои дохилӣ ва берунӣ равона карда мешавад. Барои рафъи хатарҳо пеш аз ҳама корхона бояд стратегияи зиддибуҳронӣ таҳия намояд, зеро танҳо дар доираи ин ҳуҷҷат мақсади асосии корхона муайян карда мешавад.

Равиши мазкур хусусияти афзалиятнокиаш дар он таҷассум меёбад, ки дар раванди қабули қарорҳо вазъи иқтисодиёти корхона дар навбати аввал истода, ташаккули минбаъадаи он низ дар меҳвари равиши зикргардида ба роҳ монда мешавад.

Барои дилхоҳ корхона, пеш аз ҳама манфиатҳои молиявӣ дар навбати аввал меистад, зеро ки маҳз ташаккули корхона аз омили зерин вобастагӣ дорад.

Захираҳои моддӣ ва ғайримоддӣ барои корхонаҳои саноатӣ накши асосиро мебозад, зеро ки маҳз ташаккули фаъолияти истеҳсолӣ аз омилҳои мазкур сарчашма мегиранд. Рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ аз истеҳсоли молу маҳсулоти баландсифат вобастагӣ дошта, барои рафъи таҳдидҳо аз ҷониби рақибон заминаи муфиди муборизаро ба миён меоварад. Аз инҷост, ки аксарияти корхонаҳои саноатии пуриқтидор ҳангоми истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот аз тадқиқотҳои маркетингӣ ба таври зиёд истифода мебаранд, то ки ҳангоми пешниҳоди мол ба бозор муайянии категорияи истеъмолкунандагон таъмин бошад.

Хусусияти ҷолибнокии равиши захиравӣ ҳангоми таъмини амнияти иқтисодии корхона дар он таҷассум меёбад, ки мо ба иқтидори захиравии дохили ташкилот афзалияти комил дода, ҷиҳати рафъи таҳдидҳо маҳз фишанги мазкурро истифода барем.

Довбня С.Б., Гичова Н.Ю. [150, с.12] пешниҳод меанмояд, ки дараҷаи амнияти иқтисодии корхонаҳо бо назардошти параметри вакт баҳо дода шавад, ки ин имкон медихад ҳисобу китоб дар қисмҳои ҷорӣ, тактикӣ, стратегии амнияти иктисодии корхонаҳо гузаронида шавад.

Амнияти ҷорӣ- маҷмӯи хатарҳои дохилӣ ва берунӣ фаҳмида мешавад, ки хусусияти хос дошта, дар дилхоҳ ҳолат метавонад боиси пайдоиши таъсирнокии манфӣ барои корхона гардад, ки оқибатҳои ногуворро ба миён меорад. Дараҷи фарогирии амнияти ҷории корхона аз захираҳои молиявию иқтисодӣ сарчашма гирифта, ҳамчун механизми интегралии пардохтпазирии корхона муаррифӣ мегардад.

Амнияти тактикӣ-хусусияти ба худ хос дошта, иқтидори истеҳсолии корхорнаро тавсиф менамояд. Истифодаи самарабахши захираҳои корхона, боиси пурқувват гардидани сатҳи амнияти иқтисодии корхона мегардад. Яке аз хусусиятҳои асосии амнияти тактикӣ, ин мавҷуд набудани нишонаҳои

бухрон арзёбӣ мегардад. Ба инобат гирифтани омилҳои техникӣ, истеҳсолӣ, зеҳниву кадрӣ, инчунин тиҷоратӣ дар раванди муайян кардани сатҳи амнияти тактикӣ омили калидӣ маҳсуб меёбад.

Амнияти стратегӣ хусусияти инкишофи минбаъдаи корхонаро барои оянда пешгӯйи намуда, аз мо тақозо менамояд, ки иқтидори истеҳсолиро ҳамчун воситаи асосӣ истифода барем, то ки натиҷаи дилхоҳро ба даст орем. Амнияти стратегӣ ифодакунандаи маҷмӯи тадбирҳои мушаххаси зиддибухроние мебошад, ки корхонаро аз муфлисшавии якбора ҳушдор ва пешгирӣ менамояд. Якчанд ҷузъҳо, аз қабили иҷтимоӣ, бозорӣ, инноватсионию технологӣ, энергетикию экологӣ, инчунин ашёи хом сатҳи амнияти стратегиро бозгӯ мебошанд.

Муҳаққиқон нишондиҳандаҳои амнияти ҷорӣ, тактикӣ ва стратегиро ба сатҳи умумии амнияти иқтисодӣ алоқаманд медонанд, ки аз як тараф ҳамчун механизми баҳодиҳӣ ҳисобида мешавад (формулаи 1).

$$ES = \frac{(1)*P+(P)*T_k+(P*T_k)*C}{(1)+(P)+(P*T_k)} \quad (1)$$

Муодилаи мазкур дар инҷо чунин шарҳ дода мешавад:

ES = усулҳои амнияти иқтисодӣ;

$(P),\ (P*T_k)$ – стартегияи амнияти фаъолияти корхона.

Равандҳо ва меъёрҳои зарури ҷиҳати коркарди стратегияи мушаххаси корхона бо ёрии муодилаи (2) чунин инъикос карда мешавад.

$$P(T_k;C) = \frac{\sum_{i=1}^{m} Z_j*\left(\frac{F_j}{R_j}\right)^1}{\sum_{i=1}^{m} Z_j}, \quad (2)$$

где, $P$ – меъёрҳои зарурии таъмини амнияти иқтисодии корхона;

$Т_к$ – тактика;

$С$ – стартегия;

$З_j$ – коэффитсиенти иттилоотҳои дарҷгардидаи $j$-юм, ва меъёрҳои муқарраргардидаи коршиносӣ;

$К_j$ – қиммати тавозунии арзиши омили $j$-юм;

$N_j$ – қиммати роҳандозишудаи омили $j$-юм;

$m$ – омилҳои ҷузъии арзёбии фаъолияти иттилоотӣ ва таҳлилии амнияти иттилоотии корхона;

$l$ – дар ин ҷо 1 таъсири мусбӣ ва -1 таъсири манфии раванд мебошад.

Бо мураттаб сохтани методологияи мазкур, муҳаққиқон ба он назаранд, ки барои муайян намудани механизми рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона, коркарди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ба манфиати кор хоҳад буд, аммо аз дигар тараф хатараҳо ба таври ҳамешагӣ дар низоми иқтисодиёти корхона вуҷуд дорад. Аҳамияти методологияи мазкур дар он аст, ки бо коркарди нишондиҳандаҳои истеҳсолии корхона метавон низоми зиддихатарҳоро пурқувват намуд.

Олими дигар С. Афонцев «...амнияти иқтисодии соҳаи саноатро аз омилҳое вобаста медонад, ки дар раванди истеҳсолот васеъ истифода бурда шуда, ба хатарҳои дохилӣ ва берунӣ тобовар мебошад» [61, с.112].

Муҳаққиқ Коретский Б равиши худро дар асоси арзёбии сатҳи бехатарии амнияти иқтисодии корхона ба воситаи нишондиҳандаҳои интегралӣ пешниҳод намуда, онро ҳамчун механизми зиддихатарҳо маънидод менамояд. Олими мазкур иқтидор ва сифати он, истеҳсолот, нишондиҳандаҳои вазъи бозор, рақобатпазирии корхона, захираҳои молиявӣ, индикаторҳои иҷтимоиро ҳамчун паймони низоми амнияти иқтисодии корхона маҳсуб медонад.

Бояд ёдовар гардид, ки барои арзёбии таъмини амнияти иқтисодии корхона механизми ташкилӣ нақши муҳимро ба худ касб менамояд ва дар аснои истифодаи самараноки он натиҷаҳои дилхоҳ ба даст меояд.

Интеграли амудии меъёри таъсири раванд тариқи муодилаи (3) арзёбӣ карда мешавад.

$$NI_i = \sqrt{\sum_{j=}^{n} \left(1 - \frac{x_{ji}}{x_{ji}^{\text{в}}}\right)}$$

дар ин ҷо:

$NI_i$ – чораҳои имконпазири таъсири раванд ба қисми мутаассири раванди бастаи $i$-юм;

$x_{ij}$ – омили мутаасири $j$-юм, бастаи $i$-юм ё низоми иттилоотӣ ва таҳлилии амнияти корхона

$x^e_{ji}$ – фаъолияти миёнаи истеҳсоли маҳсулот мувофиқи меъёри муқарраргардида;

$n$ – баҳодиҳии омилҳои мутассир ва таъмини бехатарии амнияти иқтисодӣ.

Баландшавии сатҳи амнияти иқтисодӣ аз нишондиҳандаҳои интегралие, ки ба сифр баробар аст, алоқаманд мебошад.

Барои баландбардории самаранокии таъмини амнияти иқтисодӣ муаллиф пешниҳод менамояд, ки аз методҳои муосири пешгӯйикунӣ истифода гардад, зеро ки маҳз ин раванд ба воситаи коркарди оморҳои дақиқ ба даст меояд.

Мониторинги таъмини амнияти иқтисодӣ ҳамон лаҳза самаранок мегардад, ки принсипҳои мушаххаси таҳлилӣ истифода карда шавад. Барои истифодаи дурусти он ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ бояд фарогири вазъи дохилӣ ва берунии корхона бошад. Усулҳои математикӣ мусоидаткунандаи як қатор тадбирҳои амалӣ ҷиҳати пешгирии хатарҳо буда, барои бехатарии низоми истеҳсолии корхона заминаи муфидро фароҳам меоварад. Аксар маврид барои муайян намудани вазъи муосири таъмини амнияти иқтисодии корхона аз SWOT-таҳлил истифода мебаранд, ки то дараҷае мушкилоти ҷойдоштаро ошкор менамояд, аммо ба ақидаи як қатор иқтисодчиён истифодаи усулҳои математикӣ ва муодилавӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Аз ин лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки дар раванди баҳодиҳии таъмини амнияти иқтисодӣ аз усулҳои математикӣ васеътар истифода баранд, то ки самаранокии хубро ба миён орад.

Муҳаққиқ А.Б. Алиев «...амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат яке аз фишангҳои асосии эмин нигоҳ доштани соҳаи мазкур аз маҷмӯи хатарҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад» [60, с.177].

Атрамонова Н.С., Атрашкова А.В. пешниҳод менамоянд, ки барои таъмин намудани амнияти иқтисодии корхона аз усулҳои махсусе, ки дар худ хусусияти стартегиро касб менамоянд, бисёртар истифода гардад. Яке аз иқтидорҳое, ки таъмини амнияти иқтисодиро аз ҳар гуна хатарҳои дохилӣ ва берунӣ эмин нигоҳ медорад, ин захираи молиявии корхона мебошад. Барои баланд бардоштани захираҳои молиявӣ, истеҳсолоти самаранок зарур аст, аммо пеш аз ҳама таҳияи стратегияи рақобатпазири корхона ба манфиати кор хоҳад буд. Заминаи рафъи хатарҳоро маҳз чораҳои пешгирикунанда эҷод менамоянд. Гардиши сармояи корхона, махсусан пули накд имкони баландбардории механизми таъмини амнияти иқтисодиро ба миён меорад.

$$ChGP = CHP_0 + YI \qquad (4)$$

где $ChGP$– маблағи холис;

$CHP_0$ – даромади соф (амалиётӣ);

$YI$ – хароҷоти истеҳлок.

Тадқиқотчиён механизми фоидаоварии корхонаро ба инобат гирифта, ташаккули минбаъади онро дар марҳилаҳои муайян пешгӯйӣ менамоянд. Барои рушди корхонаҳои саноатӣ татбиқи технологияҳои инноватсионӣ заминагузор аст, маҳз ин раванд барои рафъи таҳдиди хатарҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ёрӣ мерасонад, ки метавон дар формулаи зер мушоҳида намуд. ( формулаи 5)

$$K_{cec} \frac{\text{Фоидаи дубораи сармоягузоришуда}}{\text{Сармояи хусусӣ}} = \frac{\Delta FZ + \Delta NP}{VK},$$

***дар ин ҷо:***

$\Delta FZ$ – тафовуте, ки барои рушди сармояи захиравӣ поягузор аст ва ҳамчун фишанги махсус истифода мегардад;

$\Delta NP$ – тафовут байни ҷудонамоии фоидаи соф ва тақсимнашуда, ки ҳамчун ченаки муайянамоӣ хизмат мекунад;

$VK$ – сармояи шарикӣ (дар охири давра $t$).

Ин методи мазкур, шаҳодат аз он медиҳад, ки асоси рушди корхонаро гирифтани фоидаи хуб ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, аксар сармоягузорон

ҳангоми таҳияи механизми шарикӣ ба фоидаи оянда авлавият медиҳанд. Дар дилхоҳ корхонаи саноатӣ ҳангоми таҳияи стратегияи рушд, сармояи андӯхтамешударо барои оянда пешгӯйи намуда, сипас нақшаи амалро таҳия менамоянд. Натиҷаҳои интизорӣ, яке аз ҷузъҳои асосии стратегияи рушди корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Таҳқиқоти Иванилов А. С. дар бораи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро омӯхта, метавон дар шакли формулаи зер таъмини амнияти иқтисодиро ҷо дод.

$$R_{ek.v} = F(X_i) = a_1 f(x_1) + a_2 f(x_1) + \cdots + a_i(x_n), \sum_{j=}^{n} a_i = 1 \quad (6)$$

***дар инҷо:***

$x_1, x_2, \ldots x_n$ –индикаторҳои асосии фаъолияти давомноки корхонаҳои саноатӣ;

$f(x_1), f(x_2), \ldots f(x_n)$ –муносибати асосии рушди корхонаҳо дар асоси коркарди маълумотҳо;

$\alpha_1, \alpha_2, ..\alpha_n$ – нақши ҳар як нишондиҳанда дар рушди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ;

$i$ – миқдори индикаторҳо.

Сатҳи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад;

- Ташаккули механизми истеҳсолӣ;
- Иқтидори инноватсионию технологӣ;
- Мавҷудияти захираҳои молиявӣ;
- Инкишофи захираҳои интеллектуалӣ;
- Рақобатпазири молу маҳсулоти истеҳсолшуда;
- Таъсиси муҳити инвеститсионӣ;
- Омодасозии мутахассисони иқтидорнок;
- Банақшагирии стратегияи амал;
- Роҳандозии ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд;

Пешниҳоди муҳаққиқон ҷиҳати рушди корхонаҳои саноатӣ аз омилҳое вобастагӣ дорад, ки дар давраҳои ҳаётии корхона иштироки бевосита доранд.

Андешаи олим А.И. Чужмаров чунин аст «...амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз омилҳое вобастагӣ доранд, ки барои ташаккули механизми роҳҳои бартарафсозии маҷмӯи таҳдидҳо заминаи мувофиқро эҷод менамоянд» [134, с.31].

Бояд гуфт, ки равишҳои муосире, ки барои арзёбии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ истифода мегарданд, то ҳол басанда нест, зеро ки бо рушди ҷаҳони муосир муносибатҳои нав ба нав дар раванди истеҳсолот пайдо гардидаанд ва аз мо тақозои онро доранд, ки назарияҳои хусусияти навгонидоштаро пешниҳод намоем. Дар як қатор назарияҳои олимон, механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо вобаста ба таҳдидҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Тибқи андешаи олимон Л.П. Гончаренко ва Е. С. Куценко «...Амнияти иқтисоди корхона пеш аз ҳама аз тобоварии корхона аз ҳаргуна фишорҳои рақибон ҳангоми рақобат дар бозор мебошад» [23, с.20].

Сатҳи амнияти иқтисодӣ бештар ба омилҳое вобаста аст, ки хусусияти хоси такмилдиҳии механизми ҷории фаъолияти корхонаро бозгӯ буда, нишондиҳандаҳои рушди истеҳсолиро ба як низоми муайян медарорад.

Боназардошти маҷмӯи будани раванди таъмини амнияти иқтисодӣ, метавон гуфт, ки айни ҳол якчанд усулҳои таъмин намудани амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ коркард шудааст, ки барои хубтар гардонидани вазъ истифода мегардад.

Механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ басо мураккаб буда, тақозои чорабиниҳои амалии доимиро талаб менамояд. Аз ин рӯ барои хубтар гардонидани раванди таъмини амнияти иқтисодӣ аз чораҳои мушаххас бояд истифода бурда шавад, то ки дар истеҳсолот таъсири мусбиро расонида, натиҷаҳои дилхоҳро муҳайё созад.

Барои пешгирии хатарҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ бояд аз як қатор омилҳое истифода барем, ки ҳолати низоми мазкурро назорат намояд ва маҷмӯи тадбирҳои амалиро бозгӯ бошад, ки онҳоро метавон чунин маънидод намуд:

1. Пешгирии ҳолатҳои бухроние, ки ба низоми истеҳсолии корхона таъсири манфӣ мерасонад;

2. Роҳҳои коркарди нақшаву барномаҳое, ки барои баландбардории вазъи молиявии корхона замина мегузорад;

3. Коркарди нақшаи амал ҷиҳати дастрасӣ ба муваффақиятҳои истеҳсолие, ки ба ояндаи ташкилот таъсири мусбӣ мерасонад.

Барои дастарсии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхона, пеш аз ҳама бояд методологияи арзёбии он коркард шуда, роҳҳои тавсеаи минбаъдаи он муайян карда шавад.

Айни ҳол барои дастрас будани механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, моликони он кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки иқтидори истеҳсолӣ  сараввал муайян карда шавад. Аз тарафи дигар муҳлати амалӣ намудани барномаҳои рушди истеҳсолӣ, ҷиҳати рафъи хатарҳо низ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Нуқтаи дигаре, ки бояд қайд намоем, ин нақшаи коркарди нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои рушд ва ё коҳиши истеҳсолот барои арзёбии  амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар ҳолати дуруст коркард намудани он метавон хатарпазирӣ ва рақобатпазириро муайян намуд. Марҳилаи ташаккули истеҳсолии корхонаҳо аз индикаторҳое вобаста аст, ки дар раванди таҳлил дуруст гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

К.С. Половнев чунин ақида дорад, ки «...амнияти иқтисодии корхона раванди пайдарҳаме мебошад, ки бояд ба таври зинави  амалӣ карда шавад, то самаранокии минбаъдаро таъмин созад» [158, с.158].

Барои дуруст баҳо додани таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ  пеш аз ҳама низоми ягонаи ҷорие бояд ташкил намуд, ки  фаъолияти пурраи корхонаро дар бар гирад. Низоми мазкур бояд ҳамаҷониба бошад ва тамоми паҳлӯҳои фаъолияти корхонаро ба таври марҳилавӣ ва мушаххасан бозгӯ бошад. (расми 1.6.).




**Расми 1.6. - Самти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ – баҳодиҳии кретериявии сатҳи бехатарии иқтисодӣ**

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Мавриди зикр аст, ки барои хубтару беҳтар гардонидани раванди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ташкил ва таъмини технологияҳои инноватсионӣ зарур аст, зеро ки маҳз воситаи асосии ноилгардии корхонаҳо аз ин омилҳо сарчашма мегиранд.

Аксар маврид сабаби ба таҳдидҳо гирифтор шудани корхонаҳои саноатӣ, ин аз заиф будани низоми ташкилӣ-истеҳсолии он вобастагӣ дорад, яъне агар истеҳсолот дуруст ба роҳ монда нашавад хатари зуд ба буҳрон дучор шудани он дучанд мешавад.

Ба буҳрон дучор шудани корхонаҳо, яке аз аломатҳои таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии он мебошад. Барои он, ки буҳрон ба низоми истеҳсолии корхона таъсири кам расонад, коркарди стратегияи зиддибуҳронии корхона роҳи асосии баромадан аз ин мушкилиҳо мебошад.

Аз ин чост, ки аксар корхонаҳои саноатии пуриқтидор дорои механизми ҳамаҷонибаи зиддибуҳронӣ мебошанд.

Барои боз ҳам хубтар гардонидани раванди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ зарур мешуморем, ки механизми асосноке таҳия карда шавад, ки фаъолияти пурсамари корхонаро дар худ инъикос намояд. Аз ин хотир, барои пурзӯр намудани механизми таъмини амнияти иқтисодӣ, пеш аз ҳама омилҳои дохилӣ ва берунии корхонаро бояд ба инобат гирифт.

Мавриди қайд аст, ки берун баромадан аз ҳадди ниҳоии нишондиҳандаҳо, корхонаҳои саноатиро маҷбур менамояд, ки рақобатпазириро дар бозори дохил ва хориҷ аз даст диҳанд ва ба мушкилотҳое дучор гарданд, ки оқибат ба муфлисшавӣ ва ё аз байн рафтани он оварда расонад.

Чуноне, ки дар диссертатсия қайд гардид, барои арзёбии сатҳи таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, бояд моделе тарҳрезӣ карда шавад, ки имконияти дурусту саҳеҳ ҳисоб намудани меъёрҳои арзишии амнияти иқтисодиро фароҳам созанд.

Модели мазкур пеш аз ҳама механизми ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатиро фароҳам месозад.

Қобили қайд аст, ки барои корхонаҳои саноатӣ иқтидори истеҳсолӣ шарти асосии рушд маҳсуб ёфта, ҳамчунин ба сифати таъминкунандаи амнияти иқтисодиаш низ баромад менамояд.

Дар аснои таҳлили ин раванд метавон ба як қатор муаммоҳое вохӯрд, ки боиси коҳиш додани сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ мегардад.

Бояд зикр кард , ки аксар маврид моделҳое, ки барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона истифода мегардад қариб, ки усули куҳна мебошад ва он самараи дилхоҳро ба бор намеоварад.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофик аст, ки як қатор масъалаҳоро бо усулҳои иқтисодӣ - математикӣ ҳал кунем.

Ҳангоми арзёбии сатҳи амнияти иқтисодӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки меъёрҳои давлатӣ ҳангоми ҳисобкунӣ баҳо дода мешаванд, бинобар ин ҳангоми қабули қарорҳо дар асоси арзёбӣ омили вақтро ба назар гирифтан муҳим аст. Ин маънои онро дорад, ки тадбирҳои андешидашуда барои безараргардонии таҳдидҳо танҳо дар муддати кӯтоҳ самаранок буда, тафсир ва мутобиқсозии доимиро ба шароити нав талаб мекунанд. Ҳамин тариқ, барои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сатҳи амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ алгоритми амалҳоеро, ки дар расми 1.7. нишон дода шудаанд, амалӣ кардан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки баҳодиҳии сатҳи амнияти иқтисодӣ, ки дар расми 1.7. пешниҳод шудааст. Алгоритм 2 дар муддати кӯтоҳ иҷро карда мешавад, зеро корхона системаи динамикӣ ва муҳити беруна низ мебошад. Аз ин рӯ,

зарур аст, ки давра ба давра маҷмӯи меъёрҳо ва арзишҳои маҳдудро баррасӣ намуд. Ба ин муносибат маҷмӯи меъёрҳои амнияти иқтисодиро дар давраи муайян бо формулаи (7) ифода кардан мумкин аст.

$$X_i = (X_1, X_2, \ldots, X_{n-1}, X_n) \qquad (7)$$

***дар ин ҷо:***

$X$ – меъёри амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ;

$i$ – давраи вақт;

$n$ – шумораи меъёрҳо.




**Расми 1.7. - Алгоритми баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сатҳи амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ дар давраи муайян.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Агар меъёр интихоби даромаднокии корхонаи саноатӣ бошад, пас аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ онро дар шакли формулаи (8) пешниҳод кардан мумкин аст.

$$П = Д - В = f(X_1, X_2, \ldots, X_{n-1}, X_n) \qquad (8)$$

***дар ин ҷо:***

*П* – даромаднокии корхонаи саноатӣ, сомонӣ;

*Д* – даромад, сомонӣ;

*В* – хароҷот, сомонӣ.

Аммо шарти (9) бояд иҷро шавад.

$$(X_1, X_2, \ldots, X_{n-1}, X_n) \geq Z \qquad (9)$$

***дар ин ҷо:***

*Z* – дараҷаи дахлдори таъминоти иқтисодии корхонаи саноатӣ.

Ҳамин тариқ, афзоиш ба беҳтар шудани сатҳи амнияти иқтисодӣ оварда мерасонад ва арзиши паст аз буҳрон дар корхона шаҳодат медиҳад. Бояд гуфт, ки меъёри даромад ва хароҷот дар корхонаи саноатӣ арзиши доимӣ набуда, балки вазифаи мураккабест, ки ба як қатор омилҳо вобаста аст.

Дар асоси тадқиқот мо метавонем ба хулосае оем, ки барои муайян кардани сатҳи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ равиши ягонаи мутобиқшуда вуҷуд надорад. Дурнамои тадқиқоти минбаъда таҳияи системаи меъёрҳо, арзишҳои маҳдуди онҳо ва динамикаи тағирёбанда барои муайян кардани сатҳи амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ дар асоси ҷузъҳои он мебошад.

## ХУЛОСА ОИД БА БОБИ 1

1. Дар натиҷаи таҳқиқи масоили назариявии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки амнияти иқтисодӣ раванди мунтазаме буда, ҷиҳати рафъи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ равона карда шудааст.

Амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз омилҳое вобаста мебошад, ки тибқи низоми тадбирнок амалӣ карда мешаванд.

Назарияи таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ собит намуд, ки барои рафъи таҳдидҳо пеш аз ҳама андешидани тадбирҳои

саривақтӣ лозим аст ва ҳамаи ин маҳз ба воситаи принсипҳои ташаккулёфта ба даст меояд.

2. Хусусияти дигари таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ин аз истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар самти воридсозии технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Хароҷотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои бунёдӣ бояд мунтазам тибқи дараҷаи истеҳсолот ба роҳ монда шавад. Агар ҳаҷми харҷотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои бунёдӣ аз ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад, он гоҳ механизми ташкили ин раванд нодуруст ва ғайрисамаранок мебошад. Барои дуруст роҳандозӣ намудани раванди таҳқиқот бояд сараввал нақшаи мушаххас тарҳрезӣ карда шавад, то ки хароҷотҳои иловагиро барои корхона ба миён наорад.

3. Дар заминаи самаранок гардонидани методҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ андешидани маҷмӯи тадбирҳо оид ба беҳтарсозии раванди қабули қарорҳои таъсиррасон шарти асосӣ мебошад. Барои корхонаҳои саноатӣ омили асосӣ ин зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва гирифтани фоида аз фурӯши он мебошад. Истифодаи инноватсия махсусан дар шакли технология, суръати раванди истеҳсол ва фурӯшро метезонад. Аксарият корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки иқтидори технологиашон устувор гардад. Устувории технологӣ рақобатпазирии молу маҳсулотҳои истеҳсолии саноатиро таъмин намуда, мушкилотҳои ҷойдоштаро дар низоми истеҳсолот бартараф месозад. Аз ин рӯ, такмил додани методҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ яке аз роҳҳои асосии беҳтарсозии фаъолияи корхонаҳо арзёбӣ мегардад. Шароити мусоиди истеҳсолӣ барои корхонаҳои саноатӣ танҳо ҳамон замон муҳайё мегардад, ки инфрасохтори ягона ва комил таъсис дода шавад. Ҳамин тариқ, маҷмӯи методҳои асоснокшуда дар раванди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ зарур маҳсуб меёбад.

4. Барои беҳтар гардонидани сифати молу маҳсулоти истеҳсолшуда, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки тадқиқотҳои маркетингӣ гузаронанд, то муайян гардад, ки дараҷаи истеъмолии мизоҷон ба стандарти истеҳсолӣ

созгор аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ аксарият истеъмолкунандагони он молу маҳсулотҳоеро харидорӣ менамоянд, ки ба табъашон созгор ва аз нуқтаи назари сиёсати нархӣ низ мувофиқ бошад. Дурнамои инкишофи инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бояд фарогири як қатор омилҳои истеҳсолӣ, аз қабили ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва шарики хориҷӣ бошад. Аз нуқтаи назари мо барои баланд бардоштани сифати молу маҳсулоти истеҳсолӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ТАҲДИДҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Таҳлили нишондиҳандаҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт

Соҳаи саноат махсусан саноати сабук яке аз фишангҳои асосии таъминкунандаи рушди устувори иқтисодиёти миллӣ буда, бартарафкунандаи муаммоҳои макроиқтисодӣ аз қабили бекорӣ, сатҳи пасти истеҳсолот ва гардиши молу маҳсулот мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи саноат афзалият дода шуда, онро ҳамчун ҳадафи стратегӣ қабул намудаанд. Бо мақсади вусъат додани ҳаҷми истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии  Тоҷикистон сенарияи рушдро аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ табдил дода, дар ин замина як қатор тадбирҳои мушаххас, ки минбаъда инкишофи соҳаро дар бар мегирад, андешидааст.

Вобаста аз ин дар навбати аввал вазъи кунунии фаъолияти корхонаҳои саноатии мамлакатро аз рӯйи нишондиҳандаҳои омории он арзёбӣ менамоем. Ниг. ба ҷадвали 2.1.

**Ҷадвали 2.1. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2023***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Тағйирот соли 2023 нисбат ба соли 2017 бо% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Shk | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 | 2397 | 2802 | 3453 | 57,8% |
| Shms | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 0,9 |
| Hmn | 23815 | 26339 | 29816 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 | 1,96 мар. |
| ***дар инҷо: Shk*** - шумораи корхонаҳо, воҳид; ***Shms*** - шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ, ҳазор нафар; ***Hmn*** - ҳаҷми маҳсулот бо нархҳо, млн сомонӣ | | | | | | | | |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 9.

Тавре аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.1. дида мешавад, соли 2017 шумораи корхонаҳои саноатӣ 1999 ададро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 3453 адад расида ва ё 172,7% зиёд гардидааст. Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ бошад, давоми солҳои 2017-2023 0,8% зиёд шудаанд. Ҳамчунин ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ бо маротиб зиёд шуда, тақрибан 1,96 маротиба афзоиш ёфт.

Дар маҷмӯъ ба ақидае омадан мумкин аст, ки дар марҳилаи таҳлилӣ таносуб байни нишондиҳандаҳои шумораи корхонаҳо ва шумораи миёнаи солонаи коркунон ҷой дорад ва ин тамоюл бевосита ба корхонаҳои саноатӣ таҳдид эҷод менамояд. Ҳол он, ки тибқи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ пешгӯйкунӣ то соли 2030 132 ҳазор ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби таъсиси корхонаҳои саноатӣ бояд ташкил карда шавад.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври фавқулода заиф гардида, аксарияти корхонаҳои саноатӣ аз кор монданд. Бӯҳрони соҳаи саноати кишвар аз соли 1991 оғоз гардида, то соли 1997 идома ёфт. Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ яку якбора коҳиш ёфта, 32,3% нисбат ба соли 1990-ро ташкил дод. Теъдоди умумии коркунони соҳаи саноат дар ин давра ба 2,1 баробар кам гардид.

Албатта сабабҳои асосии кам гардидани ҷойҳои корӣ махсусан дар самти саноат ин аз кор мондани корхонаҳо мебошад, ки дар давоми ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияташон қатъ гардидааст. «...Аксарият корхонаҳои бонуфузе, ки дар аҳди Шӯравӣ дар ҳудуди кишвар амал менамуд, пурра ё қисман аз кор монд» [1], ки ин дар ҳақиқат яке аз проблемаҳои асосӣ дар иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мегардид.

Бо мақсади муайян намудани сатҳи инкишофи соҳаи саноат метавон шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноатро мавриди таҳлил қарор дод, ки дар ҷадвали 2.2 инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 2.2. - Шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноат дар давоми солҳои 2017-2023***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | Афзоиш, соли 2023 нисбат ба 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| ***Ҳамагӣ саноат*** | **1999** | **2161** | **2164** | **2283** | **2397** | **2802** | **3453** | **57,8** |
| Саноати истихроҷи маъдан | 229 | 249 | 250 | 264 | 291 | 303 | 315 | 72,6 |
| Вазни хос бо % | 11,4 | 11,5 | 11,5 | 11,5 | 12,1 | 10,8 | 9,1 | -2,3 б/ф |
| Саноати коркард | 1732 | 1806 | 1746 | 1846 | 1927 | 2318 | 2954 | 58,6 |
| Вазни хос бо% | 86,6 | 83,5 | 80,6 | 80,8 | 80,4 | 82,7 | 85,5 | -1,1 б/ф |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 38 | 106 | 168 | 173 | 179 | 181 | 184 | 4,8 мар. |
| Вазни хос бо % | 1,9 | 4,9 | 7,7 | 7,5 | 7,4 | 6,4 | 5,3 | 3,4 |

***Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 19

Чуноне, ки аз ҷадвал бармеояд дар соли 2017 вазни хоси саноати истихроҷи маъдан дар шумораи саноати кишвар 11,4%, 86,6 % саноати коркард ва 1,9%-ро истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об ташкил додааст. Соли 2023 нисбат ба соли 2017 шумораи корхонаҳои саноатии кишвар 57,8%- ро ташкил дода, аз он 72,6%, саноати истихроҷи маъдан, 58,6%, саноати коркард  ва 3,4 маротиба истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаҳои корхонаҳои саноатӣ гувоҳи он аст, ки зина ба зина фаъолиятро ба муҳити беруна ҳамоҳанг сохта, таъмини рушди устуворро ба худ касб намоянд.

Яке аз ҳадафҳои асосии дилхоҳ корхона новобаста аз шакли фаъолият ва моликиятдорӣ ин зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсолот аз он шаҳодат медиҳад, ки мол ё маҳсулоти истеҳсолшуда дар бозор истеъмолкунандаи худро дарёфт намуда, рақобатпазириро таъмин намудааст. Аз ин рӯ, мо дар Ҷадвали 2.1.3. ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, ки аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии

соҳаҳои саноати кишварро дар давоми солҳои 2017 ва 2023 мавриди таҳлил қарор додем.

**Ҷадвали 2.3. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2017-2023 (бо млн сомонӣ)***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | **2023 /2017 ҳаҷми маҳсулот (бо %)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | |
| Саноати истихроҷи маъдан | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 | 8409 | 8906 | 9336 | 2,06 мар. |
| Саноати коркард | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 | 242,3 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 | 8107 | 7622 | 8984 | 240,49 |
| **Ҳамагӣ саноат** | **20029** | **23894** | **27613** | **30890** | **38829** | **43025** | **46857** | **233,9** |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 13

Аз ҷадвали 2.3. бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рӯйи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаи саноат дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 зиёда аз 233,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Агар ба соҳаҳои дигари саноат назар афканем, чунин менамояд, ки тамоюли инкишоф дар чи сатҳ қарор дорад. Дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати истихроҷи маъдан зиёда 2,06 маротиба афзоиш ёфтааст. Агар ба марҳилаи таҳлилии тамоюли саноати истихроҷи маъдан назар афканем, танҳо дар соли 2020 рӯ ба поёнравӣ намуда, аммо дар соли 2021 нисбат ба соли 2020 қариб як баробар нишондиҳанда боло рафтааст. Албатта сабаби паст гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии коркард дар соли 2020 ин паҳншавии бемории сироятии COVID-19 арзёбӣ мегардад. Дар ин давра, яъне дар соли 2021 нисбат ба соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, тақрибан 1,8 маротиба ва ҳаҷми истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об 2,2 маротиба зиёд гардидааст.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи саноати коркард нисбат ба дигар соҳаҳои саноат баландтар буда, суръати афзоиш ҳам сол ба сол зиёд гардида истодааст. Бояд қайд намуд, ки

соҳаи саноати коркард дар асоси фишангҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва инноватсионӣ метавонад инкишоф ёфта, ҳаҷми истеҳсолотро зиёд намояд.

Барои муайян намудани ҳиссаи соҳаҳои саноат дар сохтори умумии соҳаи саноати кишвар, мо тасмим гирифтем, ки дар Ҷадвали 2.4 муфассал нишондиҳандаҳои омориро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Сохтори саноати кишвар аз нуқтаи назари иқтисодӣ устуворнок арзёбӣ гардида, механизми ташкилии он низ ба таври мушаххас ба роҳ монда шудааст. Дар ин ҷо пеш аз ҳама барои инкишоф ёфтани соҳаи саноат ташаккул ва истифодаи самараноки воситаҳои инноватсионӣ зарур маҳсуб меёбад.

**Ҷадвали 2.4. - Сохтори соҳаҳои саноат (бо фоиз)***

| Номгӯйи соҳаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Саноати истихроҷи маъдан. Аз он ҷумла: | 22,6 | 19,6 | 17,6 | 13,9 | 21,6 | 20,7 | 19,9 |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 1,5 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,2 | 1,4 | 1,2 |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 21,1 | 18,2 | 16,2 | 12,5 | 20,4 | 19,3 | 18,7 |
| Саноати коркард. Аз он ҷумла: | 58,6 | 56,6 | 57,8 | 61,7 | 57,5 | 61,6 | 60,9 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он ҷумла, нӯшокиҳо ва тамоку | 21,4 | 20,5 | 19,6 | 22,9 | 19,6 | 24,1 | 24,8 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 11,8 | 10,4 | 9,5 | 9,3 | 10,5 | 11,0 | 9,6 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,6 | 0,6 | 0,5 | 0,5 | 0,3 | 0,3 | 0,4 |

***идомаи ҷадвали 2.4.***

*Идомаи ҷадвали 2.4.*

| Номгӯйи соҳаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз,фаъолияти табъу нашр | 0,7 | 1,0 | 0,9 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,9 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафт | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,2 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | 1,0 | 1,3 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,2 | 1,1 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 10,4 | 9,6 | 9,4 | 8,8 | 7,4 | 6,8 | 6,7 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёрифилизӣ | 10,9 | 11,3 | 14,0 | 16,1 | 15,4 | 14,2 | 13,9 |
| Мошинсозӣ | 0,7 | 0,9 | 1,1 | 0,9 | 1,0 | 1,4 | 1,3 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,2 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,4 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об | 18,8 | 23,8 | 24,6 | 24,4 | 20,9 | 17,7 | 19,2 |
| ***Ҳамагӣ соҳаи саноат*** | ***100*** | ***100*** | ***100*** | ***100*** | ***100*** | ***100*** | ***100*** |

***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 16

Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ, ки дар ҷадвали 2.4. бармеояд, сохтори соҳаи саноати кишвар асосан аз се зерсоҳаҳо, саноати истихроҷи маъдан, саноати коркард ва истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об иборат мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саноати истихроҷи маъдан дар соли 2017 22,6%-и саноати кишварро ташкил дода, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 19,9%-ро ташкил додааст, ки 2,7% коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаҳо дар давоми солҳои 2017-2023 нобаробар буда, нишондиҳандаи аз ҳама пастарин дар соли 2020 13,9% буда, нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар ин соҳа дар соли 2017 22,6% мебошад.

Аз ин рӯ ба ақидае омадан мумкин аст, ки дараҷаи инкишофи соҳаи саноати истихроҷи маъдан на он қадар қаноатмандкунанда мебошад.

Саноати коркард бошад дар соли 2017 58,6%-ро ташкил дода, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 60,9% расидааст, ки назар ба соли 2017 2,6% кам мебошад. Нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар соли 2020 61,7% буда, пастарини он дар соли 2018 56,6% мебошад. Аз таҳлили мазкур бармеояд, ки нишондиҳандаҳои соҳаи саноати коркард дар марҳилаи таҳлилӣ хосияти ду тарафайн дорад: аз як тараф дар сохтори соҳаи саноати мамлакат ташаккули соҳаи истихроҷи маъдан аз тарафи дигар коҳиш ёфтани соҳаи саноати коркард.

Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, газ ва об дар соли 2017 18,8 %-и саноати кишварро ташкил дода, соли 2023 ба 19, 2% расидааст, ки нисбат ба соли 2017 0,4% зиёд мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили болозикр қайд намудан ба маврид аст, ки соҳаи саноти кишвар ба тавri дилхоҳ инкишоф наёфта, баъди андешидани маҷмӯи чорабиниҳо ва амалисозии сиёсати саноатӣ тибқи пешгӯиҳои олимони ватанӣ то соли 2030 бояд асоси иқтисодиёти кишварро соҳаи саноат ташкил диҳад.

Соҳаи саноати кишвар имрӯзҳо симои комилан навро ба худ касб намуда, марҳила ба марҳила дар ҳоли инкишофёбӣ мебошад.




**Расми 2.1. - Сохтори соҳаҳои саноат дар минтақаҳо дар соли 2023 (бо фоиз)**

***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 18

Барои муайян намудани ҳиссаи минтақаҳо дар сохтори саноати кишвар, зарур донистем, ки сохтори соҳаи саноат дар минтақаҳоро дар соли 2023 мавриди таҳлил қарор диҳем. Ниг. ба расми 2.1.

Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ, ки дар расми 2.1. оварда шудааст, бозгӯйи он мебошад, ки саноати истихроҷи маъдан танҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиёд ба чашм мерасад, ки ин албатта аз зиёд будани канданиҳои фоиданок дар ин минтақа вобаста аст. Мавқеи дуюм бошад, ин вилояти Суғд, ки 28,5%-и соҳаи саноаташро, саноати истихроҷи маъдан ташкил медиҳад. Боқимонда минтақаҳо аз қабили ШНТҶ 28,2%, вилояти Хатлон 4,2% ва шаҳри Душанбе 1,4%-и соҳаи саноаташонро, саноати истихроҷи маъдан ташкил медиҳад.

Дар сохтори соҳавии саноати шаҳри Душанбе саноати коркард аз ҳама баландтар буда, 70,1-и соҳаи саноаташро дар бар мегирад. Ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд 64,1%, вилояти Хатлон 57,7%, Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 43,5% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 26,0% мебошад. Таҳлилҳо бозгӯйи он мебошанд, ки саноати коркард танҳо дар шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон зиёдтар ба назар мерасад ва аз ҳама камтар дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон арзёбӣ мегардад.

Истеҳсоли нерӯи барқ, газ ва об дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 37,6%, вилояти Хатлон 38,1% ва шаҳри Душанбе 28,5% мебошад, ки назар ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ зиёдтар мебошанд. Нишондиҳандаи мазкур дар Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 28,3%, ва вилояти Суғд 7,4%-ро ташкил додааст.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки минтақаҳои кишвар дар асоси захираҳои мавҷудаи саноатӣ метавонад инкишоф ёфта, ба истеҳсоли ин ё он маҳсулоти саноатии махсусгардонида шаванд.

Масалан, саноати коркард дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд аз ҳама бештар инкишоф ёфтааст, зеро дар минтақаҳои мазкур захираҳои мавҷуда ҷиҳати истеҳсоли ин намуд маҳсулот мавҷуд буда, дар баробари ин

инкишофи корхонаҳо, ки ба истеҳсоли ин намуд саноат машғуланд, имконияти бештар ба назар мерасад.

Саноати истихроҷи маъдан бошад, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳама зиёдтар ба чашм мерасад, зеро ки дар ин ҳудуд захираҳои истихроҷшаванда зиёдтар мебошад.

Аз ин рӯ салоҳ мешуморем, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ вобаста ба мавҷудияти захираҳо махсусгардонидашудаи ин ё он соҳаи саноатӣ гарданд, яъне ин принсипи ҷойгиркунии соҳаҳои саноат боиси таъмини амнияти иқтисодии онҳо мегардад. Ҳамчунин маблағгузории буҷети давлатӣ ва сармоягузории лоиҳавӣ низ дар ин соҳаҳо зиёдтар гардонида шаванд.

Барои инкишофёбии соҳаи саноат пеш аз ҳама муайян намудани иқтидори захираҳо ва коркарду истеҳсоли он зарур мебошад, зеро бе мавҷудияти захираҳои моддӣ ва иқтидори истеҳсолии онҳо расидан ба мақсадҳои гузошташуда аз имкон берун мебошад.

Соҳаи саноат асосан дар заминаи иқтидори истеҳсолӣ метавонад рушд ёбад. Аз ин рӯ дар аксар маврид, кишварҳои пешрафта барои муайян намудани иқтидори истеҳсолӣ, пажӯҳишҳои амиқро ба роҳ монда, заминаҳои ташкили фаъолияти минбаъдаро аз нуқтаи назари илм асоснок мегардонанд.

Барои муайян намудани сатҳи инкишофи пурраи саноати мамлакат, моро зарур аст, ки сохтори соҳаҳои саноатро дар сатҳи минтақаҳо мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина муаммоҳои ҷойдоштаро муайян намоем ва роҳҳои бартарафсозии онҳоро бо пешниҳодҳои мушаххас асоснок гардонем.

Соҳаи саноати коркард яке аз воситаҳои асосии расидан ба мақсадҳои ниҳоии гузошташуда буда, ба сифати фишанги пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ баромад менамояд. Инкишофи саноати коркард барои кишваре, ки дорои захираҳои бойи канданиҳои фоиданоки зеризаминӣ мебошад, асоси баромадан аз мушкилотҳои иқтисодӣ мегардад. Аз ин рӯ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳову барномаҳо қабул гардидаанд, ки бозгӯйи талошҳои пайвастаи кишвар дар ин самт мебошад.

Аз таҳия ва қабули барномаҳои давлатӣ дар самти инкишофи соҳаи саноат мушоҳида намудан мумкин аст, ки Ҳукумати мамлакат, соҳаи саноатро нисбат ба дигар соҳаҳо афзалият дода, тамоми дастгириҳои давлатиро дар ин самт равона намудааст. Саноати коркард барои ҷумҳурии мо омили калидии рушди иқтисодиёт буда, дар сурати самаранок ба роҳ мондани ин раванд инкишофи пурраи иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат марҳила ба марҳила таъмин мегардад.

Яке аз воситаҳои дигари инкишоф додани соҳаи саноат ин ҷалби бахши хусусӣ арзёбӣ карда мешавад. Барои кишвари мо иштироки бахши хусусӣ дар инкишофи соҳаи саноат афзалиятнок мебошад, зеро маҳз сармоягузориҳо аз ҷониби бахшҳои хусусӣ имконияти рушди саноатро, махсусан корхонаҳои саноатиро ба миён меорад. Бояд қайд намоем, ки дар ин замина воридоти технологияҳои инноватсионӣ барои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пайдо гардида, минбаъд ҳамчун асоси инкишофи корхонаҳои саноатӣ мегардад.

Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, сармоягузориҳо аз ҷониби сармоягузорони дохилӣ бартариятнок мебошад [136, с.53], зеро ки ягон ҳиссаи даромад аз ҳисоби фаъолият ба хориҷ содирот намегардад.

Барои баҳодиҳии ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаи саноат нишондиҳандаҳои омориро дар Ҷадвали 2.5. мавриди таҳлил қарор медиҳем.

**Ҷадвали 2.5. -Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯйи шаклҳои моликият давоми солҳои 2017-2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои солҳои дахлдор)***

| Номгӯйи ҷонибҳо | Солҳо | | | | | | | Афзоиш бо % 2023/2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Бахши давлатӣ | 1852 | 2079 | 2347 | 3473 | 3477 | 2577 | 2896 | 156,3 |
| Бахши ғайридавлатӣ | 18177 | 21816 | 25266 | 27417 | 35352 | 40448 | 43961 | 2,41 мар. |
| **Ҳамагӣ саноат** | **20029** | **23894** | **27613** | **30890** | **38829** | **43025** | **46857** | 2,33 мар. |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 259.

Таҳлили нишондиҳандаҳои омории Ҷадвали 2.5. мушоҳида намудан мумкин аст, ки соли 2023 ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо нисбат ба бахши давлатӣ зиёд буда, 93,8%-ро ташкил медиҳад. Масалан дар соли 2017 ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ дар сохтори саноати кишвар 6,1% ва ҳиссаи корхонаҳои ғайридавлатӣ дар сохтори саноати кишвар 90,7%-ро ташкил медод. Ин нишондиҳандаҳо дар соли 2023 ба корхонаҳои давлатӣ 6,2% ва ғайридавлатӣ бошад 93,8% рост меояд.

Инкишофи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои давлатӣ ҳамасола рӯ ба афзоиш ниҳодаанд ва дар солҳои 2020-2021 тақрибан бетағйир мондааст, ҳамчунин дар соли 2023 нисбат ба солҳои 2020 ва 2021 кам гардидааст. Давоми солҳои 2017-2023 бошад 156,3% афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноатии ғайридавлатӣ ҳамасола рӯ ба инкишоф буда, соли 2023 нисбат ба соли 2017 тақрибан 2,41 маротиба зиёд гардидааст. Дар сохтори умумии соҳаи саноати кишвар соли 2023 нисбат ба соли 2017 2,33 банди фоизӣ зиёд шудаанд.

Аз таҳлили мазкур чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар инкишофи истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ хело ҳам таъсирнок арзёбӣ мегардад.

Яке аз мақсадҳои асосии саноатикунонии босуръати кишвар ин бартарафсозии мушкилотҳои ба бекорӣ нигаронидашуда мебошад. Бо мақсади таъмини шуғли пурмаҳсул қариб, ки ҳамасола теъдоди корхонаҳои саноатӣ зиёд карда мешавад. Дар ин самт аз ҷониби Ҳукумати кишвар тамоми талошҳои пайваста ҷиҳати таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи корӣ равона карда мешавад. Масалан, дар соли 2017 86,8 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар ба кор ҷалб шудаанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 87,5 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2017 0,8% зиёд мебошад.

Бо мақсади муайян намудани теъдоди коргарони соҳаи саноати кишвар вобаста ба соҳаҳои саноат зарур шуморидем, ки дар ҷадвали 2.6. шумораи

миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноати кишварро мавриди таҳлил қарор диҳем.

**Ҷадвали 2.6.-Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2017-2023 (ҳаз. наф.)***

| Номгӯйи соҳаҳо | Солҳо | | | | | | | Нисбат ба соли 2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Саноати истихроҷи маъдан | 9,6 | 10,2 | 11,1 | 12,6 | 13,6 | 12,8 | 13,1 | 136,4 |
| Саноати коркард | 60,9 | 56,5 | 59,2 | 59,3 | 58,9 | 60,1 | 60,2 | -0,7 |
| Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ | 16,4 | 18,9 | 13,9 | 12,4 | 12,8 | 13,4 | 14,2 | --2,2 |
| Ҳамагӣ саноат | 86,8 | 85,6 | 84,2 | 84,3 | 85,3 | 86,3 | 87,5 | 1,0 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 20

Дар соли 2017 теъдоди умумии кормандони соҳаи саноти кишвар 86,8 ҳазор нафарро ташкил додааст, ки аз инҳо 9,6 ҳазор нафар ё худ 11,2% дар соҳаи саноати истихроҷи маъдан, 60, 9 ҳазор нафар  ё худ 70,1% саноати коркард, 16,4 ҳазор нафар ё худ 18,8% дар соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ ташкил додаанд.  Дар соли 2023 ҳамагӣ дар соҳаи саноат 87,5 ҳазор нафар кормандон фаъолият намуда, ки аз инҳо 13,1 ҳазор нафар ё худ 14,9% ба соҳаи саноати истихроҷи маъдан, 60,2 ҳазор нафар ё худ 68,8% саноати коркард ва 14,2 ҳазор нафар ё худ 16,2% соҳаи истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ рост меояд. Аз таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳиссаи зиёди ба кор фаро гирифташудагон дар соҳаи саноати коркард мебошад. Дар соли 2017 60, 9 ҳазор нафар аҳолии қобили меҳнати кишвар дар соҳаи саноати коркард ба кор фаро гирифта шудаанд,  ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 60,2 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба соли 2017 -0,7% кам мебошад . Саноати коркард дар навбати худ ба яке аз зерсоҳаҳои калидии саноати ҷумҳурӣ дохил гардида, ҳиссаи зиёдеро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ки гарчанде, ки шумораи корхонаҳои соҳаи саноати коркард сол ба сол зиёд гардидааст, аммо теъдоди ба кор ҷалбшудагон дар ин соҳа на он

қадар қонеъкунанда мебошад. Аз як тараф истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсолот боис гардидааст, ки баъзе ҷойҳои кори ихтисор гарданд ва албатта ин раванд қариб, ки дар дилхоҳ корхонаҳо мавҷуд аст.

Саноати коркард барои кишвари мо яке аз унсурҳои муҳими инкишофдиҳандаи бахши воқеии иқтисоди миллӣ гардида, тақозои истифодаи технологияҳои инноватсиониро дар раванди истеҳсоли ин ё он маҳсулот ба миён овардааст. Корхонаҳои саноатии коркард аксарияташон ба бахшҳои хусусӣ таалуқ дошта, маҳсулотҳои истеҳсолкардаашон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ истеъмолкунанади худро дорад.

Барои инкишоф додани саноати коркард пеш аз ҳама ғояҳои илман асоснокшуда лозиманд, ки дар асоси онҳо бизнес-нақшаҳо, лоиҳаҳо ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҳия карда мешаванд, зарур арзёбӣ мегардад.

Ба мо маълум аст, ки дилхоҳ фаъолият новобаста аз шакли моликиятдорӣ ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ аксарият корхонаҳои саноатӣ ҳангоми таҳияи нақшаи стратегии рушди корхона дар қисмати маблағгузориҳо, роҳҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷиро пешниҳод менамоянд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ аксарият корхонаҳо кӯшиш менамоянд, ки фоидаи зиёд ба даст оранд. Аз ин рӯ минбаъд фаъолияташонро дар асоси ин ё он принсипе, ки дар амалия васеъ истифода гардидаанд ба роҳ мемонанд.

«...Имрӯзҳо дар ҳудуди кишвар ҳамасола теъдоди корхонаҳои саноатӣ рӯ ба инкишоф ниҳода, марҳила ба марҳила дараҷаи истеҳсолот низ зиёд шуда истодааст» [92,с.130;156]. Бо назардошти рушди илму техника имрӯзҳо талаботи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот зиёд шуда истодааст. Аз ин рӯ корхонаҳои саноатии кишварро зарур аст, ки воридоти технологияҳои инноватсиониро зиёд намуда, ба ин васила ҳаҷми истеҳсол ва суръатнокии онро таъмин намоянд.

Аз ҷониби Ҳукумати кишвар тамоми талошҳо ҷиҳати баландбардории иқтидорнокии истеҳсолоти саноатӣ ва дастгирии давлатӣ дар шакли имтиёзҳо ҷиҳати ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ равона карда шудааст.

Барои ташаккули фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки як қатор маҷмӯи чорабиниҳо аз қабили таҳияи стратегияву барномаҳои давлатӣ ва нақша чорабиниҳо таҳия ва қабул карда шаванд.

Дар ин робита имрӯзҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми талошҳои пайваста ҷиҳати такмил додани механизми таъмин намудани амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ равона карда шудааст.

## 2.2. Баҳодиҳии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ яке аз механизмҳои асосӣ маҳсуб ёфта, аз як қатор омилҳое ба монанди қабули қарорҳои самаранок, назорати раванди банақшагирии истеҳсолӣ, истифодаи самарабахши захираҳо, ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ ва ғайраҳо вобаста мебошад.

Ба роҳ мондани механизми таъмини амнияти иқтисодӣ аз мавҷудияти дараҷаи хавфу хатарҳо вобаста буда, аз роҳбарони корхонаҳо тақозо менамояд, ки барномаи заминавиро дар ин самт таҳия ва қабул намоянд.

Хавфу хатарҳо хусусияти гунонгуниро ба худ доро буда, баъзан маврид ҳатто дертар аз худ дарак медиҳанд ва таҳдидҳои тасодуфӣ номгузорӣ шудаанд. Тадбирҳое, ки дар ин самт андешида мешавад, бояд фарогири тамоми низоми ҷории корхонаҳои саноатӣ бошанд.

Хатарҳо метавонанад дохилӣ ва берунӣ бошанд ва албатта он аз рӯйи аломатҳои хос аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Дар шароити муосир нақши технологияҳои рақамӣ дар баланд бардоштани таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ хело ҳам назаррас аст.

Аз ин рӯ, аксар моликони корхонаҳои саноатӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки иқтидори инноватсионию технологии корхонаро баланд бардоранд, то ки молу маҳсулоти истеҳсол намудаашон рақобатпазир бошад.

Азбаски доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ саноати коркарди мамлакат мебошад, нишондиҳандаҳои асосии амнияти иқтисодии онро таҳлил менамоем. (Ниг. ба Ҷадвали 2.7.)

**Ҷадвали 2.7.-Истеҳсоли ҳаҷми номиналӣ ва воқеии саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2017-2023***

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард млн. сомонӣ | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 |
| Суръати афзоиши солона бо % | 125,7 | 114,8 | 117,9 | 119,4 | 117,1 | 118,7 | 107,6 |

*****Сарчашма***: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024. – С.14

Тавре аз ҷадвали 2.7. дида мешавад, давоми солҳои 2017-2023 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 2,4 маротиба зиёд шудааст. Суръати афзоиши он бошад, дар 7 сол ба ҳисоби миёна 17,3% ташкил медиҳад. Вале соли 2023 нисбат ба соли 2017 18,1 банди фоизи коҳиш ёфтааст. Ин коҳишёбиро бо чунин омилҳо рабт додан мумкин аст:

а) фарсудашавии таҷҳизоти корхонаҳо, ки ба зиёдгардии ҳаҷми истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонанд;

б) сатҳи нокифояи таъмини заминаи ашёвии корхонаҳои саноати коркард;

в) низоми номукаммали идоракунии инноватсионӣ, ки боиси рақобатпазир нагаштани корхонаҳои саноатӣ мегарданд. Вазъияти ба вуқуъ омадаро таҳдиди дохилӣ ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркад донистан мумкин аст.

Рушди иқтисоди миллӣ то андозаи муайян аз сатҳи субот ва амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ вобаста аст, ки таҳлили муқоисавии

нишондиҳандаҳои асосии соҳаҳои саноати мамлакатро анҷом додем. Ниг. ба ҷадвали 2.8.

**Ҷадвали 2.8.-Нишондиҳандаҳои асосии саноат дар низоми муқоисаи байнисоҳавӣ солҳои 2022-2023 (ба ҳар сари аҳолӣ, сомони)***

| Нишондиҳандаҳо | 2022 | 2023 | Тағйирот бо % |
|---|---|---|---|
| 1. Ҳамаи соҳаи саноат, ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомнӣ) | 4,269 | 4,554 | 106,6 |
| 2. Ҳаҷми саноати коркарди истеҳсолшуда ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ) | 2,629 | 2,773 | 105,4 |
| 3. Ҳаҷми саноати истихроҷ, ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ | 0,88 | 0,90 | 102,3 |
| 4. Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ ба ҳар сари аҳолӣ (бо сомонӣ) | 0,75 | 0,87 | 113,3 |
| 5. Музди миёнаи меҳнати якмоҳаи номиналии дар соҳаи саноат фаъолияткунанда (бо сомонӣ) | 2208,07 | 2373,39 | 107,5 |

****Сарчашма***: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024.-С.14-15, Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2024. С.-134

Дар ин радиф таҳлилҳо нишон додаанд, ки ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ду соли охир 6,6% зиёд шудаанд. Ҳаҷми саноати коркард ба ҳар сари аҳолӣ соли 2023 5,4%, саноати истихроҷ 2,3%, истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ 13,3% афзоиш ёфтаанд. Аммо ба муқоисаи нишондиҳандаҳо байни соҳаҳо назар намоем, пас ба соҳаи саноати коркард 60,8% ҳаҷми умумии саноати мамлакат ба ҳар сари аҳолӣ рост меояд. Ҳамчунин музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии соҳаи саноати коркард соли 2023 нисбат ба соли 2022 7,5% зиёд гардида, аз музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии мамлакат 17,8% баланд мебошад.

Ин ҳолат афзалияти соҳаи саноати коркарди мамлакатро нишон дода, онро тақозо менамояд, ки тадбирҳои мувофиқ оид ба самаранокии ҷойгиркунии корхонаҳои саноати коркард дар манотиқи кишвар, ҳамчун шарти ҳатмии таъмини амнияти иқтисодии корхона андешида шаванд.

Барои муайяннамоии ҳолати умумии саноати коркард, зарур аст, ки соҳаҳои алоҳидаи он дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ арзёбӣ гарданд ва ба ин васила дар Ҷадвали 2.9. нишондиҳандаҳои онро таҳлил намудем.

**Ҷадвали 2.9.-Истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ва ҳиссаи соҳаҳои он***

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард млн. сомонӣ | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 | 22313 | 26497 | 28537 |
| Аз ҷумла ҳиссаи соҳаҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот бо % | | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз он нӯшокиҳо ва тамоку | 36,5 | 36,2 | 33,8 | 37,2 | 34,1 | 39,1 | 40,7 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 19,9 | 18,3 | 16,5 | 15,0 | 18,3 | 17,8 | 15,7 |
| Истеҳсоли чарм, масnуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,48 | 0,46 | 0,44 | 0,47 | 0,53 | 0,51 | 0,46 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 1,01 | 1,02 | 0,92 | 0,74 | 0,56 | 0,55 | 0,71 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,2 | 1,7 | 1,6 | 0,95 | 0,94 | 1,02 | 1,46 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нафт | 0,67 | 0,77 | 0,79 | 0,45 | 0,55 | 0,29 | 0,29 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 0,90 | 1,08 | 0,96 | 0,95 | 1,2 | 1,6 | 2,1 |
| Истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 1,3 | 1,5 | 1,6 | 1,5 | 1,7 | 1,9 | 1,8 |
| Истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 17,7 | 16,9 | 16,2 | 14,2 | 12,8 | 11,0 | 10,9 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 18,6 | 20,0 | 24,3 | 26,1 | 26,7 | 22,9 | 22,7 |
| Мошинсозӣ | 1,2 | 1,5 | 1,9 | 1,5 | 1,7 | 2,2 | 2,19 |
| Ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,31 | 0,28 | 0,73 | 0,72 | 0,70 | 0,72 | 0,72 |

***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллиф аз рӯи Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024.-С.14-15.

Нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.9. аз он гувоҳи медиҳад, ки мавқеи асосиро дар таркиби саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маҳсулоти хӯрока, нушокиҳо ва тамоку ишғол менамояд, ки ҳиссаи он 40,7% ташкил медиҳад. Баъдан ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва маҳсулоти тайёри филизӣ, истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ назаррас аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои омилие, ки сатҳи амнияти иқтисодии соҳаи саноатро муайян мекунанд, ин захираҳои меҳнатии дар ин соҳа банд буда ва ҳаҷми истеҳсоли он мебошанд.

Ҳамин тавр дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳолати шумораи кормандони саноати коркард ва ҳаҷми истеҳсоли онро арзёбӣ намудем (Ниг. ба Ҷадвали 2.10.).

**Ҷадвали 2.10.-Шумораи кормандони баъзе саноати коркард ва ҳаҷми маҳсулоти он солҳои 2022-2023 млн. сомонӣ***

| Соҳаҳо | Шумораи кормандон ҳаз. нафар | | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ млн. сомонӣ | |
|---|---|---|---|---|
| Солҳо | 2022 | 2023 | 2022 | 2023 |
| Саноати коркард | 60,1 | 60,2 | 26497,3 | 28537,2 |
| Аз ҷумла: | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку | 13,2 | 13,4 | 10382,7 | 11620,7 |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 15,2 | 16,3 | 4499,8 | 4719,8 |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,9 | 0,9 | 133,1 | 137,3 |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 1,3 | 1,3 | 146,9 | 203,2 |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,8 | 1,8 | 272,0 | 416,6 |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 1,4 | 2,2 | 438,9 | 602,1 |
| Истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,0 | 9,5 | 2924,1 | 3122,0 |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 10,5 | 11,2 | 6093,2 | 6486,1 |

***Сарчашма*:** Муаллиф аз рӯи Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024.-С.36-37 ҳисоб кардааст.

Дар ин маврид зарур донистем, ки аз рӯйи нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.10. рейтинги соҳаҳои саноати коркардро бо ду нишондиҳандаи асосӣ муайян намоем. (нигаред ба Ҷадвали 2.11.).

Вобаста ба гурӯҳбандии мо чунин менамояд, ки ба доираи гурӯҳи 1-ум ҳамон соҳаҳои саноати коркард дохил мешаванд, ки шумораи кормандони онҳо 9,5 то 13,4 ҳаз. нафар ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли саноати коркард аз 10,9% то ба 40,7% ташкил медиҳанд. Ва ин соҳаҳои саноати коркардро, яъне истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нушокӣ ва тамоку, истеҳсоли металлургӣ, нассоҷӣ ва дузандагӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти филизӣ ва маъданиро метавон ҳамчун аз лиҳози иқтисодӣ бахши устувор номид. Зеро яке аз нишондиҳандаҳои таъмини амнияти иқтисодии саноат ин самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва зиёдгардии ҳаҷми истеҳсолот мебошад. Ҳамин тавр соҳаҳои гурӯҳи 1-ум то андозае ба нишондиҳандаҳои мусбат ноил гардидаанд.

**Ҷадвали 2.11.-Гурӯҳбандии соҳаҳои саноати коркард аз рӯйи шумораи кормандон ва ҳаҷми истеҳсолот***

| **Соҳаҳои гурҳи 1-ум** | Шумораи кормандони онҳо аз 9 -14 ҳазор | Ҳиссаи соҳа дар ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард аз 10-40% |
|---|---|---|
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку | 13,4 | 40,7% |
| Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 11,2 | 22,7% |
| Истеҳсоли нассоҷӣ ва дузандагӣ | 16,3 | 16,5% |
| Истеҳсоли ҳар гуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 9,5 | 10,9% |
| **Соҳаҳои Гурӯҳи 2-юм** | Шумораи кормандони онҳо аз 0,8-2,5 | Ҳиссаи соҳа дар ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард аз 0,4-2,2% |
| Истеҳсоли кимиёвӣ | 2,2 | 2,1% |
| Истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 1,8 | 1,45% |
| Коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 1,3 | 0,71% |
| Истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,9 | 0,48% |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф аз рӯйи нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.2.4. ҳисоб карда шудааст.

Гурӯҳи дуюми соҳаи саноати коркард он соҳаҳое мебошанд, ки шумораи кормандон ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми истеҳсолоти саноати коркард нисбатан кам ҳастанд. Ба ин гурӯҳ истеҳсолоти кимиёвӣ, селулозаю қоғаз, коркарди чӯбу тахта, истеҳсоли чарм дохил мешаванд. Бинобар он дар ҳоли имрӯз бозори ватанӣ бо ин навъи маҳсулот аз ҳисоби молҳои воридотӣ таъмин карда шуда истодаанд. Ин ҳолат таҳдид ба амнияти иқтисодии ин соҳаҳои саноати кокард мебошанд, ки зарурияти самаранок роҳандозии захираҳои мавҷударо дар фаъолияти истеҳсолӣ тақозо мекунад. Ҳамчунин дигар самти таҳдид аз он иборат аст, ки мутахассисони соҳа бо мақсади манбаи даромади доимии устувор ба дигар бахшҳои иқтисодӣ фаъолиятро оғоз ва ё ба муҳоҷират рафтанро пеша менамоянд.

Дар натиҷаи қабул ва амалинамоии як қатор барномаҳои соҳавӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, тараққиёти соҳаҳои саноати мамлакат ба назар мерасанд, ки аз лиҳози назариявию илмӣ асоснок кардани ин равандро бо нишондиҳандаҳои саноати сабук дида мебароем.

**Ҷадвали 2.12. - Ҳиссаи корхонаҳои саноати сабук дар маҷмӯи маҳсулоти соҳа (млн. сомонӣ)***

| Номгӯйи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2022 | Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2021 | с.2022 нисбат ба с.2021 ба ҳисоби фоиз | ҳисса дар соҳа |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷамъ** | **2306,8** | **1693,8** | **136,2** | **100,0** |
| ҶСП "Чжунтай-Данғара Син Силу Текстил", н.Данғара | 675,3 | 441,0 | 153,1 | 29,3 |
| ҶДММ "Ҷавонӣ", ш.Хуҷанд | 100,3 | 119,9 | 83,6 | 4,3 |
| ҶДММ "Сатн", ш.Хуҷанд | 91,8 | 85,2 | 107,7 | 4,0 |
| ҶДММ "Қолинҳои Суғд", ш.Гулистон | 82,3 | 45,3 | 175,6 | 3,6 |
| ҶДММ "ОРГАНИК ЯН" н. Ҷаббор Расулов | 77,9 | 40,8 | 191,1 | 3,4 |
| ҶДММ "Суғд Пак", ш.Бустон | 62,0 | 52,0 | 119,2 | 2,7 |
| ҶДММ "Мавлонои Румӣ", н.Рудакӣ | 61,0 | 28,5 | 214,3 | 2,6 |
| ҶДММ "ИИ Нассоҷии Тоҷик", ш.Душанбе | 40,2 | 37,9 | 106,0 | 1,7 |
| ҶДММ "Сомон чарм", ш.Гулистон | 39,9 | 14,6 | 208,1 | 1,7 |
| ҶДММ "Мохир Пластик" н.Ёвон | 39,3 | 38,6 | 101,7 | 1,7 |
| ҶДММ "БИСОТ" ш.Душанбе | 36,3 | 13,4 | 271,6 | 1,6 |
| ҶДММ "ҒАЮР ПАК " ш.Душанбе | 33,4 | 0,0 | 0,0 | 1,4 |
| ҶДММ "Чарм", ш.Душанбе | 30,2 | 27,7 | 109,0 | 1,3 |
| ҶДММ "Ресандаи Хатлон" н. Кушониён | 19,9 | 17,3 | 115,1 | 0,9 |
| ҶДММ "ВАҲДАТ ТЕКСТАЙЛ" ш.Душанбе | 19,8 | 9,2 | 214,7 | 0,9 |
| ҶДММ "Спитамен текстайл", н.Спитамен | 19,1 | 15,1 | 126,1 | 0,8 |

*Идомаи ҷадвали 2.12.*

| Номгӯйи корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2022 | Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2021 | с.2022 нисбат ба с.2021 ба ҳисоби фоиз | ҳисса дар соҳа |
|---|---|---|---|---|
| ҶДММ "Нассоҷи Хуҷанд", ш.Хуҷанд | 18,1 | 6,4 | 283,0 | 0,8 |
| ҶДММ "Матин чарм", ш.Душанбе | 17,9 | 13,9 | 129,1 | 0,8 |
| ҶДММ "Раҳимов А. А", ш.Хуҷанд | 17,8 | 12,5 | 143,4 | 0,8 |
| ҶДММ "Ресандаи Кулоб", ш.Кулоб | 14,9 | 7,0 | 212,7 | 0,6 |
| ҶДММ "Тоҷ - Фейза" н. Рудакӣ | 11,7 | 8,0 | 145,9 | 0,5 |
| ВМ ҶДММ "ВАҲДАТ ТЕКСТАЙЛ" н. Ёвон | 11,0 | 1,1 | 979,1 | 0,5 |
| ҶСК "ГУЛИСТОНИ ДУШАНБЕ" | 10,7 | 6,2 | 171,2 | 0,5 |
| ҶДММ "Сифат саноат", ш.Душанбе | 10,0 | 6,0 | 165,8 | 0,4 |
| ***Дигар корхонаҳо*** | ***766,0*** | ***646,2*** | ***118,5*** | ***33,2*** |

***Сарчашма:** муаллиф аз рӯи ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ ҳисоб намудааст.

Аз рақамҳои Ҷадвали 2.12. дида мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук давоми солҳои 2021-2022, 2306,8 млн сомонӣ ва ё 136,2% зиёд шудааст. Агар ба ҳиссаи коронаҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати сабук нигарем, ҶСП "Чжунтай-Данғара Син Силу Текстил", н. Данғара мавқеи асосиро ишғол намуда, 29,3% ташкил менамояд.

Дар мавриди қайд аст, ки пойдории суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ҳамчун омили дохилии сатҳи мамлакат соҳаҳои саноати коркард, махсусан соҳаи хӯрокворӣ низ тадриҷан рушд ёфта истодаанд. Вобаста ба ин нишондиҳандаҳои ин соҳаро арзёбӣ хоҳем кард.

Аз таҳлили рақамҳои Ҷадвал 2.13. бармеояд, ки истеҳсоли маҳсулоти гуштӣ давоми солҳои 2017-2023 25560 тонна ва ё 54,1% зиёд гардидааст. Дар баробари ин истеҳсоли маҳсулоти макаронӣ 2,8 маротиба, равғани растанӣ 2,0 маротиба, нӯшокиҳои ғайриалкоголӣ 4,3 маротиба, меваи хушк 4,1 маротиба ва қанди мошин 31,3% зиёд шудаанд. Аммо истеҳсоли ҳасиб ва

равғани чорво рӯ ба коҳиш ёфта, 90% ва 48,6% ташкил доданд. Ин ҳолат ба ақидаи мо аз кам гардидани манбаи ашёи хом, яъне соҳаи чорводорӣ дар ҷумҳурӣ дарак медиҳад. Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки корхонаҳои коркарди ашёи хоми чорво, истеҳсоли ҳасиб ва равғани чорво амнияти иқтисодии хешро таъмин карда натавониста, мавқеи рақобатиро аз даст хоҳанд дод.

**Ҷадвали 2.13. - Истеҳсоли моҳсулоти асосии соҳаи хӯрокворӣ дар солҳои 2017-2023***

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Тағйирот бо % соли 2023 нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт, якҷоя бо каллапочаи навъи 1, тонна | 47212 | 58996 | 65061 | 69525 | 67643 | 70713 | 72772 | 154,1 |
| Маҳсулоти макаронӣ, тонна | 4576 | 4371 | 3421 | 5990 | 9471 | 10019 | 13048 | 2,8 маротиба |
| Равғани растанӣ, ҳазор тонна | 12,7 | 16,3 | 21,6 | 23,9 | 23,6 | 24,8 | 25,8 | 2,0 маротиба |
| Ҳасиб, тонна | 4942 | 4629 | 5039 | 7057 | 5952 | 4543 | 4473 | 90% |
| Равғани чорво, тонна | 212,0 | 153,6 | 175,0 | 106,6 | 103,0 | 103,2 | 103,2 | 48,6% |
| Нӯшокиҳои беспирт,ҳазор дал | 7087 | 11198 | 12683 | 12358 | 17188 | 23612 | 30918 | 4,3 маротиба |
| Меваи хушк, тонна | 1948 | 2929 | 3707 | 5303 | 6664 | 6520 | 7999 | 4,1 маротиба |
| Қанди мошин, тонна | 194,2 | 150,7 | 62,1 | 8,3 | - | - | 255,1 | 131,3 |

****Сарчашма:*** Муаллиф аз рӯи Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2024.-С.47-48 ҳисоб кардааст.

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ аз сатҳи сармоягузории инноватсионӣ ва технологияҳои рақамӣ, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ ба таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат мекунанд вобастагӣ доранд. Аз ин лиҳоз вазъи сармоягузориро дар саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамоем.




**Расми 2.2. - Сармоягузории хориҷӣ ба соҳаҳои саноат (ҳаз. доллари ИМА).**

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 239.

Аз ҳолати сармоягузорӣ ба соҳаҳои саноатӣ дар ду соли охир дида мешавад, ки ҳаҷми онҳо коҳиш ёфтааст, аз ҷумла: саноати коркард соли 2023 нисбат ба соли гузашта 73,2% кам гашта, саноати истихроҷи маъдан бошад 52,4% кам шудааст.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки сатҳи нокифояи маблағгузорӣ ба таъминоти технология ва таҷҳизоти замони муосири соҳаҳои саноати мамлакат монеа эҷод мекунад ва дар натиҷа барои корхонаҳои саноатӣ таҳдид ба таъмини амнияти иқтисодӣ пайдо мешаванд. Масалан, соли 2017 аз ҳисоби норасоии воситаҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 32 корхонаҳои саноати сабук аз фаъолият боз мондаанд.

Дар баробари ин маблағгузории дохилӣ ба саноати коркарди мамлакат солҳои охир тамоюли зиёдшавиро дорад, ки ба рушди он мусоидат хоҳад кард.

Яке аз омилҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ самаранок роҳандозии иқтидори иқтисодӣ бо истифода аз равишҳои инноватсионӣ мебошад. Бо ин васила иқтидори иқтисодӣ метавонад ба рушди дарозмуддати корхонаҳои саноати коркард низ мусоидат намояд. Дар

ин маврид аз рӯйи нишондиҳандаҳои боэътимод ҳолати истифодаи иқтидори истеҳсолиро дар баъзе маҳсулоти саноати сабук ва хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намудем. Ниг. ба расми 2.3.




**Расми 2.3. - Истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ, солҳои 2017-2023 (бо %)**

***Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе- 2024. –С.264

Аз расм бармеояд, ки истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ давоми солҳои 2017-2023 дар истеҳсоли маҳсулоти нахи пахта, шоҳивории тайёр, пойафзол, қолин ва молҳои қолинӣ, истеҳсоли гӯшт, маҳсулоти ширӣ рӯ ба беҳбуд ниҳодаанд. Дар марҳилаи таҳлилӣ, истеҳсоли нахи пахта 1,3 банди фоизӣ, шоҳивории тайёр 23 банди фоизӣ, молҳои қолинӣ 0,5 банди фоизӣ, истеҳсоли гӯшт 1,9 банди фоизӣ зиёд шудааст. Вале истифодаи иқтидори истеҳсоли пойафзол 7,8 банди фоизӣ ва маҳсулоти ширӣ 0,6 банди фоизӣ коҳиш ёфтаанд. Ба андешаи мо ин вазъ аз норасоӣ ва гарон гаштани ашёи хом ба ин навъи молҳо боиси коҳишёбии чунин маҳсулот гардид.

Дар ҳоли имрӯз раванди воридотивазкунӣ дар мамлакат идома дорад, ки он яке аз шартҳои зарурии коҳиш ёфтани вобастагӣ аз бозори беруна мебошад. Вобаста аз ин дар доираи тадқиқот тамоюли тағийрёбии содироти баъзе аз намуди маҳсулоти саноати коркардро таҳлил менамоем. (Ниг. ба Ҷадвали 2.14.)

**Ҷадвали 2.14. - Содироти баъзе аз намудҳои молҳои саноати коркард дар давоми солҳои 2017-2023 (бо млн долл.амрикоӣ)***

| Номгӯйи молҳо | Солҳо | | | | | | | Тағийрот бо % соли 2023 нисбат ба соли 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 8,8 | 7,1 | 8,2 | 14,1 | 2,8 мар. |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 2,8 | 8,0 | 8,1 | 5,9 | 12,2 | 15,9 | 36,1 | 12,8 мар. |
| Пластмасса ва маснуоти он | 0,8 | 0,5 | 0,9 | 0,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 1,8 мар. |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 2,5 | 2,5 | 2,7 | 2,9 | 4,1 | 3,9 | 5,3 | 2,1 мар. |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 0,4 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 0,4 | 0,2 | -50% |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 181,8 | 226,4 | 200,5 | 196,3 | 279,3 | 319,4 | 302,6 | 166,4 |
| **Ҳамагӣ** | 193,3 | 241,4 | 217,5 | 214,5 | 304,7 | 349,4 | 345,6 | 178,7 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 39.

Нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур бозгӯйи ин аст, ки давоми солҳои 2017-2023 маҳсулотҳои саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он 14,1 млн доллари ИМА-ро ташкил дода 2,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Аз ин раванд ба ақидае омадан мумкин аст, ки то андозае имконияти таъминоти бозори дохилӣ фароҳам оварда шуда, иқтидори содиротии маҳсулотҳои мазкур баланд шудаанд. Ҳамчунин ин ҳолат аз суботи корхонаҳои соҳаи мазкур нишон дода, яке аз шарти таъмини амнияти иқтисодии корхона мебошад. Ҳамин тариқ ҳадафи асосии давлат, ин тавлиди молу маҳсулотҳои рақобатпазир мебошад ва албатта чунин сифатҳои молу маҳсулот дар натиҷаи оқилона роҳандозии технологияи коркарди он имконпазир мегардад. Маҳсулоти саноати кимиё дар радифи дигар маҳсулотҳои муҳим низ дохил гардида, дар давраи таҳлилӣ соли 2023 нисбат

ба соли 2017 12,8 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда ба талаботи рӯзмарра мувофиқ арзёбӣ мегардад.

Истеҳсоли пластмасса ва маснуоти он дар соли 2023 назар ба соли 2017 1,8 маротиба афзоиш ёфтааст. Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо дар марҳилаи таҳлилӣ тадриҷан зиёд гардида, соли 2023 нисбат ба соли 2017 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи онро дар содироти маҳсулотҳои дар ҷадвал оварда шуда, қиёс намоем пас 1,5%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ соҳаи мазкурро зарур аст, ки дар робита ба масъалаи мазкур ва технологияҳои коркарди он чораҳои зарурӣро ба роҳ андозанд.

Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта дар давоми солҳои 2017-2023 бетағйир ба назар расида, 50 % коҳиш ёфтааст. Яъне ин коҳишёбӣ аз мавҷуд набудани заминаи ашёии ин соҳа вобастагӣ дошта, маснуоти он танҳо бозори ватаниро дар доираи иқтидори мавҷуда таъмин карда истодааст. Ба фикри мо барои ташаккули соҳаи мазкур зарур аст, ки сармоягузорӣ ба роҳ андохта шуда, ба ин васила иқтидори истеҳсолиро устувор гардонида шавад. Содироти нассоҷӣ ва маснуоти он бошад дар марҳилаи таҳлилӣ тадриҷан зиёд гардида соли 2023 нисбат ба соли 2017 120,8 млн доллари ИМА ва 66,4% афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тавр устувор гардонидани истеҳоли маҳсулотҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ аз лиҳози иқтисодӣ таъмини амнияти он ба воситаи якчанд унсурҳо аз қабили сармоя, захираҳои моддӣ, илм, инноватсия ва маркетинг имконпазир мебошад.

Ба ақидаи иқтисодчӣ Махкамов Б.Б. «...яке аз муаммоҳои асосӣ дар соҳаи саноати кишвар ин рақобатпазир набудани молу маҳсулоти истеҳсолшудаи ватанӣ арзёбӣ мегардад. Барои рафъи мушкилоти мазкур зарур аст, ки механизми танзими давлатӣ дар ин самт пурзӯр карда шуда, якчанд марҳилаҳое, ки боиси инкишоф ёфтани ин соҳа мегардад, коркард карда шавад» [105, с.155].

Яке аз сабабҳои рақобатпазир набудани молу маҳсулоти истеҳсолшудаи ватанӣ, ин паст будани сифат маҳсуб ёфта, аз дигар тараф дастрас набудан барои аҳолӣ аз нуқтаи назари нарх мебошад.

Махкамов Б.Б. дар тадкиқоти дигари худ, «...омили асосии модернизатсияи иқтисодиёти кишварро дар баландбардории рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ эътироф намуда, пешниҳод менамояд, ки ба корхонаҳои навтаъсис ва амалкунандаи саноатӣ ҳарчи бештар имтиёз дода шавад» [106, с.122].

Воқеан барои ташаккул додани истеҳсолоти саноатӣ дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, механизми муқаррар намудани имтиёзҳои давлатӣ зарур мебошад.

**Ҷадвали 2.15.-Воридоти баъзе аз намудҳои молҳои саноати коркард давоми солҳои 2017-2023 (бо млн долл.амрикоӣ)***

| Номгӯйи молҳо | Солҳо | | | | | | | Нисбат ба соли 2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он | 216,8 | 232,0 | 277,5 | 295,2 | 390,2 | 458,2 | 450,5 | 207,7 |
| Маҳсулоти саноати кимиё | 319,0 | 302,9 | 326,9 | 331,0 | 357,5 | 495,0 | 467,5 | 1,9 |
| Пластмасса ва маснуоти он | 93,9 | 105,8 | 127,5 | 117,0 | 131,8 | 200,9 | 205,8 | 2,2 мар. |
| Пӯсти хом, чарм, мӯина, мӯинаи хом ва маснуот аз онҳо | 1,7 | 1,6 | 2,4 | 1,1 | 1,9 | 2,6 | 3,8 | 2,2 мар. |
| Чӯбу тахта ва маснуоти чӯбу тахта | 131,8 | 123,9 | 127,5 | 120,8 | 149,7 | 215,0 | 247,3 | 187,6 |
| Нассоҷӣ ва маснуоти нассоҷӣ | 66,4 | 60,1 | 80,6 | 82,7 | 89,2 | 124,3 | 124,2 | 26,1 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 38.

Аз ин рӯ дар қаламрави кишвар имрӯзҳо бахри дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ як қатор имтиёзҳо амалӣ гардида, бахри самаранокии ин соҳа заминаи мусоидро фароҳам овардаанд. Яке аз роҳҳои муайян намудани амнияти иқтисодии коронаҳои ватанӣ, сатҳи фаъолияти инноватсионии он, арзёбии ҳаҷми коҳишёбии воридоти молу маҳсулот мебошад. Бо ин мақсад дар Ҷадвали 2.15. воридоти баъзе аз молҳоеро таҳлил

менамоем, ки маҳз онҳоро низ корхонаҳои саноатии ватанӣ истеҳсол мекунанд.

Нишондиҳандаҳои воридоти молҳои дар ҷавдали 2.2.9. овардашуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки то ҳол ҳаҷми нокифояи истеҳсоли номгӯйи молҳои ватанӣ мавҷуд аст. Тибқи нишондиҳандаҳо воридоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машруботи спиртӣ ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаи он дар соли 2023 нисбат ба соли 2017 207,7% зиёд гардидааст. Нишондиҳандаи мазкур гувоҳи он аст, ки то ҳол воридоти номгӯйи чунин мол зиёд аст ва ба амнияти иқтисодии корхонаҳои ватанӣ таҳдид эҷод мекунад, ин ҷо зарур аст, ки дар масъалаи зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир чораҳои фаврӣ андешанд. Ҳамчунин нишондиҳандаҳои умумии таносуби содирот ва воридоти баъзе намудҳои маҳсулоти саноати коркардро соли 2023 муқоиса намоем, чунин аст: ҳиссаи содирот дар сохтори гардиши савдои хориҷии 6 номгӯйи молҳо ҳамагӣ 23,0%-ро ташкил медиҳад.

Тамоюли воридот дар аксар молҳои дар Ҷавдали 2.2.9 овардашуда, сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Аз як тараф таҳлил нишон медиҳад, ки талаботи аҳолӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст ва аз тарафи дигар рақобатпазир набудани молҳои истеҳсолшудаи ватанӣ мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ истеҳсолкунандагони ватаниро зарур аст, ки баҳри таъмини рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшуда технологияи муосири коркардро роҳандозӣ намоянд.

Барои арзёбии фаъолияти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноат ва таъмини амнияти иқтисодии он, истифодаи моделҳои эконометрикӣ ҳамчун воситаи аниқи таҳлил бамаврид мебошанд. Дар байни моделҳои эконометрикӣ бошад, модели намуди дараҷагӣ дар таҳлил ва арзёбии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Аз ҷумла, модели неоклассикии рушди иқтисодӣ, асосан дар заминаи модели дараҷагӣ ё худ дар пояи функсияи истеҳсолӣ ва омилҳои муайянкунандаи он

- шуғли пурраи аҳолӣ, чандирии нархҳо дар бозор ва рақобатпазирии омилҳои истеҳсолот ташкил карда мешавад.

Функсияи истеҳсолӣ алоқаи функсионалӣ байни маҷмӯи омилҳои истеҳсолӣ – сармоя, қувваи корӣ ва муайян кардани сатҳи технологӣ бо мақсади самарнок ба роҳ мондани истеҳсолот мебошад.

Тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот аз тағйирёбии омилҳои таъсиррасон вобаста мебошад. Бинобар ин, бо тағйир ёфтани яке аз омилҳои истесолӣ дар ҳолати бетағйир будани омилҳои дигар, ҳаҷми истеҳсолот ба андозаи коэффитсиенти назди омилбуда, тағйир меёбад. Намуди умумии функсияи истеҳсолӣ чунин мебошад:

$$Y = A \cdot K^{\alpha} \cdot L^{\beta} \quad (1)$$

***дар ин ҷо,***

$Y$ – ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард, $A$ – сатҳи пешрафти технологӣ (коэффитсиенти самаранокӣ), К – сармояи асосии саноати коркард ва L – аҳолии машғул дар бахши саноати коркард мебошанд.

Барои баҳодиҳии коэффитсиентҳои модели (1) усули квадратҳои хурдтарин истифода бурда мешавад. Тавассути коэффитсиентҳои баҳододашудаи модели мазкур ҳиссаи омилҳои дар модел овардашуда ба ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард ва дар маҷмуъ, таъсири онҳо ба аманияти иқтисодии соҳа муайян карда мешавад.

Бинобар ин, бо мақсади таҳияи модели регресионии арзёбии таъмини амнияти иқтисодии саноати коркард, маълумоти омории ҷадвали зеринро истифода менамоем:

**Ҷадвали 2.16. - Динамикаи нишондиҳандаҳои саноати коркард барои солҳои 2014-2024***

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати коркард млн. сомонӣ | Сармояи асосии саноти коркард млн. сомонӣ | Шумораи кормандони саноати коркард ҳазор нафар |
|---|---|---|---|
| | Y | K | L |
| 2014 | 6959 | 76,3 | 53,2 |
| 2015 | 8006 | 77,4 | 52,8 |
| 2016 | 9340 | 78,5 | 53,2 |
| 2017 | 11776 | 79,6 | 55,9 |

**Идомаи ҷадвали 2.16.**

| Солҳо | Ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати коркард млн. сомонӣ | Сармояи асосии саноти коркард млн. сомонӣ | Шумораи кормандони саноати коркард ҳазор нафар |
|---|---|---|---|
| 2018 | 13520 | 79,5 | 56,5 |
| 2019 | 15952 | 80,6 | 57,2 |
| 2020 | 19054 | 80,8 | 58,3 |
| 2021 | 22313 | 80,9 | 59,9 |
| 2022 | 26497 | 82,7 | 60,1 |
| 2023 | 28537 | 85,0 | 60,2 |
| 2024 | 31432 | 86,2 | 60,4 |

***Сарчашма:** Маълумотномаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикисон

Тавре аз намуди модели (1) маълум аст, функсияи истеҳсолӣ, регрессияи дараҷагии ғайрихаттӣ мебошад. Тибқи талаботҳои эконометрикӣ барои шарҳи дурусти коэффитсиентҳои моделҳои регрессияи ғайрихаттӣ, усули хаттикунонии онҳо истифода шавад. Бинобар ин, барои таҳияи функсияи хаттии истеҳсолӣ, аз қимматҳои нишондиҳандаҳо логарифм гирифта мешаванд (ниг. ба Ҷадвали. 2.17).

**Ҷадвали 2.17. - Қимматҳои логарифмиронидашудаи нишондиҳандаҳои саноати коркард барои солҳои 2014-2024***

| Солҳо | LnY | LnK | LnL |
|---|---|---|---|
| 2014 | 8,85 | 4,33 | 3,97 |
| 2015 | 8,99 | 4,35 | 4,04 |
| 2016 | 9,14 | 4,39 | 4,06 |
| 2017 | 9,37 | 4,46 | 4,11 |
| 2018 | 9,51 | 4,42 | 4,03 |
| 2019 | 9,68 | 4,39 | 4,08 |
| 2020 | 9,86 | 4,39 | 4,08 |
| 2021 | 10,01 | 4,39 | 4,08 |
| 2022 | 10,18 | 4,42 | 4,10 |
| 2023 | 10,26 | 4,44 | 4,10 |
| 2024 | 10,36 | 4,46 | 4,10 |

***Сарсашма:*** *Ҳисоби муаллиф дар асоси* Маълумотномаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикисон

Бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ ва ба инобат гирифтани меъёрҳои тавсифи оморӣ модели регрессионии арзёбии саноати коркард таҳия карда шуд, ки намуди ҳисобии он чунин мебошад:

$$Ln(Y) = -32{,}7133 + 2{,}4155 \cdot \mathrm{Ln(K)} + 7{,}4908 \cdot \mathrm{Ln(L)} \quad (2)$$

$$\exp(a) = \exp(-32{,}7133) = 0{,}00000000000001$$

Тавсифи омории модели (2) аз рӯйи сифат, хатогӣ ва этимоднокӣ чунин мебошад: $R^2 = 0{,}79$, $\bar{A} = 2{,}87\%$, $DW = 1{,}18$.

Аз қимматҳои ҳосилшудаи модели таҳиягардида бар меояд, ки модели мазкур эътимоднокии натиҷаи мувофиқи рушди соҳаи саноати коркардро ба таври пурра фаро намегирад.

Аз рӯйи коэффитсиентҳои модели таҳиягардида маълум мегардад, ки ҳангоми ба як воҳид зиёд гардидани ҳаҷми сармояи асосӣ дар ҳолати бетағйир мондани шумораи кормандон, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ба ҳисоби миёна 2,4155 фоиз зиёд мегардад. Инчунин, агар зиёд шумораи кормандон ба як воҳид зиёд шаваду ҳаҷми сармояи асосӣ бетағйир монад, маҷмуи истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ба ҳисоби миёна ба андозаи 7,4908 фоиз афзоиш меёбад.

Дар маҷмуъ аз таҳлили коэффитсиентҳои модели таҳиягардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳиссаи сармояи асосӣ дар истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард ночиз буда, ба таъмини амнияти иқтисодии соҳаи мазкур таҳдид эҷод мекунад. Ҳамзамон, қиммати сатҳи технологӣ  бениҳоят паст буда, аз таъмин набудани технологияҳои инноватсионӣ дарак медиҳад, ки ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи саноати коркард таъсири манфӣ расонида, ниҳояти кор ба ноустувории молиявӣ оварда мерасонад.

Дар идома барои муқоисаи натиҷаҳо ба тарҳрезии амсиласозии иқтисодӣ – математикии нишондиҳандаҳои соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат дода мешавад.

Намуди умумии амсилаи иқтисодӣ - математикӣ чунин мебошад:

$$Y = aX_1 + bX_2 + cX_3 + nX_n \qquad (3)$$

***дар ин ҷо***,

$Y$ – ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард, млн. сомонӣ, $X_1$ – сармояи асосии саноти коркард млн. сомонӣ, $X_2$ – шумораи кормандони саноати коркард, ҳаз. нафар мебошанд.

Бинобар ин, бо мақсади тахияи амсилаи иқтисодӣ – математики таъмини амнияти иқтисодии саноати коркард маълумоти омории ҷадвали зеринро истифода менамоем (ҷадвали 2.18.).

**Ҷадвали 2.18. - Динамикаи нишондиҳандаҳои саноати коркард барои солҳои 2014-2024***

| **Нишондиҳандаҳо** | **Ҳаҷми маҳсулоти умумии саноати коркард млн. сомонӣ** | **Сармояи асосии саноти коркард млн. сомонӣ** | **Шумораи кормандони саноати коркард, ҳазор нафар** |
|---|---|---|---|
| **Солҳо** | **Y** | **$X_1$** | **$X_2$** |
| 2014 | 6959 | 76,3 | 53,2 |
| 2015 | 8006 | 77,4 | 52,8 |
| 2016 | 9340 | 78,5 | 53,2 |
| 2017 | 11776 | 79,6 | 55,9 |
| 2018 | 13520 | 79,5 | 56,5 |
| 2019 | 15952 | 80,6 | 57,2 |
| 2020 | 19054 | 80,8 | 58,3 |
| 2021 | 22313 | 80,9 | 59,9 |
| 2022 | 26497 | 82,7 | 60,1 |
| 2023 | 28537 | 85,0 | 60,2 |
| 2024 | 31432 | 86,2 | 60,4 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Вазоарти саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаи амсилаҳои ҳосилшударо ба намуди зерин, ки шакли муодиларо дорад пешниҳод менамоем (муод. 2.).

Аз қимматҳои ҳосилшудаи модели таҳиягардида бармеояд, ки модели мазкур боэътимод буда барои истифодабарӣ мувофиқ мебошад.

**Ҷадвали 2.19. - Натиҷаи амсилаи иқтисодӣ - математикии саноати коркард***

| | ***Коэффит - сиентҳо*** | ***Хатогии стандартӣ*** | ***t-оморӣ*** |
|---|---|---|---|
| Y - *бурриш* | -186725 | 14063,66 | -13,2771 |
| Сармояи асосии саноти коркард млн. сомонӣ, $X_1$ | 1615,39 | 355,8178 | 4,5399 |
| Шумораи кормандони саноати коркард, ҳаз. нафар, $X_2$ | 1296,32 | 357,9011 | 3,6220 |

***Сарчашма:*** таҳияи муаллиф бо ёрии имкониятҳои ДБА.

$$Y = -186725 + 1615{,}39X_1 + 1296{,}32X_2 \qquad (4)$$

Натиҷаҳои ҳосилшуда нишон медиҳад, ки дар сурати 1 воҳид афзоиш ёфтани қиммати $X_1$ даромади умумии соҳа ба 1615,39 млн. сомонӣ ва дар ҳолати зиёд шудани қиммати $X_2$ нишондоди умумии раванд ба 1296,32 млн. сомонӣ афзоиш меёбад. Қимматҳои ҳосилшудаи коэффитсиенти детерминатсия, ки эътимоднокии натиҷаҳои ҳосилшударо инъикос менамояд ба $R^2$ = 0,9871 ё 98 фоиз баробар мебошад.

Инчунин, дар рафти анҷом додани таҳқиқот ба мо муяссар гардид, ки нишондиҳандаҳои ҳадди ҳудудӣ барои арзёбии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоем. Нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодии ҳадди ҳудудӣ барои арзёбии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар ҷадвали 2.20. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.20 - Нишондиҳандаҳои молиявию иқтисодӣ***

| Нишондиҳанда | Қиммати воқеӣ | Қиммати ҳадди ҳудудӣ |
|---|---|---|
| Фарсудашавии фондҳои асосӣ | 52–60% | > 50% |
| Ҳиссаи корхонаҳои зиёновар | ~3% | > 15% |
| Фоиданокии фурӯш дар соҳаи саноат | ~5 – 6% | < 5% |
| Зариби пардохтпазирии ҷорӣ | 0.7–1.0 | < 1.0 |

***Сарчашма:*** коркардҳои илмии муаллифи диссератсия.

Дар ин ҷо ишора гардидааст, ки фарсудашавии фондҳои асосӣ 52 – 60 фоиз, ҳиссаи корхонаҳои зиёновар наздики 3 фоиз, фоиданокии фурӯш дар соҳаи саноат дар миқёси аз 5 то 6 фоиз ва зариби пардохтпазирии ҷорӣ 0,7 – 1,00 – ро ташкил медиҳад. Натиҷаи нишондиҳандаҳои ҳадди ҳудудии истеҳсолӣ ва технологӣ (ҷадвали 2.21.).

**Ҷадвали 2.21. - Нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва технологӣ***

| Нишондиҳанда | Қиммати воқеӣ | Қиммати ҳадди ҳудудӣ |
|---|---|---|
| Сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ | 65–70% | < 70% |
| Фаъолияти инноватсионӣ | < 10% | < 15% |
| Ҳиссаи маҳсулоти баланди технологӣ | < 3% | < 5% |

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф

Таҳлили ҷадвали 2.21 нишон медиҳад, ки сатҳи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ 65 – 70 фоиз, фаъолияти инноватсионӣ аз даҳ фоиз боло, ҳиссаи

маҳсулоти баландтехнологӣ аз се фоиз боло мебошад. Дар идомаи таҳлил нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешниҳод карда мешвад (ҷадвали 2.22.).

**Ҷадвали 2.22. - Нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ***

| Нишондиҳанда | Қиммати воқеӣ | Қиммати ҳадди ҳудудӣ |
|---|---|---|
| Вобастагӣ аз воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ | > 80% | > 40% |
| Консентратсияи содирот (масалан, алюминий ва пахта) | ~60% | > 30% |

***Сарчашма:*** коркардҳои илмии муаллифи диссератсия.

Дар робита ба нишондоди мазкур бошад вобастагӣ аз воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ аз 80 фоиз боло буда Консентратсияи содирот (масалан, алюминий ва пахта) наздики 60 фоиз меошад. Дар ҷадвали 2.23. бошад ҳадди ҳудудии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Ҷадвали 2.23. - Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ***

| Нишондиҳанда | Қиммати воқеӣ | Қиммати ҳадди ҳудудӣ |
|---|---|---|
| Сатҳи шуғл дар бахши саноат | 12–14% | < 15% |
| Маоши миёна дар саноат | ~80% | < 70% |

***Сарчашма:*** коркардҳои илмии муаллифи диссератсия.

Таҳлили ҷадвали мазкур гувоҳи он аст, ки сатҳи шуғл дар бахши саноат аз 12 то 14 фоизро ташкил дода маоши миёна дар саноат дар ҳошияи то 80 фоиз доман мезанад.

Вобаста аз ин яке аз воситаҳои асосие, ки иқтидори саноатии давлатро муайян мегардонад, ин таснифоти соҳаҳои саноат аз рӯйи технологияи истеҳсолот арзёбӣ мегардад. Сохтори соҳаҳои саноат аз рӯйи технологияҳои истеҳсолӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда мешавад, ки мо онро дар расми зер ба таври зайл пешниҳод намудаем.

Чуноне, ки аз расми дар боло овардашуда бармеояд, сохтори соҳаи саноат аз рӯйи технологияҳои истеҳсолӣ ба се гурӯҳ ҷудо мегардад:

1. Соҳаи технологияи сатҳи баланд, ки ба давлатҳои аз ҷиҳати саноатӣ пешрафта хос аст;

2. Соҳаи технологияи сатҳи миёна, ки ба кишварҳои сатҳи саноаташон миёна рост меояд;

3. Соҳаи технологияи сатҳи поёнӣ, ки ин ба соҳаҳои саноати кишварҳои Осиёи Марказӣ рост меояд.

**Сохтори соҳаҳои саноат аз рӯйи технологияҳои истеҳсолӣ дар давлатҳои мутараққӣ**




**Расми 2.4. - Марҳилаҳои инноватсионии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Маврид ба ёдоварист, ки аз ин се таснифоти гурӯҳҳои сохтори соҳаҳои саноат, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи сеюм дохил гардида, танҳо соҳаи технологияи сатҳи поён, яъне истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нӯшокиҳо ва тамоку, истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол, истеҳсоли селюлозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст.

Бояд қайд намоем, ки масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно мубрам арзёбӣ гардида, тақозои истифодаи технологияҳои инноватсиониро ҳангоми фаъолият ба миён меорад.

## 2.3. Имкониятҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити рушди инноватсионӣ

Таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз як қатор тадбирҳо ба монанди қабули қарорҳои самаранок ва стратегӣ алоқаманд буда, ҷиҳати дарёфти роҳҳои муосири пешгирикунандаи таҳдидҳо бояд принсипҳо ва усулҳои асоснок истифода гардад.

Аксаран таҳдидҳоро метавон пешгӯйи намуд, аммо иддае аз таҳдидҳо хусусияти ногаҳонӣ ва тасодуфиро ба худ доро мебошанд.

Баъзан хавфҳо, ки дар давраи муайян ба амал меоянд ва онҳо дорои аломатҳои худ ҳастанд, метавон аз рӯйи принсипҳои мушаххас бартараф намуд.

Хавфҳое, ки сабаби пайдоишашон форсмажорӣ мебошад, идора намудани онҳо то ҳадде мушкил мегардад ва пешгӯйи намудани он низ ғайримкон аст, аммо бояд дар нақшаи молиявии корхона ҷиҳати рафъи оқибатҳои он маблағи муайян пешбинӣ гардида бошад.

Мавриди зикр аст, ки барои рафъи таҳдидҳо пеш аз ҳам дар корхона мавҷудияти нақшаи амал талаботи асосӣ маҳсуб меёбад ва ин нақша бояд фарогири як қатор тадбирҳои аз лиҳози иқтисодӣ асоснокшуда бошад.

Ба андешаи мо, чунин монеаҳо дар самти таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноати кишвар мавҷуд аст, ки инҳоянд:

- номувофиқии истифодаи захираҳои моддии ба корхонаҳо ҷудошуда;
- ба мушкилӣ дучор омадани корхонаҳо, ҳангоми мутобиқшавӣ ба ҷорисозии инноватсияҳо;
- маҳдуд шудани мавқеи корхона ҳангоми фурӯши маҳсулот дар бозор;
- устувор набудани вазъи молиявӣ;
- номувофиқии шарикони тиҷоратии ватанӣ, ҳангоми ҳамкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ.

Паст будани сатҳи зиндагии аҳолӣ, метавонад боиси рушд наёфтани соҳаи саноат гардад ва ҳамчун таҳдид низ ба амнияти он баромад намояд.

Муаммоҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ на танҳо хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки метавонад дар кишварҳои дигар низ вуҷуд дошат бошад, зеро сатҳи иқтисодиёт ва қонуниятҳои инкишофи он қариб, ки дар аксар мамлакатҳо яксонанд.

Камбизоати ба ду гурӯҳи асосӣ дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷудо мешавад, ки онҳо чунинанд:

- Инкишофи иқтисодиёт вобаста ба ҳаҷми ММД ба ҳар сари аҳолӣ;
- Номувозинатии ҷудо кардани даромад дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ.

Дар заминаи гуфтаҳои боло қайд намудан ба маврид аст, ки дар шароити муосир истифодаи самараноки инноватсия дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад қувваи асосии пешбарандаи дигаргуниҳои назаррас, ки амнияти иқтисодии корхона ва устуворнокии иқтисоди миллиро таъмин намояд, гардад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд; «...Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат дар се соли охир ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 15,2 то 17,3 фоиз афзоиш ёфт.Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад» [7].

Ҳамин тариқ вазифаи аввалиндараҷаи давлат дар самти инкишофи бахшҳои иқтисодиёти ватанӣ, ин ба заминаи инноватсионӣ гузаштани корхонаҳои саноатӣ арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015, №354 Стратегияи рушди

инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 қабул карда шуда, ки минбаъд дар заминаи амалисозии он як қатор мушкилотҳои хусусияти технологидошта ҳаллу фасл гардиданд.

Стратегияи мазкур «...ба бартараф намудани мушкилоти дар назди давлат ва ҷомеа дар соҳаи рушди инноватсионӣ қарордошта, муайян намудани мақсаду ҳадафҳо, афзалиятҳо ва воситаҳои сиёсати инноватсионии давлат равона гардидааст. Дар айни замон Стратегия дурнамои дарозмуддати рушди субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, инчунин дурнамои маблағгузории бахши илмбунёдӣ ва амалии  дастгирии тиҷоратикунонии коркардҳоро вазифагузорӣ менамояд» [9].

«...Гузариш ба роҳи инноватсионии иқтисодиёт имконият медиҳад, ки технологияҳои наву муосир дар раванди истеҳсолот истифода гардад ва боиси рақобатпазирии маҳсулот, амнияти иқтисодӣ, устувор гардидани сатҳи иқтисодиёти миллӣ бошад» [66, с.53].

Бинобар масъалаҳои ҷузъи инноватсионии амнияти иқтисодӣ барои ҳар як мамлакат самти муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дараҷаи амнияти соҳаи саноати коркард на танҳо имконият ва сифати маҳсулоти истеҳсолиро баланд мебардорад, балки рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро таъмин хоҳад кард. Ҳамчунин дар шароити имрӯза маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ коркард гашта истодаанд, ки ба баландбардории самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили таъминкунандаи амнияти иқтисодии соҳаи саноати мамлакат баромад мекунанд.

Дар ин маврид фаъолияти инноватсионӣ ба корхонаҳои саноатӣ чунин хусусиятҳоро имконпазир мегардонад:

- дар бозор маҳсулоти нав бо сифати куллан дигар ворид мегардад;
- имконияти васеи тадбиқи усулҳои нави истеҳсолот;
- таъсиси бозори нави соҳавӣ;
- пайдоиши манбаи нави ашё дар бозор.

Инноватсия яке аз воситаҳои асосии таъминкунандаи амнияти иқтисодии соҳаи саноат арзёбӣ гардида, ба сифати низоми муҳофизаткунанда

аз маҷмӯи хатарҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад. Дар натиҷаи андешидани маҷмӯи тадбирҳое, ки хусусияти навовариро ба худ доро мебошанд, метавон амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро таъмин намуд.

Мавриди зикр аст, ки нақши инноватсия дар таъмин намудани амнияти иқтисодии соҳаи саноат хело ҳам калон буда, ҳатто аз судмандии иқтисод самараноктар мебошад.

Аслияти асосии амнияти иқтисодии соҳаи саноат, дар омилҳои гуногуне инъикос мегард, ки чунин тавсиф намудан мумкин аст:

Якум, вуҷуд доштани маҷмӯи захираҳое, ки бо воҳидҳои пулӣ муайян карда мешаванд ва ба захираҳои молиявии як ташкилоти мушаххас вобаста мебошанд.

Дуюм, амнияти шахсӣ–таъмини амнияти шахсе, ки ба захираҳои кадриву меҳнатии ташкилот дохил мешавад ва дар сурати таҳдид ба он хавфу хатарҳо низ ба амнияти иқтисодии корхона таҳдид менамояд, ки метавонад оқибатҳои ногуворро барои низоми он ба миён орад.

Сеюм, амнияти идоракунӣ- раванди мазкур аз роҳбарони корхонаҳои саноатӣ тақозо менамояд, ки ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва ё банақшагирии истеҳсолӣ, омилҳои дохилӣ ва беруниро ба инобат бигиранд. Бояд иброз дошт, ки аксар корхонаҳое, ки ба муфлисшавӣ ва нестшавӣ омад мерасанд, ин аз нооқилона ва ғайрисамаранок қабул намудани қарорҳои идоракунӣ алоқаманд мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки технологияҳои қабули қарорҳои идоракунӣ бояд ба таҳаввулоти муосир созгор бошанд. Яъне, ба инобат гирифтани дигаргуниҳое, ки ҳангоми истеҳсол ба миён омада, метавонанд натиҷаи хуб ва дилхоҳро ба бор оранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксар маврид дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ роҳбарон ҷузъиёти онро танҳо ҳангоми пайдо шудани хатарҳо мавриди баррасии коллективӣ қарор медиҳанд, ки оқибатҳои ногуворро барои корхона ба миён меоварад.

Бояд ҳангоми таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ аз равандҳои инноватсионӣ васеъ истифода бурд, то ки натиҷаи дилхоҳро ба даст овард.

Барои ворид гардидан ба низоми ҷаҳонии инноватсионӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки кластерҳои пуриқтидори гуногунсоҳавии саноатиро таъсис диҳад, ки метавонанд, нерӯи асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ бошанд. Барои идора намудани раванди самарабахши инноватсионӣ, зарур аст, ки роҳҳои муосири илмию техникиро ба кор андозем.

Вазифаҳои асосии ташкилию иқтисодии раванди инноватсионӣ инҳоянд:

- мусоидат намудан ба татбиқи иқтидори инноватсионии субъектҳои хоҷагидорӣ ва соҳибкорон;
- таъмини раванди худидоракунии инноватсионӣ ва ҳамкории мутақобила бо дигар субъектҳои хоҷагидорӣ;
- нигоҳ доштани ҳавасмандии соҳибкорон барои ворид намудани маҳсулотҳои инноватсионӣ ба бозор;
- фароҳам сохтани фазои иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ки барои таъмини татбиқи устувори соҳибкории инноватсионӣ заруранд.

Дар аснои таҳияи модели муосири самараноки инноватсионии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, бояд хусусиятҳои хоси таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро ба инобат гирифт, ки дар расми 2.3.1. мушоҳида намуд.

Модели рушди инноватсионии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, бисёрҷабҳа буда, фарогири давраҳои ҳаётии корхона мебошад.

Давраҳои ташкили чунин модел рушди устувори иқтисодиёти корхонаро дар бар гирифта, унсурҳои зеринро фарогир мебошад:

- фаъолияти идоракунӣ;
- самти иқтисодӣ ва молиявӣ;
- баланд бардоштани сатҳи тахассусии касбии кормандон;
- низоми маҷмӯии амнияти дохилии иқтисодӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкории дохилӣ ва берунии корхона, дар асnои таъмини амнияти иқтисодии он.




**Расми 2.5. - Марҳилаҳои инноватсионии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ**
***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Раванди инноватсионӣ заминаи муфиди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро фароҳам оварда, рушди корхонаро дар тамоми зинаҳои фаъолият ба танзим медарорад.

Қобили қайд аст, ки аксар корхонаҳои саноатӣ, инкишофи истеҳсолиашон аз технологияҳои инноватсионӣ вобаста буда, ташаккули сохтории онро низ ташкил медиҳад.

Аз ин хотир, зарурати густариш додани паҳлуҳои ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ боз ҳам мубрамтар гардида истодааст.

Дар баробари ин яке аз самтҳои мукаммали низоми инноватсионӣ ва таъмини амнияти корхонаҳои саноатӣ, танзими давлатӣ ҳамчун заминаи институтсионалии танзими сиёсати инноватсионӣ ва сармоягузориро ба бахшҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фароҳам меорад ва дар шароити муосир ҳолати сармоягузории корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин аст. Ниг. ба расми  2.6.




**Расми 2.6. - Сармоягузории давлатӣ ба корхонаҳои саноати коркард дар солҳои 2017-2023 ( бо млн. сомонӣ)**

***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Чуноне, ки аз расм бармеояд соли 2017 ҳамагӣ ба соҳаи саноати коркард 42,5 млн сомонӣ ҷудо гардидааст, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 37, 7 млн сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2017 11,3 % кам аст. Нишондиҳандаи баландтарини ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ ба корхонаҳои саноати коркард дар соли 2022, ки 199,7 млн сомонӣ мебошад, ба назар мерасад. Нишондиҳандаи аз ҳама пастарин дар соли 2020 11,7 млн сомонӣ мебошад.

Мавриди зикр аст, ки сармоягузории давлатӣ ба корхонаҳои саноати коркард ноустувор буда, тақозои боз ҳам пурзур намудани механизми дастгирии давлатро дар ин самт ба миён меорад.

Гуфтан ба маврид аст, ки ҳар қадар сармоягузории давлатӣ дар ин самт зиёд бошад, ҳамон қадар ҳаҷми истеҳсолот ва ҷойи корӣ зиёд хоҳад шуд.

Барои дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ, чораҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионию инвеститсионӣ, ки дар самти ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ таҳия карда шавад, то ки самаранокии фаъолият ва амнияти иқтисодии минбаъдаро таъмин созад.

Дар баробари ин ба андешаи мо роҳандозии чораҳои зерин аз тарафи давлат амалӣ карда шаванд;

- андозбандӣ;
- қарздиҳӣ;
- сиёсати истеҳлок;
- суғурта;
- хусусигардонӣ;
- фармоишҳои давлатӣ.

Маҳз ин фишангҳои танзими давлатӣ метавонанд оид ба тадбиқи равишҳои инноватсионии корхонаҳои саноати коркард ҳавасмандиро пайдо намуда, ниҳоятан амнияти иқтисодии онҳоро таъмин намояд.

Мақсади асосии сиёсати инноватсиони давлат «...баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси таҳия ва паҳн кардани дастовардҳои заминавиест, ки инноватсияро беҳтар гардонида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои миллии стратегиро таъмин менамояд» [2].

Дар баробари баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагон, истифодаи оқилонаи технологияҳои инноватсионӣ шарти асосӣ маҳсуб меёбад. Чуноне, ки маълум аст, сифати молу маҳсулот аз ду омили асосӣ, нерӯи кадрӣ ва технология вобаста аст. Аз ин рӯ аҳамияти аввалиндарҷа додан ба омилҳои болозикр мушкилотҳои дар ин соҳа ҷойдоштаро бартараф месозад.

Ба ақидаи муҳаққиқи ватанӣ Давлатова Р.Қ. «...дар шароити кунунӣ яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии маҳсулот хусусияти инноватсионӣ доштани он мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти баландсифату рақобатпазир аз дастрасӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои пешқадами инноватсионӣ вобастагӣ доша, дастрасӣ ба техникаҳои инноватсионӣ ба имконияттҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ алоқаманд мебошад» [151, с.113].

Албатта истифодаи инноватсия дар раванди истеҳсолот рақобатпазирии молу маҳсулоти истеҳсолшударо таъмин намуда, устуворнокии онро дар бозор таъмин менамояд. Дастрасии корхонаҳо ҷиҳати истифодаи техникаву технологияҳои пешқадами инноватсионӣ аз вазъи молиявии худи корхонаҳо вобастагӣ дорад. Дар шароити кунунӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар якчанд имтиёзҳо дар робита ба масъалаи мазкур муқаррар гардидааст, ки корхонаҳои саноати коркарди кишвар аз онҳо бархурдоранд.

Ба андешаи муҳаққиқи дигари ватанӣ Мирзоева Е.Ш. «...сиёсати инноватсионӣ ва сармоягузорӣ ин маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионӣ ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузории субъектҳои хоҷагидор ва ба ин васила ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад» [156, с.84].

Сиёсати инноватсионию инвеститсионӣ маҳз заминаҳои муфиди истеҳсолиро барои корхонаҳои саноатӣ ба бор оварда, низоми ягонаи устуворнокии иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳад.

Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики асосӣ барои инкишофи иқтисодиёти кишварҳои мутараққӣ маҳсуб ёфта, боиси паҳншавии васеи технологияҳои иттилоотӣ, рушди босуръати соҳаҳои доништалаб ва пайдоиши соҳибкории инноватсионӣ гардидааст.

Бо назардошти он дар таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркарди мамлакат чунин мушкилотҳо ҷой доранд: ба таври кофӣ истифода нагардидани технологияи инноватсионӣ, дастрасии нокифояи ашёи хоми зарурӣ, сатҳи пасти маблағгузорӣ, нарасидани мутахассисони баландихтисос, ки ин ҳолат ба ноустувории молиявии корхонаҳои саноати коркард мусоидат намуда, боиси истифода нагардидани иқтидори лоиҳавӣ гардиданд. Ниг. ба ҷадвали 2.24.

Тавре аз нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.24. дида мешавад, соли 2023 дар корхонаи ҶДММ “Сатн” 37,2%, ҶДММ “Ҷавонӣ” 39,3%, ҶДММ ВМ Текстил-Тоҷикистон 28,8%, ҶДММ “Арвис Зелал Текстил” 27,0%, ҶДММ «Нуртекс» 10,7%, ҶДММ “Саноати АШТ” 10,0% иқтидори истеҳсолӣ

истифода шудааст. Дар ду корхонаи дигар ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд», ҶСП «Сомон гурӯҳ» ш. Хуҷанд бинобар рақобатпазир набудан аз фаъолият боз мондаанд.

**Ҷадвали 2.24. – Ҳолати истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар баъзе корхонаҳои саноати коркард дар соли 2023***

| Номгӯйи корхонаҳо | Иқтидори лоиҳавӣ барои коркарди ресмон ва матои пахтагин (тонна) | Коркарди ресмон ва матои пахтагин (тонна) | Истифодаи иқтидори истеҳсолӣ (%) |
|---|---|---|---|
| ҶДММ “Сатн”-и шаҳри Хуҷанд | 2000 | 745,2 | 37,2 |
| ҶДММ “Ҷавонӣ”-и шаҳри Хуҷанд | 2000 | 786,1 | 39,3 |
| ҶДММ ВМ Текстил Тоҷикистон (Собиқ «Спитамен Текстайл») н. Спитамен | 2000 | 576 | 28,8 |
| ҶДММ «Нику Хуҷанд» ш. Хуҷанд | 2000 | 0 | 0 |
| ҶДММ “Арвис Зелал Текстил” (Собиқ ҶСП “Олим Текстайл”) н. Мастчоҳ | 6000 | 1620 | 27,0 |
| ҶДММ «Органик Ян» н. Ҷ.Расулов | 4000 | 1100 | 27,5 |
| ҶДММ «Нассоҷи Хуҷанд» ш. Хуҷанд | 2000 Корхона бинобар сабаби рақобатпазир набудани молу маҳсулоташ аз моҳи майи 2023 фаъолият намекунад | 0 | 0 |
| ҶДММ «Нуртекс» ш. Хуҷанд | 3000 | 322 | 10,7 |
| ҶСП «Сомон гурӯҳ» ш. Хуҷанд | 4000 Корхона бинобар сабаби рақобатпазир набудани молу маҳсулоташ аз моҳи майи 2023 фаъолият намекунад | 0 | 0 |
| ҶДММ “Саноати Ашт” | 2000 | 200,5 | 10,0 |

***Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асос маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ**

Ин ҳолати ба вуқуъ омадаи соҳа, андешидани чораҳои заруриро баҳри таъмини суботи иқтисодии корхонаҳои саноати коркард тақозо менамояд.

Вобаста аз ин ба андешаи мо фароҳам овардани фазои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ, ки ба таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард таъсиргузор мебошад, чунин тадбирҳои судманд амалӣ карда шаванд:

- сармоягузориҳои буҷетӣ;
- имтиёзҳои андозӣ;
- ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои ҷалби сармоя;
- бунёди инфрасохтор;
- дастгирии муассисаҳои илмию техникӣ.

Ҳамин тариқ маҳз танзими давлатӣ метавонад асоси инкишофи инноватсионии корхонаҳои саноатиро таъмин сохта, заминаи муфиди раванди самаранокии истеҳсолот ва таъмини амнияти иқтисодии он гардад. Дар ин росто вазъи кунунии фаъолияти иқтисодиву инноватсионии соҳаи саноати коркардро аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо арзёбӣ намудан мумкин аст. (Ҷадвали 2.25.)

**Ҷадвали 2.25. - Динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва инноватсионии соҳаи саноати коркард 2017-2023***

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар истеҳсолоти саноатӣ, % | 4,5 | 4,8 | 5,4 | 6,2 | 7,3 | 8,2 | 10,0 |
| Ҳиссаи саноати коркард дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ, % | 58,7 | 56,5 | 57,7 | 61,6 | 57,4 | 61,5 | 60,9 |
| Сатҳи даромаднокии корхонаҳои саноати коркард, % | 86,6 | 83,5 | 80,6 | 80,8 | 80,3 | 82,7 | 85,0 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асос маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Аз нишондиҳандаҳои Ҷадвали 2.25. дида мешавад, ки ҳиссаи маҳсулоти инноватсионии саноати коркард соли 2023 10,0% зиёд гардидааст, аммо дар шароити имрӯза қонеъкунанда нест. Сатҳи даромаднокии корхонаҳои саноати коркард бошад соли 2023 нисбат ба соли 2017 1,6 б/ф коҳиш ёфтааст. Ин ҳолат ба андешаи мо аз сатҳи пасти татбиқи меъёрҳои инноватсионӣ дарак медиҳад, ки дар натиҷа рақобатпазир нагаштани

маҳсулоти истеҳсолӣ ва ниҳоятан таҳдид ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард мебошад.

Дар марҳилаи мазкур вазифаи муҳимтарини давлат, муттаҳидсозии манфиатҳои миллӣ, муайянкунии афзалиятҳо, ҳалли ихтилофот дар робита ба рушди инноватсионӣ мебошад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид доштанд, ки «...Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки ҳамкориро бо ширкатҳои ватаниву хориҷӣ бо мақсади ҷалби сармояи мустақим барои ташкили корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, бахусус, дар соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ тақвият бахшанд»[6].

Ташаккули фазои сармоягузориву инноватсионӣ, ворид намудани фаҳмиши инноватсионӣ дар асноди расмӣ, паҳн намудани онҳо дар байни ҷомеа ва дар фазои соҳибкорӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад.

Имкониятҳои рушди фаъолияти инноватсионӣ дар сатҳи тактикӣ ва стратегӣ аз шакли интихоби дурусти алтернативаҳои ҷойдошта алоқаманд аст. Давлат роҳҳои ташаккулёбии фаъолияти инноватсиониро муайян намуда, ба воситаи фишангҳои муайян равандро ба танзим медарорад.

Дар баробари ин дар идоракунии ҷараёнҳои инноватсионии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, нақши муҳимро идоракунии хавфҳо ташкил медиҳад. Идоракунии хавфҳо бояд тибқи приснипҳои мушаххас роҳандозӣ карда шавад, ки дарбаргирандаи тамоми паҳлуҳои фаъолияти корхонаҳо бошад.

Раванди идоракунии самараноки хавфҳои инноватсионӣ зинаҳои зеринро дар бар мегирад:

- гурӯҳбандии хавфҳои корхона, мушаххаскунӣ ва пешгӯйикунии он;
- мониторинги унсурҳое, ки боиси пайдошавии таҳдид ба амнияти иқтисодии корхона мегарданд;

- муайян намудани сабабҳои пайдоиши таҳдид ба амнияти иқтисодии корхона;
- муайянкунии сатҳи умумии таваккал;
- дараҷае, ки сатҳи таваккалро муайян мекунад;
- интихоби методҳои идоракунии таваккал ва таҳияи чорабиниҳо, ки дар ҳолати хатар роҳандозӣ карда мешаванд;
- баҳодиҳии роҳҳои бартарафсозии хавфу хатарҳо.

Таҳлили таваккал ба роҳбарони корхонаҳо имкон медиҳад, ки як қатор маълумотҳоро ҷамъоварӣ намоянд ва дар рушди устувори иқтисодиёти корхонаҳои саноатӣ қарорҳои дахлдорро қабул намоянд. Таваккал метавонад ҳам оқибатҳои манфӣ ва ҳам мусбиро доро бошад, ки аз дараҷаи роҳандозии он вобаста мебошад.

Методҳои таҳлили таваккалро шартан метавоон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Миқдорӣ;
2. Сифатӣ.

Таҳлили сифатӣ нисбат ба миқдорӣ осонтар буда, функсияи асосии он муайян намудани хавфҳои инноватсионӣ дар марҳилаҳои эҳтимолӣ мебошад. Яъне, хавфҳои эҳтимолӣ бояд аз рӯйи дараҷаи фарогирии он гурӯҳбандӣ карда шавад.

Таҳлили миқдории хавфҳои инноватсионӣ имкон медиҳад, ки сохтори миқдории хавфҳо муайян карда шуда, тибқи он чораҳои бартарафсозӣ пешниҳод карда шавад.

Дигар самти рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии корхона роҳандозӣ намудани ҳамгироиҳои илмию истеҳсолӣ, ин пеш аз ҳама маблағгузориҳои мустақими давлатӣ ва ё сармоягузориҳои хориҷӣ мебошанд. Корхонаҳои саноатие, ки моликонашон бахшҳои хусусӣ мебошанд, раванди татбиқи технологияҳои инноватсионӣ бе дахолати давлат имконопазир хоҳад буд.

Бинобарин аксарият корхонаҳои хусусии саноатӣ дар нақшаҳои дурнамои инкишофи худ, саҳми давлатро дар пешбурди фаъолият муйян менамоянд.

Дар айни замон шумораи зиёди ташкилотҳое мавҷуданд, ки натиҷаи илмиро дар амал татбиқ менамоянд; технопаркҳо, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои инноватсионӣ, технополисҳо, кластерҳо ва ғайра.

Ҳар яке аз ташкилотҳои дар боло овардашуда хусусияти хоси худро дошта, мушкилотҳои мушаххасро ҳал менамоянд.

«...Иттифоқҳои кластерӣ ҳамчун шакли муосири пешбаранда ва татбиққунандаи фаъолияти инноватсионӣ буда, ба иштирокчиёни ин раванд имкон медиҳад, ки сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои калон дар раванди истеҳсолот ҷалб карда шавад» [17].

«...Парки технологӣ – шахси ҳуқуқӣ ё консорсиум, ки ба маҷмӯи ягонаи моддию техникӣ ҳуқуқи соҳибмулкӣ дорад ва фаъолияти асосии он пешниҳод ва иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ буда, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ заруранд» [4].

Тибқи моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» чунин омадааст: «...Парки технологӣ (минбаъд-Парк) шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, ҳамчун муассиса дар ҳудуди махсус таъсис дода мешавад, ки бо мақсади рушди илм ва истифодаи самараноки технологияи аълосифат барои қонеъ гардонидани талаботи истеҳсолот дар истифодаи технологияҳои навтарин ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инвеститсионӣ фаъолият менамояд» [4].

Чуноне, ки аз шарҳи дар Қонун овардашуда бармеояд, паркҳои технологӣ, хусусияти ғайритиҷоратиро доранд ва баҳри татбиқи корҳои илмӣ дар истеҳсолот равона карда шудааст. Мақсади таъсиси паркҳои технологӣ пеш аз ҳама коркарди ғояҳои илмӣ мебошанд, ки имконпазирии татбиқи онҳо дар амал исбот гардидааст.

Паркҳои технологӣ пеш аз ҳама субъектҳои мустақили хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, баҳри пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ хизмат менамоянд.

Шакли ташкилию ҳуқуқии паркҳои технологӣ ин ҷамъиятҳои саҳҳомӣ арзёбӣ мегарданд. Ҷамъиятҳои саҳҳомӣ имконияти ҷамъоаварии захираҳои молиявиро ба миён оварда, ба иштирокчиёнаш кафолати баргардонидани сармояи гузошташударо фароҳам месозад.

Зарурати фаъолияти ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар омилҳое таҷассум меёбанд, ки дархури фаъолияти рӯзмарраи муассисон арзёбӣ мегардад.

Тибқи нишондиҳандаҳо, ки дар Қонуни дар боло овардашуда бармеояд, вазифаҳои асосии паркҳои технологӣ ин ҷорӣ намудани натиҷаҳои ниҳоии илмӣ ба истеҳсолот, ҳавасмандгардонӣ, омӯзиш ва истифодаи технология, такмили ихтисоси муҳаққиқон, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд ва инчунин ташкили ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи инноватсионӣ арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд намоем, ки «...дар ҳудуди Парк ташкилотҳои илмию таҳқиқотӣ, бюроҳои лоиҳакашию конструкторӣ, биноҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҳамчунин биноҳои хизматрасонӣ фаъолият менамоянд, ки онҳо ба мақсади истифода аз технологияи аълосифат ва амалӣ гардонидани барнома ва лоиҳаҳои инноватсионӣ муттаҳид карда мешаванд» [2].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули паркҳои технологӣ имкониятҳои аз байн бурдани муаммоҳои макроиқтисодиро фароҳам меоварад. Бояд қайд намоем, ки дар таркиби корхонаҳои бузурги саноатӣ таъсиси паркҳои технологӣ самараноктар мебошад, зеро дастовардҳои илмӣ-инноватсионие, ки дар натиҷаи пажӯҳишҳо ба даст меоянд, зудтару суръатноктар дар амал татбиқ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Паркҳои технологӣ дар шаклҳои зерин таъсис дода шудаанд:

1. Паркҳои инноватсионию технологӣ;
2. Парки илмӣ ( тадқиқотӣ);
3. Технополис;

4. Инкубатори технологӣ ( бизнес инкубаторҳо).

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ» шаклҳои паркҳои дар боло оварда шударо чунин тавсиф менамоянд:

«...Парки инноватсионию технологӣ яке аз намудҳои Парк буда, барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи аълосифат ва рушди муассисаҳои истеҳсолии инноватсионии хурд ва миёна хидмат менамояд.

Парки илмӣ (ё Парки таҳқиқотӣ) яке аз намудҳои Парк мебошад, ки илмро бо истеҳсолот якҷоя намуда, метавонад бо як ё якчанд муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ё дар алоҳидагӣ барои рушди истеҳсолот фаъолият намояд. Дар муқоиса бо дигар намудҳои Парк, он бо мақсади гузаронидани таҳқиқотҳои зиёди илмталаб кадрҳои баландихтисос ҷалб карда мешаванд»[2]..

«...Технополис — ҳудуде мебошад, ки дар он муассисаҳои инноватсионии хурд ва миёнаи ташкилотҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои илмию истеҳсолӣ, таҳсилоти олии касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ва ё дар алоҳидагӣ таъсис ёфта, фаъолият менамоянд.

Инкубатори технологӣ (бизнес-инкубатор) муассисаест, ки аз тарафи давлат барои рушди тиҷорати хурду миёна маблағгузорӣ гардида, барои ба истеҳсолот ҷалб намудани технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст» [2].

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид аст, ки фаъолияти самараноки паркҳои технологӣ омили асосии баландбардории истеҳсолоти ватанӣ ба ҳисоб рафта, баҳри тавлидёбии молу маҳсулотҳои рақобатпазир ва таъмини амнияти иқтисодии корхона мусоидат мекунад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина як қатор ислоҳотҳои устуворро дар робита ба пешбурд ва истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ роҳандозӣ намудааст. Мисоли онро мо дар ташкили Минтақаҳои озоди иқтисодӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки имрӯзҳо самараи иқтисодӣ дода истодаанд.

Тибқи ақидаи муҳаққиқи соҳавӣ Махкамов Б.Б. «...барои баландбардории рақобатпазирии маҳсулотҳои саноати сабук ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ муҳим буда, молу маҳсулоти истеҳсолшударо аз нуқтаи назари стандарт устувор ва ҷавобгӯ мегардонад» [103, с.106].

Албатта аз нуқтаи назари сиёсати сифатӣ барои корхонаҳои саноатӣ, молу маҳсулотҳои истеҳсолгардида бояд ба талаботҳои истеъмолкунандагон ҷавобгӯ бошад. Сифати молу маҳсулотҳои истеҳсолгардидаро аз рӯйи истеъмолоти мизоҷон баҳо додан мумкин аст.

Бояд қайд намоем, ки ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ дар самти такмили истеҳсолоти саноатии ба содирот нигаронидашуда мақсади асосии Ҳукумати кишвар мебошад. Воридоти технологияҳои инноватсионӣ имконияти истеҳсолии корхонаҳои саноатиро фароҳам сохта, иқтидори натиҷавии фаъолияти минбаъдаро самаранок мегардонад.

Яке аз талаботҳои асосӣ, ки инкишофи соҳаи саноатро таъмин менамояд, ин ҳамкории маориф, илм ва саноат мебошад, ки ҷузъҳои асосии рушди технологӣ ва инноватсионӣ маҳсуб меёбанд. Бидуни ба роҳ мондани ҳамкориҳои зикргардида ташкили истеҳсолоти саноатӣ аз имкон берун хоҳад буд. Яке аз омилҳое, ки боиси инкишоф наёфтани самти истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ мегардад, ин ғайрисамаранок истифода бурдани технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки аз норасоии кадрҳои соҳавӣ дарак медиҳад. Омили дигаре, ки боиси инкишоф наёфтани истеҳсолот мегардад, ин истифодаи технологияҳои куҳнаву фарсуда арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Родионова И.А. «...истифодаи технологияҳои куҳна ва фарсудагашта, боиси паст рафтани ҳосилнокии меҳнат, хароҷоти зиёди истеҳсолӣ, пастшавии сифат ва дар ниҳоят коҳиш ёфтани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мегардад» [45, с.18].

Бояд зикр намуд, ки аксарият корхонаҳои саноатӣ, ки технологияҳои куҳнаву фарсударо дар раванди истеҳсол истифода мебаранд ба нокомиҳои ҷиддӣ, яъне муфлисшавӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Дар шароити муосир аксарият корхонаҳои саноатӣ ба он мекӯшанд, ки молу маҳсулоти истеҳсолкардаи

онҳо дар бозор мавқеи устуворро дошта бошад ва аз ин лиҳоз қисми зиёди сармояи худро барои харидории технологияҳои инноватсионӣ сарф мекунанд.

Ба ақидаи мо рушди илму техника заминаи муфиди истифодаи инноватсияро дар истеҳсолот фароҳам меоварад ва ба чунин натиҷаҳо ноил гардидан имконпазир мегардад:

- таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;
- афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва пайдоиши натиҷаҳои мусбии он;
- оқилона истифода бурдани захираҳои моддӣ, табиӣ ва меҳнатӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ;
- таъмини шуғли пурмаҳсул ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ;
- баландбардории сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ;
- коҳиш додани сатҳи воридоти молу маҳсулотҳои истеъмолӣ;
- пайдо намудани иқтидори содироти молу маҳсулотҳои ватании саноатӣ;
- афзоиши буҷети давлатӣ дар заминаи андӯхти андозҳо;
- ташаккули низоми ягонаи истеҳсолоти миллӣ.

Ба андешаи мо истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсолоти саноатӣ вазъи соҳаи саноатро беҳтар гардонида, устуворнокиии иқтисодиёти миллиро дар заминаи тавлиди молу маҳсулотҳои хушсифати ватанӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ роҳандозии усулҳои асосноки танзим ва дастгирии давлатии соҳаи саноати коркард, яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии онҳо ба ҳисоб меравад. Дигар самти таъмини амнияти иқтисодии корхона самаранок татбиқнамоии меъёри инноватсионӣ, ҳамгироии илм ва истеҳсолот мебошад, ки ба баландбардории иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати коркард мусоидат мекунанд.

## ХУЛОСА ОИД БА БОБИ 2

1. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳила рӯ ба инкишоф қарор дошта, дар натиҷаи ба кор андохтани захираҳои моддиву техникӣ метавонад

комилияти мутлақро ба даст орад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати инкишофи корхонаҳои саноатӣ сол то сол рӯ ба инкишоф қарор дорад ва ин боис мегардад, ки якчанд мушкилотҳо, аз қабили таъсиси ҷойҳои нави корӣ, пайдо намудани иқтидори истеҳсолоти ватанӣ, гардиши савдои молҳои саноатӣ зиёд гардад. Дар шароити муосир барои корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама воситаи техникии хусусияти инноватсионӣ дошта зарур аст, то ки ҳаҷми истеҳсол, сифат ва рақобатпазириро дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ таъмин намояд. Аз нуқтаи назари мо барои инкишоф додани истеҳсолоти саноатӣ, баландбардории технологияи инноватсионӣ зарур мебошад.

2. Тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ саноати коркарди кишвар ба таври марҳилавӣ рушд карда истода, он имконият медиҳад, ки устуворнокии сатҳи иқтисодиёти миллӣ таъмин гардад ва заминаи муфидро дар рушди истеҳсолоти саноати миллӣ фароҳам созад. Саноати коркард асосан дар замоне рушд мекунад, ки имкониятҳои истеҳсолӣ фарох бошад, то дар раванди коркард халал ворид насозад. Аз ин рӯ ба ақидаи мо, нуктаи муҳимтарини ба ҳаркат овардани соҳаи саноат, ин истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар тамоми давраи ҳаётии истеҳсолот мебошад.

3. Ҳаҷми ками сармоягузорӣ ба тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ метавонад корхонаҳоро ба хатарҳои гуногуни иқтисодӣ оварда расонад. Зеро, бидуни таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои идоракунӣ, корхонаҳои ватанӣ мавқеи худро дар бозори дохилӣ аз даст медиҳанд ва наметавонанд ба бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти нассоҷӣ ворид шаванд. Зарурати омӯхтан ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионию сармоягузории корхонаҳои саноати сабук бо назардошти таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба таъмини рақобатпазирии онҳо зиёд мешавад.

4. Набудани сиёсати миллии брендинг, ки ба рушди бозор монеъ мешавад. Намояндагони соҳаҳо ба эҷоди бренди ягонаи маҳсулоти Тоҷикистон таваҷҷуҳ надоранд. Сарфи назар аз иқдомҳое, ки барои

пешбурди дӯзандагӣ таҳти тамғаи «Made in Tajikistan» андешида шудаанд, ташаккули сиёсати илмии брендинг дар марҳилаи аввал қарор дорад. Қадами муҳим баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи манфиатҳои эҳтимолии брендинги саноатӣ бо мақсади ба даст овардани дастгирии корхонаҳо ва дастгирии институтсионалӣ барои татбиқи барнома хоҳад буд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ СОҲАИ САНОАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Такмили сиёсати саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии бусуръати иқтисодиёт

Дар «...Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қайд гардидааст, ки «ба сифати омили пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ афзоиши босуръати саноат дар асоси ба истифода додани иқтидорҳои нав ҷиҳати истеҳсоли неруи барқ, истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва ангишт, ташаккулдиҳии металлургияи сиёҳи ватанӣ ва рушди минбаъдаи металлургияи ранга, рушди саноати маводҳои сохтмонӣ, саноати сабук ва хӯрока хизмат хоҳад намуд. Тибқи сенарияи мазкур ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 4,2 маротиба, аз ҷумла саноати истихроҷи маъдан 5,7 маротиба, саноати коркард 4,3 маротиба ва истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об 2,9 маротиба афзоиш меёбад»[10].

Вобаста аз ин сиёсати саноатӣ аз сиёсати саноатии маъмул ва сиёсати нави саноатӣ иборат мебошад. «...Сиёсати саноатии маъмул моделҳои амудӣ ва уфуқиро муқобили якдигар мегузорад. Сиёсати амудӣ дорои абзори мушаххаси дастгирии соҳаҳои муайяни иқтисодиёт буда, сиёсати уфуқӣ бошад истифодаи воситаҳои гуногунро нисбат ба ҳамон соҳаҳое татбиқ мекунад, ки талаботи меъёрҳои муайянро қонеъ мегардонанд. Бояд дар назар дошт, ки абзорҳои сиёсати уфуқӣ вобаста аз самти маблағгузориҳои онҳо, ҳаҷми истеҳсолоти ба содирот равона гардида, аз вобастагии воридоти сармояи истеҳсолӣ ва 117 амсоли инҳо ба соҳаҳои мушаххас таъсири кам ва ё беш расонида метавонанд. Масалан, абзорҳои сиёсати кластерӣ, воситаҳои аз ҷониби давлат харидорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ, дастгоҳу таҷҳизоте, ки ба «рушди иқтисодиёти сабз» равона мегарданд, воситаҳо ва чорабиниҳо оид ба пурзӯр намудани салоҳиятҳоро ҳамчун абзорҳои сиёсати

амудӣ ба ҳисоб раванд ҳам, онҳо аз ибтидо ғояи сиёсати уфуқӣ мебошанд» [63, с. 122].

Сиёсати саноатӣ дар сатҳи макро ба сифати воситаи асосии танзими давлатии иқтисодиёт маҳсуб ёфта, имконият медиҳад, ки як қатор монеаҳоро бартараф созанд. Дар шароити муосир сиёсати саноатӣ метавонад омилҳои хатарзоро барои иқтисодиёти миллӣ рафъ созад ва таъмини амнияти онро фароҳам биоварад.

Тибқи ақидаи коршинсон, танҳо ба воситаи татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ метавон барномаҳои дарозмуддатро, ки ба сармоягузорӣ ниёз доранд амалӣ намуд ва ё раванди иҷроиши онҳоро суръат бахшид. Ба инобат гирифтани ҷанбаҳои стратегӣ ва геоиқтисодӣ метавонад таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноатро фароҳам созад. Соҳаи саноат албатта аз омилҳое вобастагӣ дорад, ки он дар навбати худ ба иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд.

Як қатор вазифаҳое мавҷуданд, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати давлатии саноатӣ метавон онҳоро ҳал намуд:

1) Ташкили ислоҳот дар самти корҳои эҷодӣ ва таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти танзими давлатии соҳаи саноат, инчунин таҳияи нақшаву барномаҳои рушди соҳаи истеҳсолоти саноатӣ;

2) Дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ, ки метавонад ба рушди истеҳсолоти дохилӣ заминаи хубро фароҳам бисозад, ки дар натиҷаи он рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ таъмин мегардад;

3) Таъмни шуғли пурмаҳсул;

4) Сармоягузорӣ ба захираҳои моддӣ, яъне аз ҷиҳати техникаву технология;

5) Сармоягузорӣ ба захираҳои ғайримоддӣ, яъне сухан дар бораи рушди корҳои илмиву тадқиқотӣ дар самти ташаккули соҳаи саноат меравад. Барои рушди корхонаҳои саноатӣ ва таъмини амнияти он пеш аз ҳама тайёр намудани кадрҳои болаёқат, ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ ба манфиати кор хоҳад буд;

6) Сиёсат дар самти таъмини рақобатпазирии молу маҳсулот ба воситаи гузаронидани тадқиқотҳои маркетингӣ ва зиёд намдани ҳаҷми содироти он;

7) Баландбардории ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ;

8) Сиёсати экологӣ ва риояи он дар соҳаи саноат;

9) Сиёсати энергетикӣ ва таъсири он дар рушди соҳаи саноат;

10) Сиёсати инкишофи маҳаллӣ ва минтақавӣ

11) Ҳамгироии саноатӣ бо кишварҳои мутараққӣ ва кишварҳое, ки дар марҳилаи гузариш қарор доранд;

12) Ҷанбаҳои мушаххаси рушди соҳаи саноати мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордошта [32, с.43].

Дар сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии соҳаҳои саноати афзалият дошта нисбат ба соҳаи саноати коркард, махсусан сабук чунин барномаҳои давлатӣ қабул ва татбиқ гардидаанд. Ниг. ба Расми 3.1.

Дар ин маврид ба андешаи мо яке аз самтҳои сиёсати саноатии мамлакат, ки бояд фаъол гарданд, ин сиёсати минтақавии саноатӣ мебошад. Яъне, маҳз аз махсусгардонии соҳаҳои саноати коркард дар минтақаҳои алоҳида таъмини самаранокии фаъолият имконпазир аст.

Мақсади асосии сиёсати минтақавии саноатӣ ин ташаккули инфрасохтори истеҳсолию илмии минтақаҳо мебошад, ки барои ташкили низоми таъмини шуғли пурмаҳсул, баландбардории самаранокии истеҳсолӣ ва ба ин васила таъмини амнияти иқтисодии он заминаи муфидро фароҳам месозад.

Сиёсати саноатии минтақавӣ аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ назорат карда шуда, ҷиҳати таҳия ва тасдиқи барномаҳои давлатӣ дар ин самт замина гузошта мешавад.

Ниҳодҳои дахлдори маҳаллӣ метавонанд ҷиҳати рушди соҳаи саноат тадбирҳои зарурӣ андешида, ҷиҳати рушди минбаъдаи он қарорҳои дахлдорро қабул намоянд.

Умуман сиёсати саноатӣ дар сатҳи минтақаҳо имконият медиҳад, ки рушди устувори иқтисодиёт таъмин карда шуда, ҷиҳати баланд бардоштани

рақобатпазирии молу маҳсулоти минтақавӣ заминаи муфид фароҳам гардад. Дар шароити муосир сиёсати саноатии минтақавӣ метавонад, ҷанбаҳои гуногунро фаро гирифта, воситаи ноилгардӣ ба ҳадафҳои гузоштагашударо таъмин созад.




**Расми 3.1. - Қабули барномаҳои давлатӣ дар самти инкишофи соҳаи саноат**

***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Баланд бардоштани раванди самаранокии таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноати минтақаҳо аз маҷмӯи чорабиниҳо вобастагӣ доранд, ки он аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ тарҳрезӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ сиёсати саноатӣ дар кишвари мо дар ду сатҳ, яъне давлатӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда мешавад, ки албатта дар навбати худ ин сатҳҳо ба ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Гуногунии иртиботҳои ташаккули сиёсати микро ва макроиқтисодӣ зарурати мустақилона тарҳрезӣ намудани онҳоро аз ҷониби субъектони алоқаманди хоҷагии халқ ба миён меорад.

Аксар маврид сепаратизм дар раванди инкишофёбии соҳаи саноат зоҳир мегарадад, ки сабаби вайроншавии муносибатҳои иқтисодӣ мегардад.

Раванди мазкур боиси пайдо шудани монеаҳое мебошад, ки дар раванди рушди бахшҳои ба соҳаи саноат таалуқдошта халал ворид месозад.

Барои баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама механизми ташкилӣ-ҳуқуқӣ зарур аст, ки онро мақомотҳои давлатӣ таҳия менамоянд. Корхонаҳои саноатӣ ҳамон вақт муваффақ мегарданд, ки аз дастгирии давлат ҷиҳати рушди истеҳсол бархурдоранд.

Механизми дастгирии давлатӣ барои корхонаҳои саноатӣ метавонад ҳамчун фишанги таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ бошад, вале дар ин раванд фаъол будани худи корхонаҳои саноатӣ низ зарур аст. Моликони корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки дар раванди таҳия ва банақшагирии барномаҳои рушд, механизми дастгирии давлатиро низ ба инобат гиранд.

Вобаста аз ин, якчанд самтҳои коркард ва татбиқи сиёсати саноатиро ҷудо намудан мумкин аст:

1) Сатҳи макроиқтисодӣ-ба воситаи ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ ташкил намудани раванди истеҳсолоти маҳсулотҳои саноатӣ мебошад. Ба мо маълум аст, ки соҳаи саноат барои рушди иқтисоди миллӣ заминаи мусоидро фароҳам сохта, як қатор муаммоҳои мавҷударо дар ин самт ҳал менамояд. Аз ин рӯ, дар сатҳи макроиқтисодиёт мавҷуд будани хатарҳоро бояд ба воситаи иқтидорнок гардонидани соҳаи саноат амали рафъ намуд, то ки ба натиҷаи дилхоҳ расид.

2) Сатҳи микроиқтисодӣ- дар сатҳи мазкур корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки дар раванди ба роҳ мондани истеҳсолӣ ин ё он маҳсулот ба вазъи

бехатарии он аҳамияти ҷиддӣ диҳанд. Дар шароити иқтисоди бозорӣ аксар корхонаҳои саноатӣ ҳангоми истеҳсоли молу маҳсулот бештар ба доираи истеъмолкунандагони он аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки сифати мол рақобатпазирии онро таъмин менамояд. Аз гуфтаҳои болозикр чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки сифат низ метавонад амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатиро таъмин созад.

Сиёсати саноатӣ омили асосии рушдиҳандаи корхонаҳои саноатӣ буда, метавонад натиҷаҳои назаррасро  тавлид намояд. Барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки  маҷмӯи чорабиниҳоро роҳандозӣ намояд, ки рушди соҳаро дар худ инъикос намояд. Сиёсати саноатӣ, инчунин самаранокии истеҳсол ва фурӯши маҳсулотҳои корхонаҳои саноатиро фароҳам меоварад. Ташаккули сиёсати саноатӣ аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ сахт вобастагӣ дорад.

Арзёбии самаранокии татбиқи сиёсати саноатиро метавон аз нуқтаи назари ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошта муайян намуд.

Яке аз роҳҳои  татбиқнамоии сиёсати саноатиро метавон ба воситаи низоми се сатҳа муайян намуд, ки метавонед дар Расми 3.2. мушоҳида намоед.




**Расми 3.2. - Сатҳҳои татбиққунандаи сиёсати саноатӣ**
***Сарчашма.*** *Таҳия муаллиф.*

Дар сиёсати саноатӣ метавон ду нуқтаи назарро аз ҳамдигар ҷудо намуд:

1) сиёсате, ки барои рушд додани истеҳсолоти саноатӣ ва зиёд намудаи саҳми он дар инфрасохтори иқтисодиёт моил гардонида шудааст. Дар ин раванд чораҳо на ба зерсоҳаҳои алоҳидаи соҳаи саноат алоқаманд буда, балки ба фаъолияти тамоми сохтори саноат таъсири мусбӣ мерасонад.

2) сиёсати мазкур низ барои рушд додани раванди истеҳсолоти саноатӣ равона карда шудааст.

Механизми татбиқнамоии ин сиёсат аз инҳо иборат мебошад:

- сабукиҳои андозӣ;
- ҷонибдории раванди лизингӣ ва интиқоли молу маҳсулоти саноатӣ ба хориҷи кишвар;
- истифодаи имкониятҳои рушд;
- мотиватсияи фаъолияти навоваронаи корхонаҳои саноатӣ;
- ташаккул додани низоми идоракунии соҳаи саноат;
- баландбардории низоми молиявию иқтисодии соҳаи саноат.

Ҳамин тариқ гуфтан мумкин аст, ки дар сурати пурра татбиқ намудани омилҳои болозикр, раванди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ хуб гардида, механизми таъмини амнияти иқтисодии онҳо низ фароҳам мегардад.

«...Татбиқи сиёсати саноатӣ ҳам барои корхонаҳои ҷудогона ва ҳам барои хоҷагии халқ таъсири мусбӣ дорад ва метавонад соҳаҳои номбаршударо рушд диҳад» [107, с. 184].

Айни ҳол сиёсати муосири саноатӣ мутлақан амалӣ нагардида истодааст, ки ин боиси коҳиш ёфтани раванди истеҳсолоти саноатӣ мегардад. Раванди мазкур имкон намедиҳад, ки баъзе корхонаҳои саноатӣ иқтидори истеҳсолиашонро баланд бардоранд.

Ин омил сабаби он мегардад, ки мо бояд заминаи методологии коркард ва амалисозии сиёсати саноатиро такмил диҳем, то ки ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардем.

Бояд қайд намоем, ки воридотивазкунӣ вақтҳои охир ба таври стихиявӣ ташкил карда шудааст ва то ҳадде барои амалӣ сохтани сиёсати саноатӣ имкониятҳои хубро ба бор меорад.

Пас аз низоъҳои сатҳи байналмилалӣ ва фазои сиёсии ҷаҳонӣ, ҷорӣ намудани таҳримҳо, ки иқтисодиёти мамлакат кушода аст бе таъсир намонд. Бинобар он стратегияи воридотивазкунӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

Воридотивазкунӣ барои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ шароити хубро муҳайё сохта, яке аз рукнҳои асосии инкишофи индустриалӣ-инноватсионии соҳаи саноат ба шумор рафтаааст, ки албатта аз нуқтаи назари иқтисодӣ барои рушд ёфтани истеҳсолот заминаи мусоидро ташкил медиҳад.

Раванди воридотивазкунӣ ҳамон вақт самаранок меградад, ки молу маҳсулоти истеҳсолошудаи саноатӣ ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад, яъне рақобатпазирии он таъмин карда шавад.

Роҳандозии баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ аз маҷмӯи тадбирҳое вобаста мебошад, ки он аз ҷониби субъектони корхонаҳои саноатӣ амалӣ карда мешавад.

Барои таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ пеш аз ҳама, ғояи хуб ва технологияҳои инноватсионӣ зарур аст.

Дар ин раванд аз ҷониби давлат бояд моделе таҳия карда шавад, ки раванди воридотивазкуниро суръат бахшад ва барои ташаккули истеҳсолоти саноатӣ муҳити хубро муҳайё созад. Механизми таҳияи модел низ кори муракааб буда, аз мо тақозо менамояд, ки онро боназардошти баъзе муаммоҳо таҳия намоем.

Ҳангоми додани имтиёз барои истеҳсолкунандагони ватанӣ, онҳо ҳавасманд мегарданд, ки раванди истеҳсоли молу маҳсулотро бо меъёрҳои стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ ва ҳамоҳанг намоянд, ки раванди мазкур метавонад боиси зиёд шудани ҳаҷми содирот гардад.

Воридотивазкунӣ метавонад ба сифати механизми таъминкунандаи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ баромад намояд ва ин боис мегардад, ки рушди истеҳсолот низ зиёд карда шавад.

Самаранокии сиёсати саноатӣ дар омилҳое таҷассум меёбад, ки иқтидори истеҳолии корхонаҳои саноатиро баланд мебардорад. «...Иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ аз технологияҳои инноватсионӣ алоқамандии зич дошта, инчунин аз таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ низ вобаста аст» [51, с. 153].

Ҳолати аввал, дастгирии давлатии корхонаҳои саноатӣ дар шаклҳои муқаррарнамоии сабукиҳои андозӣ, субсидияҳо, инвеститсияҳо ва дастгирӣ ҳангоми фурӯши молу маҳсулотҳои истеҳсолшуда мебошад. Аксар маврид барои хубтар гардидани раванди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аз ҷониби давлат қарзҳои имтиёзнок низ пешниҳод карда мешавад.

Ҳолати дуюм, дастгирии раванди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки дар рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ замина мегузорад.

Барои ин моро омилҳои зерин зарур аст:

– устувории иқтисоди миллӣ;

– инкишофи рақобатпазирӣ;

–таъмини волоияти қонун ва мубориза бо коррупсия

– зиёд намудани сармоягузории давлатӣ баҳри рушди инфрасохтори соҳаи маориф, илм ва технологияҳои инноватсионӣ.

Қобили қайд аст, ки маҳсулнокии меҳнат дар соҳаи истеҳсолоти саноатӣ, ки яке аз индикаторҳои самаранокии сиёсати саноатӣ маҳсуб меёбад, дар масири 10 сол 3, 1 баробар зиёд гардидааст.

Бо сабаби заиф будани асъори миллӣ ва ноустувор будани он, тамоюли пастравии маҳсулнокии меҳнат бо доллари ИМА ҳисоб карда шуда, дар марҳилаи ниҳоӣ ҳисоббандӣ карда мешавад.

Паст будани ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ ва нокифоя будани фаъолияти инноватсионӣ садди рақобатпазирии маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозори ҷаҳонӣ мегардад ва намегузорад, ки соҳаи саноати миллӣ рушд ёбад, ки ин раванд албатта натиҷаи дилхоҳро ба бор намеорад.

Таҷрибаи кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои саноатие, ки аз имтиёзҳои давлатӣ бархӯрдор нестанд зуд ба ҳолатҳои

бухронӣ дучор меоянд. Гуфтан роиҷ аст, ки дар баробари имтиёзҳои давлатӣ, боз барои корхонаҳои саноатӣ механизми ҷорисозии самарноки технологияҳои инноватсионӣ зарур аст. Аз ин лиҳоз, «...корхонаҳои саноатии ватаниро зарур аст, ки ҷиҳати пешбурди фаъолияти самараноки худ аз технологияҳои муосири инноватсионӣ васеъ истифода баранд, то ки ҳам амнияти иқтисодии корхонаҳоро ва ҳам рушди бемайлони истеҳсолоти сифатнокро муҳайё созад» [146, с.18].

Тамоюли ҷаҳонии зиёдшавии хароҷоти давлатӣ ба ММД нишон медиҳад, ки давлат бояд механизми танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати саноатиро боз ҳам пурзӯртар намояд, то ки ба нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардад.

Мавриди зикр аст, ки механизми танзими давлатии соҳаи саноатро боз ҳам бояд пурзӯртар намуд, зеро маҳз тадбирҳои давлатӣ дар ин самт боиси ташаккул ва инкишофи ин соҳа мегардад.

Раванди воридотивазкунӣ ва содиротро набояд бо ҳам муқобил гузошт, зеро маҳз ин ду раванд комлекси саноатиро ташкил медиҳанд ва маҳз ин ду раванд дар рушди иқтисоди миллӣ заминаи муосидро фароҳам месозанд.

Дар ҳолати таъмин намудани бозори дохилӣ бо молу маҳсулоти ватанӣ корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки ба воситаи кумакҳои давлатӣ ҳаҷми истеҳсолро зиёд намоянд ва онро ба хориҷи кишвар содир намоянд.

Мавриди зикр аст, ки барои рушди корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама механизми ташкили фаъолияти истеҳсолӣ зарур аст ва ин василаи муҳим барои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ мегардад.

Ба ақидаи мо ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди соҳаи саноат ба инобат гирифтани ҳиссаи бахши хусусӣ шарти зарурӣ мебошад, зеро маҳз ба воситаи ҷалби бахши хусусӣ мо метавонем рушди соҳаро таъмин намуда, баъзе мушкилотҳои макроиқтисодиро бартараф созем.

Нуқтаи дигаре, ки мо бояд қайд намоем, ин сиёсати даватӣ дар самти саноат мебошад. Сиёсати саноатӣ танҳо роҳи асосии ҳал намудани муаммоҳои соҳавиро муҳайё месозад.

Тибқи ин гуфтаҳо, сиёсати саноатӣ дар асоси принсипҳои зерин ташаккул меёбад:

- мақсаднокӣ;
- мувофиқсозӣ;
- банақшагирии стратегӣ;
- риояи мантиқӣ ва пайдарпаӣ ва ғ

Тибқи принсипҳои болозикр сиёсати саноатӣ ташаккул ёфта, марҳила ба марҳила таъмини амнияти иқтисодӣ фароҳам мегардад.

Сиёсати саноатӣ барои рафъи муаммоҳое равона карда мешавад, ки боиси монеагиҳо ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ гардидааст.




**Расми 3.3. - Татбиқи сиёсати саноати коркарди корхонаҳои ватанӣ**
***Сарчашма**. Таҳияи муалли.*

Тибқи салоҳиятҳои асосӣ самт ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба инкишофи комплексии саноатӣ муайян карда мешавад ва барои рушди рақобатпазирии

корхонаҳои саноатии кишвар замина мегузорад, ки ин сабаби асосии ташаккул ёфтани низоми сиёсати саноатӣ мебошад.

Дар ин асно афзалият бояд ба сармоягузории дохилӣ дода шавад ва он тибқи қоидаи оптималӣ байни соҳаҳои саноат ва иҷтимоӣ тақсимбандӣ шавад, то рушди ҳарду соҳаро таъмин намояд.

Тиқби ақидаи олимони ватанӣ ва ИДМ айни замон иқтисодиёти постиндустриалиро асоси рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ҳисобидан мумкин нест ва ин ғоя қариб дар аксар пажӯҳишҳои илмии иқтисодӣ вохӯрдан мумкин аст.

Заминаи асосии чунин рушд захираҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун омили асосӣ низ маҳсуб меёбад.

Айни ҳол барои рушди соҳаи саноат ва таъмини амнияти иқтисодии он аз технологияҳои инноватсионӣ васеъ истифода мебаранд, ки маҳз технологияҳои наву замонавӣ метавонад боиси рушд ёфтани раванди истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишваре  мебошад, ки барои табдил ёфтан ба кишвари саноатӣ-агарарӣ  қадамҳои устуворро гузошта истодааст ва ин тақозо менамояд, ки раванди мазкурро ба воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолӣ суръат бахшад.

Яке аз паҳлӯҳои асосии  сиёсати саноатӣ, ин саноатикунонии босуръати мамлакат мебошад, ки ба воситаи технологияҳои муосир амалӣ карда мешавад.

Барои мутлақан татбиқ намудани саноатикунонии босуръати иқтисодиёт, ин  азнавсозии инфрасохтори истеҳсолӣ, ки ба рушди механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо замина мегузорад, таҳия ва татбиқ намудан зарур аст.

Сиёсати саноатӣ боназардошти таъмин амнияти иқтисодии корхонаҳо бояд таҳия ва татбиқ карда шавад.

Давлат ба воситаи роҳҳои гуногун, модели рушди саноатиро таҳия менамояд, ки он дарбаргирандаи омилҳои сармоягузорӣ, истеҳсоли молу маҳсулоти воридотивазкунадаи ба содирот нигаронидашуда мебошад.

Дар шароити муосир яке аз роҳҳои асосии суръатбахшии сиёсати саноатӣ, ин истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Гуфтан роиҷ аст, ки танҳо тавассути технологияҳои инноватсионӣ мо метавонем молу маҳсулоти арзиши баланддоштаро истеҳсол намоем ва давлатро зарур аст, ки барои рушди фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи зиёдтар ҷудо намояд.

Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳо аз ҳисоби фаъолияти инноватсионӣ ақибмонда аст.

Дар инфрасохтори истеҳсолӣ ва ММД ҳаҷми маҳсулоти инноватсионӣ хело ҳам паст мебошад. Молу маҳсулотҳои истеҳсолкардаи корхонаҳои саноатии ватанӣ, нисбат ба молу маҳсулотҳои корхонаҳои саноатии хориҷӣ рақобатпазир нестанд.

Боназардошти шароити мазкур дар бораи таъмини амнияти иқтисодӣ сухан рондан лозим нест.

Бояд таъкид сохт, ки мафҳумҳои амнияти иқтисодӣ ва сиёсати саноатӣ ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Беназардошти принсипҳои амнияти иқтисодӣ, татбиқнамоии сиёсати саноатӣ аз имкон берун хоҳад буд.

Танҳо дар сурати рушд ёфтани соҳаи саноат ва ташаккули истеҳсолоти саноатӣ, метавон амнияти иқтисодиро таъмин намуд.

Қобили қайд аст, ки имрӯзҳо бахши асосии иқтисодиёт, ки истеҳсолот мебошад, рушд ёфта истодааст, ки ин дар рушди механизми таъмини амнияти иқтисодӣ замина мегузорад.

Бухрони ҷаҳонии молиявӣ-иқтисодӣ нишон дод, ки бахши воқеии иқтисодиёт дар ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ нақши ҳалкунандаро ба худ касб менамояд.

Аз ин хотир, барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ баландбардории сохтори истеҳсолоти ватанӣ зарур аст ва ин танҳо роҳи расидан ба мақсадҳои гузошташуда мебошад.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо соҳаи саноати кишвар дар ҳоли рушд мебошад ва то ҳадде таъмини амнияти иқтисодии соҳа низ таъмин гардида истодааст,

зеро ки молу маҳсулоти ватанӣ марҳила ба марҳила рақобатпазир гардида истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки барои рушд додани соҳаи саноати кишвар дар баробари технологияҳои инноватсионӣ ва кадрҳои баландихтисос, инчунин сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ низ заруранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишваре мебошад, ки барои сармоягузории хориҷӣ мутобиқ мебошад, зеро ки дорои захираҳои бойи канданиҳои фоиданок аст.

Унсуре, ки заминаи рушди истеҳсолиро фароҳам меоварад, ин таъсиси паркҳои саноатӣ арзёбӣ мегардад. Маҳз ташкили паркҳои технологӣ боиси он мегардад, ки рушди соҳаи саноат таъмин гардад. Дар шароити кишвари мо таъсиси паркҳои технологӣ боназардошти захираҳои мавҷуда ҷиҳати коркард ба манфиати кор хоҳад буд.

Мақсади асосии ташкили корхонаҳои саноатӣ, ки бо истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ фаъолият мекунанад, ин баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад.

Таъмини рақобатпазирии иқтидори технологии корхонаҳои ватанӣ, танҳо тавассути самаранок ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ даст хоҳад дод, зеро ки заминаи асосӣ низ ҳамин раванд мебошад ва он дар тамоми давраи рушд иштироки бевосита менамояд.

Барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самарабахшии раванди истеҳсолот, бояд стратегияву барномаҳои аз нуқтаи назари илм асоснок таҳия ва татбиқ карда шаванд ва инчунин ҳиссаи инноватисяро низ бояд ба инобат гирифт.

Тамоми омилҳои болозикр бояд ба сиёсати саноатии кишвар дохил карда шаванд, то ки бехатарии иқтисодии корхонаҳои саноатии ватаниро таъмин созанд.

## 3.2. Таҳкими фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ ҳамчун омили таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард

Сармоягузорӣ ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ унсури зарурии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо арзёбӣ гардида, ташаккули минбаъдаи онҳоро дар худ инъикос менамояд.

Паст шудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба иқтисодиёт омили манфӣ арзёбӣ гардида, аз пайдоши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дарак медиҳад. ки метавонад оқибатҳои ногуворро эҷод намояд.

Дар шароити муосир фаъолияти сармоягузорӣ барои ҳалли мушкилотҳое равона гардидааст, ки дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дарҷ гардидаанд.

Бояд иброз дошт, ки ҳуҷҷати дарозмуҳлати мазкур вазифаҳои мазкурро барои рушди фаъолияти сармоягузорӣ мушаххас менамояд:

- рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва саноат оид ба коркарди ашёи хоми ватанӣ, татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар;
- кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва ташаккули инфрасохтори рушд ва дастгирии соҳибкории хурд ва миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- ташаккулдиҳии низоми иттилоотии соҳибкорӣ дар саноат ва мусоидат ба ташкил намудани бизнес-инкубаторҳо бо назардошти талаботи мардон ва занон, соҳибкорони деҳот; [10]

Яке аз унсурҳои зарурии амнияти иқтисодии миллӣ ё минтақа, ин амнияти сармоягузорӣ маҳсуб меёбад. Истилоҳи амнияти сармоягузорӣ нисбатан нав буда, оид ба он мафҳуми ягона ё таърифи ягонае мавҷуд нест.

Ба ақидаи олим Акрамова О.К. «..таъмини сармоягузорӣ ин раванде мебошад, ки барои баланд бардоштани мотиватсияи истеҳсолот, азнавсозии захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ, инчунин ҳалли масъалаҳое, ки дар низоми иқтисоди миллӣ мавҷуданд, равона карда шудааст» [140, с. 16].

Воқеан таъмини сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки раванди истеҳсолот тезонида шавад ва натиҷаҳои назаррасро барои моликони корхонаҳои саноатӣ фароҳам оварад.

Сармоягузорӣ барои иқтисодиёт ва корхонаҳои алоҳида нақши калидиро ишғол менамояд, зеро ки бидуни сармоягузорӣ таъмини рушди соҳа аз имкон берун хоҳад буд.

Сармоягузорӣ самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноти коркардро афзоиш дода, раванди ҷорисозии технологияҳои инноватсиониро дар истеҳсолот метезонад ва имконият фароҳам месозад, ки сатҳи рақобатпазирии корхонаҳо баланд бардошта шавад.

Сармоягузорӣ ба вуҷудоварандаи иқтидори нави истеҳсолӣ буда, метавонад барои аҳолии қобили меҳант ҷойҳои нави кориро муҳайё созад, инчунин вазъи иҷтимоӣ-иқтисодиро то дараҷае баланд бардорад. Ҷанбаи дигари фаъолияти сармоягузорӣ, ин дар баландбардории ҳаҷми ММД мебошад, ки натиҷаи он афзоиши теъдоди андозсупорандагон аст ва ин албатта барои ғанигардонии буҷети давлатӣ заминаи муҳим арзёбӣ мегардад.




**Расми 3.4. - Маълумот доир ба лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023**

***Сарчашма:*** ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Кумитаи далатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон )

Қобили қайд аст, ки фаъолияи сармоягузорӣ имконияти ҷорисозии инноватсияро дар истеҳсолот фароҳам меоварад, ки дар натиҷаи корхонаҳои саноатӣ аз нуқтаи назари иқтидори техникӣ пурзӯр мегардад.

Зарурати татбиқи технологияҳои инноватсионӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ дар омилҳое таҷассум меёбанд, ки яке аз муҳимтарини онҳо соҳаи саноат арзёбӣ мегардад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бомаром ҷиҳати рушди ин соҳа тамоми тадбирҳои лозимаро андешида истодааст.

Б. Б. Махкамов соҳаи саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омадааст, ки устуворнокии истеҳсолоти саноатӣ танҳо дар сурати истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ ба даст меояд ва роҳи асосии баландбардории рақобатпазирии молу маҳсулоти саноатӣ низ аз унсури мазкур сарчашма мегирад [103, с.106].

Дар шароити муосир ва пешрафти илму техника муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ низ дигаргун гардида, таҳдидҳои нав метавонад ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ пайдо гардад. Аз ин рӯ моликони корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки дар стратегияи ҳамаҷонибаи таъмини амнияти иқтисодиашонро таҳия намоянд.

Барои рушди корхонаҳои саноатии ватанӣ ва таъмини амнияти онҳо давлатро зарур аст, ки ҷиҳати дастгирии онҳо тамоми чорабиниҳои заруриро равона созад, зеро бе танзими давлатӣ устуворсозии корхонаҳо аз имкон берун хоҳад буд.

Барои рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама бояд раванди истеҳсолоти онро устувор гардонид. Барои ин зарур аст, ки стратегияи ҳамаҷониба таҳия карда шавад то ташаккули истеҳсолоти саноатиро таъмин созад. Аксар маврид корхонаҳои саноатие, ки ба муфлисшавӣ дучор меоянд, ин аз надоштани стратегияи дурусти зиддибуҳронӣ дарак медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки барои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз тадбирҳои мушаххаси илман асоснокшуда истифода мебарад.

Яке аз роҳҳои дигари таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ин дастгирии корхонаҳое аст, ки ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунандаи ба содирот нигаронидашуда машғуланд.

Ба андешаи мо ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ ба корхонаҳои саноатӣ амнияти иқтисодии онҳоро таъмин месозад ва он бояд тибқи марҳилаҳое, ки дар расми 3.5. оварда шудааст, таҳия ва татбиқ гардад.




**Расми 3.5. - Таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноат дар заминаи фаъолияти инноватсионӣ**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф*

Маҳз инноватсия дар бунёди бизнес-моделҳои нав мусоидат намуда, воситаҳое, ки бе талафи сифат ихтисори хароҷоти вобаста ба маҳсулоти баландсифатро таъмин хоҳанд кард.

Ҳамин тавр зарур аст, ки дар шароити муосир механизмҳои дастгирии давлатӣ дар самти баландбардории иқтидорнокии фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи васеи онҳо дар раванди истеҳсолот бояд дар чорчӯбаи талаботҳои зерин ба роҳ монда шавад:

- барои баландбардории истеҳсолнокии корхонаҳои саноатӣ, бояд лоиҳаҳои инвеститсионию инноватсионии хусусияти ташаккулдиҳии иқтисоди миллӣ доштаро ҷалб намоем;
- истифодаи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки дар онҳо дастгирии давлатӣ дида мешавад;
- ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба дар самти воридсозии технологияҳои инноватсионӣ бо шарикони рушд (новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ);

➢ таҳия ва банақшагирии лоиҳаҳои инвеститсионию инноватсионӣ бо назардошти сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ;

➢ таъсиси низоми ягонаи идоракунии чараёнҳои инноватсионӣ ва танзими он;

➢ таҳияи механизми ягонаи чалби сармоягузориҳои мустақим дар самти ташаккули фаъолияти инноватсионӣ.

Вобаста ба ин механизми дастгирии давлатии фаъолияти инноватсиониро дар расми зерин пешниҳод намудем:




**Расми 3.6. - Механизми дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ**
***Сарчашма:*** *Таҳияи муаллиф.*

Аз рӯи Расми 3.6. ба ақидае омадан мумкин аст, ки амали мақсадноки механизмҳои дастгирии давлатӣ роҷеъ ба фаъолияти инноватсионӣ метавонад корхонаҳои саноати коркардро ба сатҳи сифатан нави истеҳсолот расонида, суботи онҳоро таъмин намояд. Дар баробари ин, боз дар самти дастгирии давлатии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар сатҳи иқтисодиёти кишвар то кунун баъзе норасоиҳо мавҷуд аст. Ҳангоми гирифтани кумакҳои молиявӣ

(субсидия) аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ ба самти онҳо равона карда шудааст, якчанд масъалаҳо аз қабили техникӣ, тиҷоратӣ ва комёбиҳои иҷтимоӣ ба эътибор гирифта намешаванд. Он ҳама лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ карда мешаванд, барои тамоми самтҳои хоҷагии халқ татбиқ карда мешавад.

Дар раванди маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ бояд аз рӯйи категорияҳое, ки дар боло овардем муфовиқ карда шавад.

Мо зарур мешуморем, ки дар раванди интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ бояд аз рӯи категорияҳои зерин, ки дар Ҷадвали 3.1. оварда шудааст, ба роҳ монда шавад.

**Ҷадвали 3.1. - Интихоби лоиҳаҳои инноватсионӣ аз рӯйи категорияҳо***

| Категорияҳо | Таснифот | Маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ |
|---|---|---|
| Категорияи якум | Ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулотҳои саноатии ба содирот нигаронидашуда, ки зери ҳимояи мақомоти давлатӣ қарор дорад | То 60 дарсади арзиши лоиҳа |
| Категорияи дуюм | Татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулотҳои ба содиротнигаронидашуда машғуланд ва ба стандартҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд | То 50 дарсади арзиши лоиҳаи инноватсионӣ |
| Категорияи сеюм | Татбиқи лоиҳаҳое, ки ба истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда алоқаманданд ва бо нархҳои пасттар нисбати молҳои воридотӣ ба фурӯш бароварда мешаванд | То 35 дарсади арзиши лоиҳа |
| Категорияи чорум | Татбиқи лоиҳаҳои инноватсиоии корхонаҳои саноатӣ, ки истеҳсоли молҳои онҳо дар бозори дохилӣ талаботи баланд доранд | То 10-15 дарсади арзиши лоиҳа |

****Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва санадҳои меъёрӣ.

Мақомотҳои давлатӣ на танҳо дар дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ фаъоланд, балки бахри баланд бардоштани низоми истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ ҳавасманд мебошанд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионӣ, ки омили муҳими таъминкунандаи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ мебошанд, ин дастгирии давлатии корҳои илмию тадқиқотии хусусияти инноватсионӣ дошта мебошад. Дар ин маврид маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ барои инкишофи илм равона шудаанд, овардем. Ниг. ба Ҷадвали 3.2..

**Ҷадвали 3.2. - Хароҷоти буҷети давлатӣ дар бахши илм***

| Воҳид | Солҳо | | | | | | | Фарқият бо 2023/2017 мар. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Ҳазор сомонӣ | 60636,7 | 66910,7 | 76401,0 | 82820,4 | 99690,7 | 119586,7 | 143510,8 | 2,37 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 68.

Дар асоси нишондиҳандаҳое, ки дар Ҷадвали 3.2. овардем, гуфтан мумкин аст, ки маблағгузориҳои буҷетӣ ҷиҳати инкишофи илм дар кишвар ҳамасола тамоюли зиёдшавӣ дошта, соли 2023  нисбат ба соли 2017 2,37% зиёд мебошад, ки ин талошҳои бевоситаи давлатро дар самти пешбурди соҳаи илм бозгӯ мебошад.

Ҳаминро бояд таъкид намуд, ки инкишофи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати коркард аз пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобастагии зич дорад. Бинобар он барои пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ албатта маблағгузориҳои буҷетӣ ва ҷалби лоиҳаҳои сармоягузориву грантӣ заруранд.

Ҳарчанд дар баробари маблағгузорӣ ба соҳаҳои илм миқдори умумии муассисаҳое, ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғуланд дар мамлакат зиёд гашта истодаанд. Ниг. ба Ҷадвали 3.3.

**Ҷадвали 3.3. - Нишондиҳандаҳои асосии рушди бахши илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар  давоми солҳои 2017-2023***

| Номгӯйи бахшҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Шумораи муассисаю т ки корҳои илмӣ-кор мекунанад | 80 | 82 | 82 | 82 | 81 | 80 | 80 |
| Шумораи кормандони фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) | 3720 | 3923 | 4505 | 4269 | 4446 | 4496 | 7272 |
| Иҷрои корҳои илмӣ-техникӣ (бо ҳазор сомонӣ) | 70580,4 | 66788,4 | 74120,4 | 75292,7 | 85625,6 | 99133,1 | 120212,8 |

***Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024 (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2024.-С 68-69.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳое, ки аз Ҷадвали 3.3. овардашуда бармеояд, шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро мекунанд дар соли 2023 80 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2017 бетағйир боқӣ мондааст. Ба андешаи мо, ин тамоюл барои расидан ба мақсадҳои гузошташудаи кишвар дар самти пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ қаноатмандкунанда нест. Ин нуқтаро бо нишондиҳандаҳои чунин солҳо шарҳ додем, ки  тамоюли инкишофи шумораи муассисаҳои илмӣ дар соли 2018 назар ба соли 2017 2,5% зиёд гардида бошад ҳам, дар солҳои 2019, 2020, 2021 тақрибан 2.0 % зиёд шуда, аммо тамоюли беҳаракатиро нигоҳ доштааст.

Шумораи кормандони фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) дар давоми солҳои 2017-2023 нишондиҳандаҳои гуногуниро ташкил додааст. Масалан, дар соли 2023 шумораи кормандони асосӣ ( илмӣ-техникӣ) 3720 нафарро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар соли 2023 7272 нафар ё худ 95,4% зиёд гардидааст. Теъдоди умумии ба корҳои илмӣ-техникӣ машғулбуда дар байни солҳои таҳлилӣ танҳо дар соли 2023 баландтар арзёбӣ мегардад, ки нисбат ба соли 2017 қариб як баробар зиёд аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ки то ҳол меъёри қаноатмандкунандаи шахсоне, ки ба корҳои илмӣ-техникӣ машғуланд ба даст наомадааст, ки ин имконияти инкишофи раванди инноватсиониро низ дар корхонаҳои саноатӣ суст мегардонад. Дар натиҷа таҳдид ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз имкон дур нест.

Таҷрибаҳои ватанӣ ва ҳам хориҷӣ нишон медиҳанд, ки  ҳар қадаре, ки иҷроиши корҳои илмӣ-техникӣ зиёд гардад, ҳамон қадар инкишофи раванди инноватсионӣ дар соҳаи саноати коркард суръат меёбад, дар ҳоле, ки натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ-техникӣ дар амал татбиқ карда шавад.

Барои дилхоҳ низом омили муҳими таъсирноке зарур аст, ки рушди устувори минбаъдаи онро таъмин намуда, василаи иқтидорнокиро ба миён орад. Махсусан дар соҳаи саноат ҷорӣ намудани раванди инноватсионӣ, имконияти истеҳсолнокии зиёдро ба миён меорад. Аз ин рӯ, олимони соҳаи иқтисод дар шароити муосир истеҳсолотро бидуни инноватсия тасаввур

карданашро ғайримкон медонанд.

Фаъолияти як қатор корхонаҳо метавонад як ё якчанд марҳилаи ҷорисозии инноватсияро дар истеҳсолот дар бар гирад. Чунин ширкатҳоро метавон қисман ба фаъолияти инноватсионӣ фаро гирифта ном ниҳод.

Маълум аст, ки дар ин маврид корхонаҳо бояд  баҳри татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ба як шакли фаъолият машғул шаванд.

Дар як қатор корхонаҳои дигар раванди инноватсионӣ метавонад дар ҳама давраҳои ҳаётии истеҳсоли маҳсулот иштирок намояд, яъне  то таҳвили мол ба бозор давом ёбад. Дар корхонаҳои саноатӣ раванди ҷорисозии фаъолияти инноватсионӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки механизми ташкилии истеҳсолотро пурра ба кор андозад.

Аз нуқтаи назари ташкили раванди рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ ду модел вуҷуд дорад:

- Модели пушида;
- Модели кушода;

**Модели пушида.** Корхонаҳоеро гуфтан мумкин аст, ки комилан ҳамаи захираҳои зарурӣ барои истеҳсолотро доранд ва тамоми давраҳои ҳаётии истеҳсоли маҳсулотро ба таври пушида беистифодаи шарикон ба роҳ мемонанд, ки ин метавонад боиси зиёдшавии хароҷот барои истеҳсол ва инчунин номувозинатии нарх дар бозор гардад.

**Модели кушода.**  Баръакс, барои корхонахои хурд, ки истеҳсоли маҳсулотро аз номи ин ё он ширкат ба роҳ мемонанд ва ё пурра аз рӯйи механизми маблағгузории аутсорингӣ фаъолияташонро пеш мебаранд.

**Ҷадвали 3.4. - Моделҳои  пушида ва кушодаи раванди инноватсионӣ***

| Марҳилаҳои рушди инноватсионӣ | Иштирокчиёни раванди инкишофи инноватсионӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Корхонаи А | Корхонаи Б | Корхонаи В | Корхонаи Г |
| Гузаронидани таҳқиқот | Х | | | |
| Эҷоди идея | Х | Х | | |
| Таҷрибаи истеҳсол | Х | | Х | |
| Истеҳсоли зиёд | Х | | | Х |

***Сарчашма:** Дар асоси маводи Чесбро Г. Открытые инновации.  – М.: Поколение, 2007.

Чуноне, ки аз Ҷадвали 3.4. бармеояд, корхонаи А тамоми даврҳои ҳаётии раванди инноватсиониро мустақилона ба роҳ мондааст, ки ин ифодакунандаи тибқи модели пушида фаъолият кардан мебошад. Корхонаҳои Б, В, Г бошад, қисман равандҳои инноватсияро дар истеҳсолоташон истифода бурда, қисми дигарашро дар асоси шартнома ё маблағгузории аутсорингӣ ба роҳ мондаанд, ки ин ифодагари аз рӯйи модели кушода фаъолият кардан мебошад.

Бори аввал истилоҳи «модели кушодаи инноватсионӣ» дар корҳои илмии Генри Чесбро истифода бурда шудааст [45, с.76].

Принсипҳои асосӣ, ки модели мазкур дар асоси онҳо ба миён омадааст, инҳоянд:

-самаранок истифода бурдани идеяву таҷрибаҳои берунӣ, на коркарди дохилӣ;

- афзалият додан ба ташкили модели устувори тиҷорат, на саъю кӯшиш барои гирифтани бозор;[77, с. 118]

Намунаи модели кушодаи инноватсионӣ, ин корхонаҳои корпоративӣ мебошад, инчунин фондҳои венчурӣ, ки метавонанд бо мақсадҳои гуногун фаъолият кунанд:

- сармоягузорӣ ба инфрасохтор барои таҳияи маҳсулоти нав;
- сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав.

Ба сифати муҳимтарин вазифаҳои модели кушодаи инноватсия Ҷ.Вест ва С. Галлагер чунини омилҳоро муайян кардаанд:

-ташкили тадқиқоти илмӣ ва конструктории муштараки ширкатҳо;

- аз ҷониби ширкатҳои алоҳида, таҳия намудани ҷузъҳои алоҳидаи маҳсулот;

- интиқоли ройгони коркардҳо;

- кам кардани расмиёти бюрократӣ дар доираи қабули қарор оид ба рушди инноватсионӣ.

Намунаи модели кушодаи инноватсионӣ ин иттиҳодияҳои фондҳои венчурӣ мебошад, ки метавонанд бо мақсадҳои гуногун фаъолият кунанд:

• сармоягузорӣ ба инфрасохтор барои таҳияи маҳсулоти нав;

• сармоягузорӣ ба старт-ап корхонаҳо.

Роҷеъ ба масъалаи ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот, чунин нуқтаи асосиро қайд намудан зарур аст, ки дар сурати дигаргунсозии воситаҳои истеҳсолот, боназардошти кам кардани хароҷот ва зиёд истеҳсол намудани мол ё маҳсулот метавонад оқибатҳои мусбатро барои корхона ба бор орад, агар тадқиқоти маркетингӣ саривақт гузаронида шуда бошад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» «...барномаи мақсадноки инноватсионӣ - маҷмӯи чорабиниҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, таҳқиқотӣ, илмӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва ғайра, ки барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо захираҳо, иҷрокунандаҳо ва муҳлатҳои амалигардонии онҳо, ки ҳадафашон иҷрои самараноки масъалаҳои азхудкунӣ ва ҷори намудани натиҷаҳои инноватсионӣ мебошад, равона шудаанд» [2].

Чуноне, ки аз таърифи дар қонун овардашуда бармеояд, барномаи мақсадноки инноватсионӣ функсияи асосиро дар рушди минбаъдаи ҳам корхонаҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ иҷро менамояд. Барои хариди баъзе навовариҳо (молҳо, равандҳои технологӣ, хизматрасонӣ) низоми шартномаҳои давлатӣ таъсис дода шуда, ба ширкатҳо барои татбиқи навовариҳо имтиёзҳои қарзӣ дода мешаванд.

Ҳамин тавр яке аз вазифаи муҳими идоракунии давлатӣ, ташаккули инфрасохтори инноватситонӣ мебошад. Барои ин давлат метавонад, ҷиҳати рушди таҳқиқоти илмӣ, эҷоди технологияҳои нав ва барномаҳои таълимӣ, ки ба рушди тафаккури навоварона ва такмили ихтисоси мутахассисон мусоидат мекунад, маблағгузорӣ намояд. Яъне, ин амал ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, махсусан соҳаи саноати коркард боис мегардад.

Рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувори онҳо дар иқтисодиёти муосир мебошад. Дахолати давлат ба ин раванд дар фароҳам овардани фазои мусоид

барои инноватсия ва ҳавасманд намудани корхонаҳо ба ҷори намудани технология ва равандҳои нав нақши муҳим мебозад. Дар зербоби мазкур равишҳои гуногун оид ба таҳияи механизми идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ боназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои ҷорӣ баррасӣ мешаванд.

Рушди босуръати технология ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт, корхонаҳои саноатӣ, зарурати мунтазам такмил додани равандҳои истеҳсолии худ ва ҷори намудани навоварӣ дучор меоянд. Аммо фаъолияти инноватсионии сармоягузориҳои зиёд, кадрҳои баландихтисос ва дастгирии давлатиро талаб менамояд. Вобаста ба ин дар доираи тадқиқот, мо дар минбаъда чунин самтҳои дастгирии давлатиро оид ба равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи саноат зарур донистем, ки омили муҳими таъминкунандаи амнияти иқтисодии соҳа мебошанд:

- **дастгирии инноватсия тавассути маблағгузорӣ:** Давлат метавонад ба корхонаҳои саноатӣ барои навоварӣ кумаки молиявӣ расонад. Инро тавассути додани субсидияҳо, грантҳо, қарзҳои имтиёзнок ё имтиёзҳои андоз бавруи сармоягузорӣ ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, харидани техника ва технологияҳои нав ба даст овардан мумкин аст. Ин равиш хатарҳои молиявиро барои корхонаҳо коҳиш дода, онҳоро ба навоварӣ ҳавасманд мекунад.
- **таъсиси кластерҳои инноватсионӣ:** Давлат метавонад, рушди кластерҳои инноватсионӣ-консентратсияи фазоии корхонаҳо ва ташкилотҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ки ба соҳаҳои алоҳида махсусгардонида шудаанд, дастгирӣ намояд. Чунин кластерҳо ба табодули дониш ва таҷриба, тадқиқот ва коркардҳои муштарак мусоидат намуда, инчунин барои ташаккули инноватсия фазои мусоид фароҳам меоранд. Давлат метавонад ба ин соҳа тавассути маблағгузорӣ дастгирӣ намояд.
- **таъсиси марказҳои инноватсионӣ ва паркҳои технологӣ:** Давлат метавонад марказҳои инноватсионӣ ва паркҳои технологӣ, ки ба корхонаҳо дастрасӣ ба инфрасохтори муосир, захираҳои илмӣ ва таҷрибаро фароҳам

меорад, рушд ва дастгирӣ намояд. Чунин марказҳо ва паркҳои технологӣ ба ҳамкории байни корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ ва сармоягузорон мусоидат намуда, ба эҷоди инноватсияҳо ва тиҷорати муваффақонаи онҳо мусоидат мекунанд.

- **маориф ва рушди сармояи инсонӣ:** Давлат метавонад маориф ва рушди сармояи инсониро дар соҳаи инноватсия дастгирӣ намояд. Ин метавонад барномаҳои такмили ихтисоси кормандони корхонаҳо, дастгирии корҳои тадқиқотӣ ва конструкторӣ, ки таъсиси муассисаҳои махсуси таълимиро дар бар гирад. Сармояи инсонӣ омили асосии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ маҳсуб меёбад, аз ин рӯ рушди он таваҷҷуҳи давлатро тақозо менамояд.

- **мусоидат ба интиқоли технология:** Давлат метавонад ба интиқоли технология байни муассисаҳои тадқиқотии илмӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ мусоидат кунад. Инро тавассути ташкили шарикӣ ва ҳамкорӣ байни субъектҳои гуногун, эҷоди барномаҳо ва механизмҳои махсусгардонидашудаи тиҷоратикунонии технологияҳо ва фароҳам овардани дастрасӣ ба моликияти зеҳнӣ ба даст овардан мумкин аст.

- **дастгирӣ ва рушди шабакаҳои инноватсионӣ:** Давлат метавонад ба таъсис ва рушди шабакаҳои инноватсионӣ, ки корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, донишгоҳҳо ва дигар ташкилотҳоро муттаҳид ва ҳавасманд намояд. Чунин шабакаҳо ба табодули дониш, таҷриба ва захираҳо мусоидат намуда, ба корхонаҳо имкон медиҳанд, ки дар соҳаи тадқиқот, коркард ва навоварӣ ҳамкорӣ намоянд.

- **содда намудани расмиёт ва паст намудани бюрократизм:** Давлат метавонад тавассути содда намудани расмиёт ва кам кардани монеаҳои бюрократӣ ба инноватсия мусоидат намояд. Ин метавонад ба суръат бахшидани раванди додани иҷозатномаҳои тадқиқотӣ, соддагардонии расмиёти дарёфти дастгирӣ ва маблағгузории давлатӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот дар бораи барномаҳо, дастгирии инноватсияро дар бар гирад.

➢ **мусоидат ба ҳамкории байналмилалӣ:** Давлат метавонад тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ ба рушди инноватсия мусоидат намояд. Ба ин бо роҳи имзо намудани шартномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳамкории илмию техникӣ, ташкили лоиҳаҳои якҷояи тадқиқоти илмӣ, бо шарикони хориҷӣ, инчунин иштирок намудан дар барномаҳо ва конкурсҳои байналхалқии инноватсионӣ ноил шудан мумкин аст.

➢ **мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои рушди инноватсионӣ:** Давлат бояд мунтазам мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро ба роҳ монад. Ин усул имкон медиҳад, ки самаранокии маҷмӯи тадбирҳои андешидашуда, муайян карда шуда, стратегияҳо ва сиёсатҳоро мувофиқи шароити тағйирёбанда ислоҳ кунад. Чунин муносибат ба давлат имкон медиҳад, ки аз тамоюлҳо ва ниёзҳои корхонаҳо огоҳ бошад, инчунин дпар соҳаи идоракунии давлатии рушди инноватсионӣ қарорҳои оқилона қабул намояд.

Ҳамин тариқ, таҳияи механизми идоракунии давлатии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, муносибати маҷмӯӣ ва боназардошти хусусиятҳои ин соҳаро тақозо менамояд. Маҷмӯи дастгирии молиявӣ, ташкили кластерҳо ва марказҳои инноватсионӣ, рушди сармояи инсонӣ, пешбурди интиқоли технологияҳо ва дигар равишҳо метавонад ба фароҳам овардани фазои мусоид барои инноватсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусоидат кунанд.

Тибқи ҳадафҳои стратегии кишвар ба соҳаи саноат бартарӣ дода шуда, нисбат ба инкишофи марҳилавии он чораҳои пайдарпай нақшабандӣ гардидааст.

Саноатикуонии босуръати кишвар имконияти истифодаи захираҳои моддиро васеъ гардонида, ҳамчун асоси инкишофи истеҳсолот маҳсуб меёбад.

Инкишофи соҳаи саноат аз истифодаи технологияҳои инноватсионӣ сахт алоқаманд буда, ҳамчун ду унсури занҷиравӣ ҳисобида мешаванд. Соҳаи саноати кишвар имрӯзҳо комилан сифати навро ба худ касб намуда, ҳамчун

воситаи асосии пешбарандаи иқтисодиёти миллӣ гардидааст, аммо новобаста аз инкишофаш то ҳол қонеъкунанда набуда, роҳҳои такмили минбаъдаро тақозо менамояд.

Барои самаранок ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ зарур арзёбӣ карда шуда, дар ин марҳила роҳҳои инкишофёбии инноватсия аз як чанд нуқтаи назар асоснок гардида, дар шакли мушаххас ва муайян тарҳрезӣ карда мешавад. Имрӯзҳо аз ҷониби муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ як қатор лоиҳаҳои инноватсионӣ таҳия гардида, ҷиҳати татбиқ он аз ҷониби Ҳукумати кишвар чораҳои фаврӣ андешида шуда истодааст.

Ташкили низоми иттилоотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад, ки иқтидорҳои лозима муаррифӣ гардида, ҷиҳати пайдо намудани шарикони рушд дар ин самт заминаи мусоид муҳайё гардад.

Ташаккул ва такомули низоми тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ шарти асосии ба роҳ андохтани фаъолияти инноватсионӣ буда, тақозои такмилдиҳии низоми омодакунии кадрҳоро талаб менамояд. Чуноне, ки ба мо маълум аст, маҳз сармояи инсонӣ метавонад боиси инкишофёбии тамоми соҳа гардад.

Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки барои фаъол гардонидани раванди инвеститсионию инноватсионӣ ба корхонаҳои саноатӣ, таъмини амнияти онҳо роҳи асосӣ арзёбӣ мегардад, ки чунинад:

- истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷӣ оид ба маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ;

- махсусгардонии минтақаҳои кишвар оид ба истеҳсоли ин ё он молу маҳсулот вобаста ба мавҷудияти захираҳои моддӣ ва истифодаи самарабахши инноватсияҳо:

- ҳавасмандгардонии андозӣ барои сармоягузорон;

- муқаррар намудани имтиёзҳои давлатӣ барои ташкилотҳои инноватсионӣ;

- мушаххаснамоии иқтидори инноватсионии корхонаву ташкилотҳо ва ташаккул додани марҳилаҳои он;

- ташкили технопаркҳо, безнес инкубаторҳо бо мақсади ташкили оқилонаи раванди истеҳсолот;

- шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар самти рушди инноватсияҳо ва технолгияҳои инноватсионӣ;

- ҷалб намудани соҳибкорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва ташкили соҳибкории инноватсионӣ.

## 3.3. Роҳҳои такмили механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ва институтсионалии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳияи барномаҳои рушди соҳаи саноати мамлакат яке аз воситаҳо ва механизми асосии дастгирии давлатии рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Зеро муайян намудани афзалиятҳо ва стратегияҳои рушди низоми саноатии мамлакат ва асоснокнамоии онҳо аз нуқтаи назари илмӣ, ки ба навсозии заминаи технологӣ, моддию техникии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамояд, роҳандозӣ карда мешавад. Ин вазифаҳо, ки дар стратегияҳо ва барномаҳои рушди кишвар инъикос ёфтаанд, яке аз самтҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ маҳсуб меёбанд. Маҳз ба ҳамин самт татбиқи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» нигаронида шудааст.

«...Дар даҳсолаи наздик силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то нимаи асри XXI тадриҷан коҳиш медиҳад. Мо бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва аз имрӯз самтҳои модели рушди ояндаро муқаррар намуда, хусусиятҳои сифатии онро муайян созем» [10].

Дар доираи таъмини амнияти иқтисодӣ, тахти механизми таъмини амнияти иқтисодӣ маҷмӯи тадбирҳои ташкилӣ, иқтисодиеро меноманд, ки ба суботи корхонаҳо равона мешаванд.

Вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо, ин коҳиш додани сатҳи зарарнокӣ маҳсуб ёфта, инчунин пешгирӣ аз таҳдидҳо ба иқтидори истеҳсолии онҳо иборат аст.

Механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз маҷмӯи тадбирҳое иборат мебошад, ки барои рафъи таҳдидҳо дар назар дошта шудааст ва онҳоро метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

1. Муназзамкунанда–муназзамкунии муҳити дохилӣ ва берунии корхона ва алоқамандии онҳо ба омилҳои истеҳсолӣ;

2. Тадбирнокӣ–пешгӯйикунии хатару таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона ва таҳияи механизми бартарафкунандаи хатарҳо ва андешидани тадбирҳои амалӣ ҷиҳати баландбардори иқтидори истеҳсолии он;

3. Инноватсионӣ–истифодаи самараноки технологияҳои нав дар раванди таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ;

4. Иҷтимоӣ–андешидани роҳҳои асосии баландбардории сатҳу сифати зиндагии моликон ва кормандони корхонаҳои саноатӣ [34, с.67].

Аз таҳлили механизи мавҷудаи таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо мо метавонем унсурҳои асосии механизмро ошкор созем:

- ҳадаф;
- функсия;
- принсипҳо;
- ресурсҳо;
- воситаҳо;
- таҳияи қарорҳои идоракунӣ ҷиҳати пешгирии таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхона [155, с.18].

Бояд иброз намуд, ки яке аз унсурҳои муҳимтарини механизми таъмини амнити иқтисодии корхонаҳо, ин низоми мониторинг мебошад. Танҳо ба воситаи гузаронидани мониторинг метавон хавфу хатарҳои

мавҷударо ба амнияти иқтисодии корхонаҳо муайян намуд ва барои рафъи онҳо тадбирҳои лозимаро анҷом дод. Дар шароити муосир аксар маврид дар натиҷаи нодуруст гузаронидани мониторинг хавфу хатарҳои мавҷуда дар низоми амнияти иқтисодии корхонаҳо муайян карда намешавад ва ин сабаб мегардад, ки корхонаҳо ба буҳрони шадид дучор гарданд.

Барои рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳо метавон аз як қатор тадбирҳои амалӣ васеъ истифода бурд:

1. Арзёбии вазъи муосири таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ;

2. Муайянкунии иқтидори истеҳсолии корхона ва ҳамоҳанг кардани он ба чорабиниҳои зидди хатарҳо;

3. Истифодаи васеи технологияҳои инноватсионӣ ҷиҳати рафъи таҳдидҳо;

4. Баландбардории рақобатпазирии молу маҳсулоти саноатӣ ва васеъсозии низоми истеҳсолот;

5. Таҳияи методҳои муосири идоракунии таваккал ва роҳҳои такмили минбаъдаи он.

Нуқтаи асосии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо, ин ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташудае мебошад, ки он ба ҳифзи захираҳо, иқтидори истеҳсолӣ, ташаккули истеҳсолот, рақобатпазирӣ ва амсоли инҳо равона карда шудааст.

Яке аз вижагиҳои механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо ин ташаккул додани низоми бехатарӣ ва рафъи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ мебошад.

Аксар маврид, моликони корхонаҳои саноатӣ ҳангоми таҳияи механизми таъмини амнияти иқтисодӣ, бештар ба масъалаҳои амнияти молиявӣ диққати махсус медиҳанд, ки ин албатта сабабҳои муайяни худро дорад.

Дар марҳилаи аввали механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳо бештар ба манфиатҳои худи корхона ва сармоягузорон диққати

аввалиндарача медиҳанд, зеро ки сарчашмаи асосии ташаккули минбаъдаи корхона маҳз аз субъектони мазкур  вобаста мебошад ва ин омил сабаби он мегардад, ки нисбати раванди мазкур чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардад.

Вазифаҳои асосие, ки барои таъмини амнити иқтисодии корхонаҳои саноатӣ заруранд, бояд аз ҷониби моликони онҳо тарҳрезӣ  карда шуда, сипас аз нуқтаи назари амалишавӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло мо механизми ташкилии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркардро тариқи зайл таҳия намудем ва онро метавонед дар Расми 3.7. мушоҳида созед.




**Расми 3.7. - Шакли такмилёфтаи механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард.**

***Сарчашма:*** Таҳияи муаллиф

Доираи амалишавии механизми таъмини амнияти иқтисодӣ бояд фарогири як қатор тадбирҳои амалӣ бошад, ки онро албатта тибқи нақшаи амал роҳандозӣ менамоянд.

Барои такмили механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ зарур мешуморем, ки роҳҳои зерин амалӣ карда шаванд:

– фарохтар гардонидани доираи таъсирнокии низоми таъмини амнияти иқтисодӣ;

– амиқгардонии таъсири низоми амнияти иқтисодӣ ва заминаҳои асосии он;

– баландбардории робитаи давлат бо корхонаҳои саноатӣ;

– ҷорисозии воситаҳои асосии идоракунии захираҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ.

Дар шароити муосир барои дилхоҳ корхона баландбардории низоми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ вазифаи муҳим арзёбӣ мегардад. Таъмини амнияти иқтисодӣ кори мураккаб буда, якчанд маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро тақозо менамояд.

Корхонаҳои саноатӣ ҳангоми таҳияи стратегияи рушди худ бештар бояд ба механизми таъмини амнияти иқтисодӣ диққати махсус диҳанд.

Барои таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноати мамлакат ва дар ин замина рушди устувори кишвар иқтидори кофии захираҳои иқтисодию табиӣ мавҷуданд, ки истифодаи самараноки онро тақозо менамоянд. Тавре аз таҳлилҳои боби дуюми таҳқиқот маълум гашт, баъзе аз мушкилотҳои таъмини устуворнокӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноатии коркарди кишвар то ҳол роҳи ҳалли худро наёфтаанд.

Аз ин лиҳоз самтҳои афзалиятноки дастгирии институтсионалии соҳаи саноати коркард чунин мебошанд:

- фазои мусоиди ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба соҳаи саноати коркард;
- баланд бардоштани ҷолибияти соҳаҳои саноати коркард барои сармоягузорон;
- баргузории доимии мониторинги сармоягузорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги идоракунӣ ва татбиқи он;
- ташкили фаъолияти босамари ҳамкории корхонаҳои саноати коркард ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ;

ташкили шароити мусоид дар рушди соҳаи саноати коркард.

Бо мақсади возеҳтар намудани масъалаи мазкур, метавон роҳҳои асосии такмилдиҳии механизми таъмини амнияти иқтисодиро тариқи зайл гурӯҳбандӣ намуд. (Ҷадвали 3.5.).

**Ҷадвали 3.5. - Роҳҳои такмилдиҳии низоми амнияти иқтисодии корхонаҳо ва унурҳои он***

| Ҷузъҳои низом | Роҳҳои такмилдиҳии унсурҳои асосии низоми амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ |
|---|---|
| Унсурҳои асосии истеҳсолӣ: | |
| Амнияти молиявӣ | Беҳтарсозии механизми баҳисобгирии молиявӣ, ичунин банақшагирии стратегӣ ва тактикаи идоракунии он |
| Амнияти кадрӣ | Баландбардории иқтидори кадр ба воситаи роҳандозии чорабиниҳо ба монанди гузаронидан аз курси такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ҷалби кадрҳои болаёқат ва такмили механизми ҳавасмандкунии онҳо, ки боиси зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолот ва коҳиш ёфтани як қатор хароҷотҳо мегардад. |
| Амнияти технологӣ | Маблағгузорӣ барои гузаронидани корҳои таҳқиқотию конструкторӣ, ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот, ташкили низоми самараноки таблиғотӣ ва ташаккул додани низоми таҳлилӣ. |
| Амнияти ҳуқуқӣ | Беҳтар сохтани фазои қонунмеҳварӣ дар корхона ва ташаккул додани чораҳои ҳуқуқӣ бо мақсади коҳиш додани як қатор падидаҳои номатлуб, аз қабили коррупсия ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ. Дар раванди мазкур барои корхонаҳо ҳуқуқшиносоне зарур аст, ки ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқиро баланд бардошта, вазъи корхонаро ба низоми муайян дароранд. |
| Амнияти иттилоотӣ | Маҳдудсозии иттилооти корхона барои ашхоси ғайр ва таъмини амнияти иттилооти корхона ба воситаи технологияҳои муосиру ҳозиразамон, иттилоот барои дилхоҳ корхона унсури муҳим арзёбӣ карда мешавад ва аз ин рӯ ҳифзи он ҳамчун омили калидӣ маҳсуб меёбад. |
| Амнияти экологӣ | Барои корхонаҳо зарур аст, ки назорати стандартҳои экологиро хуб ба роҳ монда, онро ба танзим дароранд, зеро вазъи экологӣ метавонад боиси коҳишёбии истеҳсолот гардад. Аз ин рӯ, барои корхонаҳо дар ин марҳила экологҳои касбӣ зарур аст. |
| Амнияти қувваи корӣ | Ҳангоми ба кор қабул намудани кормандон бояд ба неруву саломатии ҷисмонии онҳо диққати махсус дода шавад, зеро истеҳсолот аз онҳо сахт вобастагӣ дорад. |
| Унсурҳои ғайристеҳсолӣ | |
| Амнияти маркетигӣ | Самти мазкур фарогири вазифаи асосии маркетологҳо мебошад. Маҳз, маркетологҳо метавонанд, фурӯши молу маҳсулотҳои истеҳсолшударо таъмин созанд. Аз ин лиҳоз, моликони корхонаҳоро зарур аст, ки барои баланд бардоштани мотиватсияи маркетологҳо тамоми чорабиниҳоро равона созанд. Сарчашмаи асосии даромади корхона аз ин бахш маншаъ мегирад. |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дигар самти таъмини амнияти иқтисодӣ ва устувор гардонидани раванди саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар диверсификатсияи истеҳсолот ба ҳисоб меравад, ки он ҷорисозии инноватсия, устуворгардонии базаи ашёи хоми истеҳсолӣ, ташкили корхонаҳои саноати коркарди насли нав, азнавсозии техника ва технологияи корхонаҳои саноатӣ, баландбардории сифати маҳсулот, дастгирии маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатии ватанӣ дар бозори дохилиро дар бар мегирад. Диверсификатсия афзалиятҳои молу маҳсулотҳои истеҳсолкардаи корхонаҳои саноати коркарди кишварро аз корхонаҳои саноати коркарди хориҷӣ таъмин намуда, заминаи мусоиди рақобатпазириро барои молу маҳсулотҳои ватанӣ дар бозори дохилӣ муҳайё месозад. Ҷиҳати таъмини диверсификатсияи саноати коркард, анҷоми корҳои зерин аз имкон холӣ намебошад:

- воридсозии технологияҳои муосири пуриқтидор, ки истеҳсоли он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриимкон аст;
- ҳавасмандкунии фаъолияти якҷояи илмӣ ва истеҳсолӣ, ки натиҷаи он тавлиди молу маҳсулотҳои рақобатпазири ватанӣ арзёбӣ мегардад;
- ташкили силсила чорабиниҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо иштироки мутахассисони соҳавӣ ва мубодилаи иттилооти илмӣ-техникӣ, ки рушди минбаъдаи соҳаро дар назар дорад;
- ташкил ва баргузории намоишҳо, ярмаркаҳои фурӯши молҳои истеҳсолоти саноатӣ, ки дар дохил ва хориҷи кишвар аз ҷониби корхонаҳои саноати коркард тавлид ёфтаанд;
- ба такмили ихтисоси кормандони соҳавӣ додани аҳамияти махсус ва сафарбарнамоии онҳо ба хориҷи кишвар ҷиҳати андухти таҷрибаи муосири хусусияти инноватсионидошта;
- ташкили шуъбаҳои иттилоотӣ дар сохтори корхонаҳои саноатӣ, ки ба таҳқиқ ва омӯзиши вазъи бозор машғуланд.

Маҳз ин тадбирҳо боис мегарданд, ки дар корхонаҳои саноати коркард, суботи молиявӣ имконпазир гашта, ниҳоятан амнияти иқтисодии онҳо таъмин шаванд.

Дар баробари худ ба андешаи мо яке аз роҳҳои асосии таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти маҳсулоти саноати коркард, ин андешидани маҷмӯи чорабиниҳо ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани ҳамкориҳои зичи илмӣ ва истеҳсолӣ мебошад. Самаранок татбиқ намудани натиҷаҳои илман асоснок дар раванди истеҳсолоти саноатӣ мушкилотҳои ҷойдоштаро пурра ё қисман аз байн мебарад. Вазифаи асосии давлат дар самти идоракунии самараноки рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди кишвар пешниҳод намудани имтиёзҳо мебошад. Зеро ки барои инкишофи инноватсионии корхонаҳои саноати коркарди кишвар пеш аз ҳама муқаррар намудани сабукиҳои андозӣ, додани қарзҳои имтиёзнок, кам намудани назоратҳои давлатӣ, коҳиш додани фоизи боҷҳои гумрукӣ ҳангоми ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва ғайраҳо мебошад.

Фаъолияти инноватсионӣ барои дилхоҳ корхонаҳои саноатӣ заминаҳои инкишофи истеҳсолӣ, рақобатпазириро фароҳам сохта, мунтазам ва тибқи марҳилаҳои муайян, рушди марҳилавӣ ва амнияти иқтисодиро таъмин месозад.

Тавре аз таҳлилҳои боби дуюми таҳқиқот бармеояд дар ҳудуди кишвар имрӯзҳо гарчанде истеҳсолоти саноатӣ ба роҳ монда шуда бошад ҳам, то ҳол воридот нисбат ба истеҳсолот зиёд аст, ки ин нишондиҳандаҳо аз таҳдиди амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатии ватанӣ дарак медиҳад. Бо мақсади хубу самаранок роҳандозӣ намудани истеҳсолоти саноатии ватанӣ зарур аст, ки технологияҳои наву замонавӣ истифода карда шавад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Солиев Ҳ.А. бо мақсади баланд бардоштани сифат ва нуфузи маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ бояд ба чунин чорабиниҳо аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намуд:

- татбиқи низомҳои байналмилалии стандартҳои сифат дар корхонаҳои саноатии соҳа;
- татбиқи технологияҳои муосири экологӣ дар минтақа;
- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои таблиғи маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

- рушд ва таблиғи тамғаҳои миллии корхонаҳои саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи шинохти маҳсулоти дорои нишони «Made in Tajikistan» дар бозорҳои хориҷӣ;

- мусоидат дар иштироки корхонаҳо дар намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳои саноатии байналмилалӣ;

- бунёди иншооти нав дар доираи сиёсати содиротию воридотивазкунанда ва афзоиши содирот [159, с.151].

Ба ақидаи мо ҷиҳати хубу самаранок ба роҳ мондани раванди истеҳсолоти саноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ташкили корхонаҳои муштарак бо шарикони хориҷӣ, дарёфти грантҳо барои таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ба роҳ мондани маркетингу таҳияи таблиғотҳои муаррификунанда зарур мебошад.

Бояд қайд кард, ки алоқамандии илм ва истеҳсолот шарти муҳими таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард ва рақобатпазирии миллӣ мебошад. Зеро, маҳз татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва истеҳсоли маҳсулоти сифатан нав аз натиҷаи корҳои имлию тадқиқотӣ маншаъ мегиранд.

Соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи индекси ҷаҳонии инкишофи инноватсия дар ҷойи 103-юм қарор дорад, ки фаъолияти инноватсионии кишварро ғайриқаноатбахш баҳогузорӣ менамояд.

Бинобар он ба фикри мо бахри ҷорӣ намудани инноватсия дар фаъолияти корхонаҳои саноати коркарди кишвар, ки суботи онҳоро таъмин менамояд, иҷрои амалҳои зерин саривақтӣ мебошад:

- ташкили инфрасохтори самараноки рушди фаъолияти инноватсионӣ;

- танзими ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ;

- ташкили низоми ҳавасмандгардонӣ ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самараноки инноватсионӣ;

- ташкили фазои мусоиди рушди идоракунии давлатии фаъолияти инноватсионӣ;

- ташкили ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ бо шарикони хориҷӣ;

- дастгирии давлатӣ дар самти ташкили паркҳои технологӣ;

- таъсис ва бунёди корхонаҳои венчурӣ;

- ба роҳ мондани фазои мусоиди маблағгузорӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ дар робита ба пешбурди фаъолияти инноватсионӣ;

Иҷрои чораҳои зарурии болозикр имконият медиҳад, ки корхонаҳои наву замонавӣ бунёд ёбад ва воситаи асосии истеҳсолоти ватанӣ эҷод гардад. Чуноне, ки ба мо маълум аст ҳар қадаре, ки микдори корхонаҳои навтаъсис зиёд гардад, ҳамон қадар ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ рӯ ба афзоиш меёбад, ки дар натиҷа содироти маҳсулотҳои ватанӣ ба хориҷи кишвар ва воридшавии селаи асъори хориҷӣ ба кишвар сурат мегирад.

Дар шароити муосир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили корхонаҳои саноати коркард афзалиятноктар аст, зеро захираи кофии моддӣ дар ин самт мавҷуд мебошад.

Чуноне, ки таҳлилҳо нишон медиҳанд «...ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард дар соли 2017 9368 млн сомониро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 22313 млн сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2016 12945 млн сомонӣ зиёд аст ва афзоиши он бо фоиз нисбат ба соли 2016 138,1% зиёд мебошад» [11, с.14].

Соли 2017 шумораи корхонаҳои саноатӣ 1999 ададро ташкил медод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 3453 адад расида ва ё 172,7% зиёд гардидааст. Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ бошад давоми солҳои 2017-2023 0,8% зиёд шудаанд. Ҳамчунин ҳаҷми истеҳсолоти саноаӣ бо маротиб зиёд шуда, тақрибан 1,96 маротиба афзоиш ёфтааст.

Дар маҷмӯъ ба ақидае омадан мумкин аст, ки дар марҳилаи таҳлилӣ таносуб байни нишондиҳандаҳои шумораи корхонаҳо ва шумораи миёнаи солонаи коркунон ҷой дорад ва ин тамоюл бевосита ба корхонаҳои саноатӣ таҳдид эҷод менамояд. Ҳол он, ки тибқи нишондиҳандаҳои таҳлили пешгӯйикунӣ то соли 2030 132 ҳазор ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби таъсиси корхонаҳои саноатӣ бояд ташкил карда шавад.

Дар баробари ин барои устувор ва рақобатпазир гардонидани истеҳсолоти корхонаҳои саноати коркарди кишвар, роҳандозии самараноки технологияҳои инноватсионӣ зарур мебошад. Истеҳсоли молҳои баландсифат барои корхонаҳои саноати коркарди кишвар имкониятҳои пайдо намудани мавқеи муайянро дар бозори дохилӣ ва ба баланд бардоштани иқтидори содиротӣ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр такмили механизми дастгирии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки баҳри таъмини амнияти иқтисодӣ равона гардидааст, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Давлатова Р.Қ. «...ноустувории фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ дар маҳдуд будани имкониятҳои молиявии давлат дида мешавад. Аз ин рӯ, беҳтаркунии муҳити сармоягузорӣ, баландбардории фаъолнокии сармоягузорӣ ва таъмини ҷолибияти сармоягузории корхонаҳои саноати сабук роҳи ҳалли масъала мебошад» [151, с.158].

Дар воқеъ вазъи ноустувори фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ин ба кам маблағгузорӣ гардидани раванди ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ ба кишвар мебошад. Гарчанде аз ҷониби давлат як қатор имтиёзҳои андозию гумрукӣ барои воридсозии технологияҳои муосир муқаррар гардида бошад ҳам, ҳануз вазъи муосири воридсозии технологияҳои инноватсионӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ қонеъкунанда нест.

Вобаста аз ин дар доираи тадқиқот мо баҳри таъмини рушд ва амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард, механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои корхонаҳои саноати коркардро таҳия ва пешниҳод намудем. Ниг. ба Расми 3.8.

Аз ин рӯ метавон дар оянда чунин имтёзҳоро ҷиҳати такмили ин механизм роҳандозӣ намуд:




**Расми 3.8. - Механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои корхонаҳои саноатӣ**

**Сарчашма:** *Таҳияи муаллиф*

- аз низоми андозбандӣ озод намудани тамоми хароҷотҳои корхонаҳо оид ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки бевосита ба эҷод ва истеҳсоли маҳсулотҳои наву рақобатпазир алоқаманданд;

- аз ҷониби давлат пешниҳод намудани қарзҳои имтиёзнок барои корхонаҳои саноатие, ки ба воридсозии технологияҳои инноватсионӣ мароқ зоҳир менамоянд;

- пурра аз андоз озод намудани муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии давлатӣ ва ғайридавлатие, ки коркард ва банақшагирии лоиҳаҳои инноватсиониро ба уҳда доранд;

- дар сохтори корхонаҳои саноатӣ таъсис додани ташкилотҳои илмӣ-техникӣ ва озод намудани онҳо аз ҳама гуна пардохтҳо то муҳлати муайян;

- ташкили платформаи ягонаи иттилоотии миллӣ, ки ба муаррификунии иқтидори истеҳсолӣ, сифати молу маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ, имкониятҳои истеҳсолӣ машғул бошад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки соҳаи саноати коркард яке аз зерсоҳаҳои асосии саноати кишвар маҳсуб ёфта, ҳамчун заминаи муфиди инкишофи иқтисодиёти миллиро ташкил медиҳад. Воридсозии технологияҳои наву муосир ва истифодаи самараноки онҳо дар раванди истеҳсолот натиҷаҳои назаррасеро ба бор оварда, амнияти иқтисодии соҳаи саноати коркардро таъмин менамояд.

Бояд қайд кард, ки яке аз принсипҳои маъмултарини дастгирии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ин ҳавасмандгардонии онҳо аз ҷониби давлат арзёбӣ мегардад. Ҳавасмандгардонии давлатӣ имконияти истеҳсолии корхонаҳои саноатиро муҳайё сохта, инчунин барои инкишоф ва устуворнокии онҳо иқтидори инноватсионию истеҳсолиашонро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ давлат ба воситаи низоми ҳавасмандгардонӣ метавонад инкишофи босуботи корхонаҳои саноатиро таъмин созад ва шароити муфиди инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро муайян кунад.

Ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатии инкишофи инноватсионии корхонаҳои саноати коркард ҳамин нуқтаро бояд иброз

намоем, ки сараввал сармоягузории мустақими хориҷӣ дар шароити ҳозира заруртар аст. Яъне  барои воридсозии технологияҳои инноватсионӣ корхонаҳо аз ҳар сарчашмаҳои пардохт истифода менамоянд. Барои кишвари мо дар ин самт коркарди ғояҳои инноватсионие, ки рушди истеҳсолотро дар худ таҷассум менамояд ва заминаи муфиди рақобатпазирӣ, амнияти иқтисодӣ мебошад, зарур аст. Бинобар он барои дарёфти грантҳо ва кӯмакҳои беподош ҷиҳати инкишофи инноватсионӣ коркарди ғояҳои илман асоснок зарур аст.

Ҳамин тавр дар шароити муосир ҷиҳати инкишофи индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки шарти муҳими таъмини амнияти иқтисодии онҳо мебошад ташкили ҳамкориҳои мутақобилаи давлат бо бахши хусусӣ зарур аст, зеро ки муассиси аксарият корхонаҳои саноатӣ бахши хусусӣ мебошад. Ҳамчунин таъмини истеҳсолоти маҳсулотҳои рақобатпазири саноатӣ маҳз ба воситаи технологияҳои муосири инноватсионӣ имконпазир мебошад.

## ХУЛОСАҲО ОИД БА БОБИ 3

1. Барои таъмин намудани амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ зарурати коркарди як қатор стратегияву барномаҳои соҳавӣ зарур ҳисобида мешавад, зеро ташаккули низоми истеҳсолии корхона аз фишангҳои инвеститсионию инноватсионӣ сахт алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, инкишоф додани раванди истеҳсолоти саноатӣ бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ як қатор заминаҳои муфидро ҷиҳати рушди минбаъдаи кишвар фароҳам меоварад.

2. Ба андешаи мо барои самаранок роҳандозӣ намудани механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ин ба роҳ мондани як қатор тадбирҳои амалӣ аз қабили, банақшагирии дурусти фаъолият, муайян намудани шарикон, ба назар гирифтани маҷмуи захираҳо, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад.

3. Барои коҳиш додани таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳо, коркарди стратегияи зиддибуҳронӣ аз манфиат холӣ набуда, марҳила ба марҳила бояд амалӣ карда шаванд, зеро дилхоҳ корхонаи истеҳсолӣ новобаста аз шакли моликияташ метавонад ба буҳрон дучор ояд. Яке аз

таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ин буҳрони иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ зарур мешуморем, ки дар нақшаи рушди корхонаҳо ба инобат гирифтани меъёрҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

4. Барои рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои истеҳсолӣ пурзӯр намудани механизми рақобатпазирии онҳо зарур мебошад. Барои пурқуват намудани корхона пеш аз ҳама дар бозор зиёд пайдо гардидани истеъмолкунандагон аст, ки дараҷаи рушди минбаъдаи корхонаҳоро муайян месозад. Рақобатпазирии корхона аз омилҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд буда, дар сурати мутобиқ гардонидани онҳо рафъи мушкилотҳои ҷойдошта ба даст меоянд.

5. Барои таъмин намудани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, ки яке аз унсурҳои асосии таъминкунандаи амнияти иқтисодии корхонаҳо мебошад, истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ ба салоҳи кор хоҳад буд. Таҷриба нишон медиҳад, ки 80% муваффақиятҳои корхонаҳо аз истифодаи самараноки технологияҳои инноватсионӣ вобаста аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ намудани низоми истифодаи технологияҳои инновасионӣ бояд роҳандозӣ карда шавад.

6. Дар навбати худ таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ фаъолияти пурсамарро тақозо менамояд ва бояд маҷмӯи тадбирҳои амалӣ, бо назардошти сатҳи истеҳсолот, дараҷаи истеъмолоти молҳои истеҳсолшуда ва ташаккули зина ба зинаи корхонаҳо пешбинӣ карда шавад, то ки самараи хубу муфидро фароҳам созад.

7. Барои самаранок роҳандози намудани механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар сатҳи мамлакат бояд ба роҳ монда шавад, зеро ки то кунун ягон санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, махсусан дар самти таъмини амнияти иқтисодӣ қабул карда нашудааст.

# ХУЛОСА

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мавзӯи таҳқиқшаванда хулоса ва пешниҳодҳои зерин натиҷагирӣ карда мешаванд:

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Дар натиҷаи омӯзиши комплексӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои муосири илмӣ доир ба амнияти иқтисодӣ, инчунин корҳои илмии ба масъалаҳои аманияти иқтисодии корхонаҳо бахшида шудаанд, муаллиф таърифи аниқкардашудаи категорияи мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи саноат пешниҳод намудааст. *Таъмини амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ* ҳамчун ҳолати фаъолияти мӯътадил ва устувори амалкарди корхонаҳои саноатӣ, қобилияти амалӣ намудани қарорҳои инноватсионӣ, муттасилӣ ва самаранокии раванди истеҳсолот, таъмини пардохтпазирӣ ва ноил шудан ба сатҳи баланди рақобатпазирии он дар шароити таъсири таҳдидҳо ва хатарҳои дохиливу берунӣ маънидод карда шудааст. Таърифи мазкур зарурати равиши бонизом ва пешгирикунандаро нисбӣ ба идоракунии амнияти иқтисодии корхона ифода намуда, ҳамзамон диққатро ба ҷабҳаҳои муҳим, ба монанди фаъолнокии инноватсионӣ, устувории молиявӣ, боэътимоднокии истеҳсолот ва мутобиқати стратегӣ ба шароитҳои ивазшавандаи фаъолият ҷалб намудааст [1 - М].

Бинобар он таъмини амнияти иқтисодии корхона, фарогири манфиати корхона, яъне раванди ба даст овардани даромад ва фоида, истифодаи оқилонаи захираҳои моддиву молиявӣ, ҳамчунин коҳиш додани қабули қарорҳои эҳтимолие, ки рушди минбаъдаи он таъсири манфӣ мерасонанд.

2. Омилҳои дохиливу берунӣ, ки ба аминияти иқтисодии корхона таҳдид мекунанд муайян карда шуданд, аз ҷумла: номукаммалии низоми иттилоотӣ, технологияи ақибмонда ва паст гаштани иқтидори истеҳсолӣ, ҷойдоштани нақшаи такмилнаёфтаи ҷорӣ ва дарозмуддат, фазои сиёсӣ, бӯҳрони сатҳи макроиқтисод, таъсири сохторҳои ғайрирасмӣ, ҳолатҳои фавқуллодаи хусусият табиӣ ва техногеннӣ дошта. Ҳамин тавр амнияти иқтисодии корхонаро аз нуқтаи назари паст намудани дараҷаи таъсири ин омилҳои

ҷойдошта баррасӣ бояд кард [5 - М].

3. Хусусияти дигари таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ дар самти воридсозии технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Хароҷотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои бунёдӣ бояд мунтазам тибқи дараҷаи истеҳсолот ба роҳ монда шавад. Агар ҳаҷми харҷотҳо барои гузаронидани таҳқиқотҳои бунёдӣ аз ҳаҷми истеҳсолот зиёд бошад, он гоҳ механизми ташкили ин раванд начандон мебошад. Барои дуруст роҳандозӣ намудани раванди таҳқиқот бояд сараввал нақшаи мушаххас тарҳрезӣ карда шавад, то ки хароҷотҳои иловагиро барои корхона ба миён наорад [6 - М].

4. Дар натиҷаи низомбандии равишҳои методии арзёбии амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, алгоритми баҳодиҳии ҳамаҷонибаи сатҳи амнияти иқтисодии корхонаи саноатӣ дар давраи муайян асоснок гардид, ки он аз бадастоварии иттилоот, муайянсозии мушкилот ва таҳлили самаранокӣ иборат аст. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки алгоритми мазкур хосияти кӯтоҳмҳлат дошта дар давраи муайян истифода гардад ба мақсад мувофиқ аст [6 - М].

5. Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда муайян намуд, ки чунин монеаҳо дар самти таъмини амнияти иқтисодии соҳаи саноати кишвар мавҷуд аст:

- номувофиқии истифодаи захираҳои моддии ба корхонаҳо ҷудошуда;
- ба мушкилӣ дучор омадани корхонаҳо, ҳангоми мутобиқшавӣ ба ҷорисозии инноватсияҳо;
- маҳдуд шудани мавқеи корхона ҳангоми фурӯши маҳсулот дар бозор;
- устувор набудани вазъи молиявӣ;
- номувофиқии шарикони тиҷоратии ватанӣ, ҳангоми ҳамкории дар соҳаи истеҳсолӣ.

Дар ин маврид корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки баҳри рафъи ин омилҳои манфӣ ва таъмини амнияти иқтисодии хеш нақшаи тадбиқи илман асоснокро таҳия намуда, ҳамоҳангии низоми истифодаи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва техникиро ба роҳ монанд [4 – М; 7 - М].

6. Дар доираи таҳқиқот саноати коркард аз рӯи ду меъёр шумораи кормандон ва ҳаҷми истеҳсолот арзёбӣ гардид. Бо ҳамин шумораи кормандони онҳо 9,5 то 13,4 ҳаз. нафар ва ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли саноати коркард аз 10,9% то ба 40,7% ташкил доданд. Ин соҳаҳои саноати коркардро, яъне истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, нушокӣ ва тамоку, истеҳсоли металлургӣ, нассоҷӣ ва дӯзангӣ, истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти филизӣ ва маъданиро метавон, ҳамчун аз лиҳози иқтисодӣ бахши устувор номид. Зеро яке аз нишондиҳандаҳои таъмини амнияти иқтисодии саноат ин самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва зиёдгардии ҳаҷми истеҳсолот мебошад [4 – М; 15 – М; 17 - М].

7. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи рӯ ба инкишоф қарор дошта, дар натиҷаи ба кор андохтани захираҳои моддиву техникӣ метавонад комилияти мутлақро ба даст орад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки суръати инкишофи корхонаҳои саноатӣ сол то сол рӯ ба инкишоф қарор дорад ва ин боис мегардад, ки якчанд мушкилотҳо аз қабили, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, пайдо намудани иқтидори истеҳсолоти ватанӣ, гардиши савдои молҳои саноатӣ зиёд гардад. Дар шароити муосир барои корхонаҳои саноатӣ пеш аз ҳама воситаи техникии хусусияти инноватсионӣ дошта зарур аст, то ки ҳаҷми истеҳсол, сифат ва рақобатпазириро дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ нигоҳ дошта, ниҳоятан боиси таъмин амнияти иқтисодии онҳо гардад. Аз нуқтаи назари мо барои инкишоф додани истеҳсолоти саноатӣ, баландбардории технологияи инноватсионӣ зарур мебошад [5 – М, 11 - М].

8. Ҳаҷми ками сармоягузорӣ ба тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ метавонад корхонаҳоро ба хатарҳои гуногуни иқтисодӣ оварда расонад. Зеро бидуни таҳия ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои идоракунӣ корхонаҳои ватанӣ мавқеъи худро дар бозори дохилӣ аз даст медиҳанд ва наметавонанд ба бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти нассоҷӣ ворид шаванд. Бинобар он дар кори диссертатсионӣ зарурияти тадбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самт асоснок шудаанд, ки ба рақобатпазирии соҳаи саноати ватанӣ ва таъмини амнияти иқтисодии онҳо равона гаштаанд [19 -

М].

9. Зимни таҳқиқот муайян гардид, ки барои самаранок роҳандозӣ намудани механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ба роҳ мондани як қатор тадбирҳои амалӣ аз қабили, банақшагирии дурусти фаъолият, муайян намудани шарикон, ба назар гирфтани маҷмӯи захираҳо, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, истифода технологияҳои инноватсионӣ саривақтӣ мебошанд [7 – М; 16 - М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Дар кори диссертатсионӣ асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷии таъмини амнияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат, механизм ва усулҳои нави дарстгирии давлатӣ пешниҳод гардидааст, ки ба рушди босуботи корхонаҳои саноатӣ мусоидат мекунанд [13 – М; 14 - М].

2. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда доир ба ошкоркунӣ ва рафъи омилҳои манфии калидӣ, ки садди роҳи рушди корхонаҳои саноати коркардро мегарданд, самтҳои амалии таъмини амнияти иқтисодӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд. Самтҳои мазкур дар доираи ташаккул ва таҳкими инфрасохтори мавҷудбуда баррасӣ гаштаанд, аз он ҷумла:

- инфрасохтори институтсионалӣ- такмили пойгоҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва механизми танзими давлатӣ, ки ба созмони муҳити мусоид барои фаъолият ва рушди корхона равона шудаанд;
- инфрасохтори сармоягузорӣ – ҳавасмандии ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва беруна ба соҳаи саноат бо мақсади азнавкунии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ;
- инфрасохтори молиявӣ-қарзӣ – таъмини дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, рушди механизми қарздиҳии имтиёзнок ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ;
- инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ- оптимизатсияи равандҳои логистикӣ, рушди инфрасохтори расонидан, нигоҳдорӣ ва тақсимоти маҳсулот, пасткунии хароҷот барои кашонидани молҳо;
- инфрасохтори истеҳсолӣ-фурӯшӣ - баланд намудани самаранокии

равандҳои истеҳсолӣ, васеъкунии бозори фурӯш, такмили шабакаҳои тақсимот ва дастгирии логистикӣ;

•инфрасохтори иттилоотӣ-маркетингӣ – рушди низоми таҳлил, маркетинги рақамӣ ва дастгирии иттилоотии қарорҳои идоракунӣ дар асоси шароити бозор;

•инфрасохтори илмӣ-технологӣ - ҳамгироии дастовардҳои илмӣ дар фаъолияти истеҳсолӣ, татбиқи инноватсия ва технологияҳои пешқадам, рушди ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмӣ ва технопаркҳо.

Татбиқи самтҳои овардашуда имкони ташаккул додани модели устувор, мутавозин ва мувофиқи амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркардро фароҳам оварда, рақобатпазирӣ ва рушди устувори онҳоро дар шароити таҳдидҳои иқтисодии берунӣ таъмин менамояд [12 - М].

3. Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда самтҳои асосии афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати коркард муайян карда шудаанд, ки зарурати гузариш ба модели инноватсионӣ-индустриалии рушд, баланд бардоштани рақобатпазирии технологӣ ва устувории соҳаи истеҳсолотро инъикос менамоянд. Дар асоси ин самтҳои такмили низоми татбирҳои институтсионалии дастгирии давлатӣ асоснок гардидаанд, ки ба ҳавасмандгардонӣ ва пайгирии раванди азнавсозӣ ва васеъшавии фаъолияти корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Модели таҳиягардидаи дастгирии давлатӣ равишҳои комплексӣ ва ҳамоҳангсозро дар назар дорад, ки ба ҳамкорӣ ва иштироки муштараки муассисаҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, таълимӣ ва тиҷоратӣ асос гирифтааст. Чунин синергетикаи институтсионалӣ дастгирии бисёрсамтаро таъмин менамояд, ки аз дастгириҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, сармоягузорӣ-молиявӣ, таъминоти илмӣ-технологӣ ва кадрӣ иборат мебошад. Вазифаи калидии низоми мазкур – ин ташаккули шароитҳои мусоид барои рушди устувор ва дигаргунсозиҳои сохтории иқтидори истеҳсолии саноати коркард мебошад, аз он ҷумла кам кардани монеагиҳои институтсионалӣ, васеъ кардани доираи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонии фаъолнокии

инноватсионӣ ва баландшавии самаранокии равандҳои истеҳсолӣ-технологӣ [21 - М].

4. Дар кори илмӣ тарҳи нави механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноати коркард таҳия карда шудааст, ки ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонида, боиси равандҳои фаъолияти инноватсионӣ ва экологии корхонаҳои саноати коркард мегарданд [22 - М];

